# Силсила Нури Имомат

Яке аз таснифот

Аллома Насируддин Насир Ҳунзайӣ

1987 AH

# Силсилаи Нури Имомат

Яке аз таснифот
**Алломa Насируддин Насир Ҳунзайӣ**
(Ситораи Имтиёз)

Тарҷума аз
**Лайла (Сахизода)**

Таҷдиди назар аз
**Доктор Фақир Муҳаммад Ҳунзайӣ**

шоеа карда
**Институт фор Спиричуал Виздом энд Люминус Саенс (ISW&LS)**

www.monoreality.org
www.ismaililiterature.com
www.ismaililiterature.org
global-lectures.com

©2025

# Тамҳиди мӯҷаз

**Тарҷумаи чопи нахустини ин китоб** мустатаб **(Силсилаи Нури Имомат) аз Ҳазрати бузургвор Аллома Насируддин Насир Ҳунзайӣ (ҚС), ки муҳтавои ҳақоийқи** Илму-л-Яқин, **анвор-и** Айн-ул-Яқин **ва** Ҳаққ-ул-Яқин **аст, ро азиз ва муҳтарама Лайла (Сахизода) бо кӯмаки Ҷаноби Донишманди Арҷманд Ҳабибурраҳмон (Руфи) дар соли 2017 милодӣ аз забони Урду ба забони Форсии (Дари) ба итмом расонида буд. Худованд Лайларо зеҳнат ва** афр аъто фармуда**, ва тарҷумаи ӯ хели хуб аст. Вале мутаасифона дар матн ва тартиби он иштибоҳо монда аст, ки эҳтиёҷ ба таҷдиди назар дорад.** Лаҳазо**, бандаи** аҷиз ҷуз ҳусби истеъътоат худ дар озалаи онҳо кӯшидэ аст. Агар ҳанӯз ҳам иштибоҳотӣ монда аст, масъулияти онҳо бар банда аст.

**Дар чопи ҳозир ба дархости бандаи азиз ва муҳтарам** Лаъл Муҳаммад Набӣзода **дар тартиб ва** тазийн **ин китоб заҳмат бисёр кашида анд,**

Балхусус **дар ғалатгирӣ, феҳорисва тарҷумаи се назми туркӣ аз тарҷумаи Урдуи Ҳазрати Устоди бузургвор (ҚС) ба (Қимматӣ лавзи дур дарӣ) Мавлаи Кайнот хадамату наҷиз бангонҳоямро, ки барои ишоат ва тарбиҷ илми муқаддас ӯст, Таъали ва Тақаддаса, чизе гардонад, ва ба ҳузури** ақдас худ **қабул кунад. Омӣ ё Раби-л-аъламин! Ё Али Мадад!**

**Фақири Ҳақир**
**Маркази Илм ва Ҳикмат, Лондон**
**15 Сентябр 2023 милодӣ**

**Дибоча**

Ин китоб, ки қаблан аз забони урду ба забони форсӣ тарҷума шуда буд, ба хотири осон кардани истифодаи он барои ҷамоати Тоҷикистон, ки бо алифбои форсӣ ошно нестанд, ба алифбои сириллик баргардонда ва танзим карда шудааст. Дар иҷрои ин кор бандаи камтар Наҷмуддин Сафдари бо ҳамкорӣ ҷаноби муҳтарам Давлатманд Ақулбеков, таҳти роҳнамоии ҳазрати доктор Фақир Муҳаммад Ҳунзойӣ соҳиб ва муҳтарамма Рашида Ҳунзойӣ соҳиба ба анҷом расид.

Ин нусха бо умеди он таҳия шудааст, ки мавриди қабули ҳазрати Ҳақ, Нур Мавлоно Шоҳ Раҳимулҳусайнӣ Ҳозир Имом қарор гирад ва заминаи рушду густариши маърифат ва шинохти бештар миёни ҷӯяндагони ҳақиқат гардад.

Дар сурати мавҷуд будани ҳар гуна камиву норасоӣ, масъулият бар дӯши бандаи камтар аст ва умед меравад, ки хонанда ба бузургвории худ онро хоҳад бахшид.

Бо эҳтиром
Наҷмуддин Сафдари

# Феҳрист-и Мазомин


| Шумор | Унвон | Сафҳа |
|---|---|---|
| 1 | Ҳарфи Оғоз | 1 |
| 2 | Ҳақиқати Шукр | 4 |
| 3 | Васияти Расули (с) Худо | 9 |
| 4 | Асл-ул-усул | 11 |
| 5 | Усули Дин | 12 |
| 6 | Фуруъи Дин | 13 |
| 7 | Ташреҳи Усули Дин | 14 |
| 8 | i. Ақли Кул | 14 |
| 9 | ii. Нафси Кул | 15 |
| 10 | iii. Нотиқ | 15 |
| 11 | iv. Асос | 16 |
| 12 | Ташреҳи фуруъи дин | 20 |
| 13 | i. Ҷад | 20 |
| 14 | ii. Фатҳ | 20 |
| 15 | iii. Хиёл | 21 |
| 16 | iv. Имом (а) | 23 |
| 17 | v. Ҳуҷҷат | 23 |

| | | |
|---|---|---|
| **18** | vi. Доъи | 26 |
| **19** | Ашколи Тамсили | 28 |
| **20** | Дар байёни Айёми Олами Дин | 31 |
| **21** | Дар байёни Шинохти Имоми Замон (а) ва Итоат Аз Ӯ | 35 |
| **22** | Тафсири Вачҳуллоҳ | 41 |
| **23** | Имоми Замон (а) Нури Худовандист | 44 |
| **24** | Дар баёни Илм | 52 |
| **25** | Ҳудуд то як вақти муайян  аст | 53 |
| **26** | Имоми Мубин | 56 |
| **27** | Ҳақиқати Кул ва Ҷузъ | 67 |
| **28** | Чаҳор Асл дар Имоми Замон (а) | 71 |
| **29** | Татобуқи даври Маҳин, даври Каҳин ва рӯзҳои ҳафта | 74 |
| **30** | Дӯсти Мустафа (с) ..... (Назми Туркӣ) | 76 |
| **31** | Ғуломи Али (а) ..... (Назми Туркӣ) | 78 |
| **32** | Мукримона Ҳадияи Ночиз ро Чизӣ Шумор .... (Назм) | 80 |

# Ҳарфи Оғоз
## Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Дар ин иршоди муборак сураи моида ҳидоят асосии дин-и Ислом баён шуда аст: Сураи 5 Ояти 15 «Қад ҷоакам миналлоҳи нурун ва китобун мубин» «Ҳамона аз ҷониби Худованди муттаъол бароящумо нур ва китобе баёнкунанда омада аст.»

**Савол**: Че розист дар ин ки дар тартиби оят-и карима нахуст лафзи «нур» ва пас аз он лафзи «китоб» яъне Қуръон омадааст?

**Ҷавоб**: Розаш ин аст ки ибтидоан он Ҳазрат (с) аз рушанихоии набувват мунаввар гардиданд ва сипас нузули Қуръон оғоз гардид.

**Савол**: Дар инки нур ва китоб якҷо баён шуда аст чи ҳикмате пушида аст?

**Ҷавоб**: Як ишораи ҳикматаш ин аст ки дар ботин, нур ва китоб яке аст ва дар зоҳир ду, яъне шахсият-и нур ва китоби сомит. Ишораи дувум ин ки бо китоби сомит ҳамовора муаллим-и раббонии муқаррар мешавад ва ҳамин муаллим-и раббонӣ аст ки нур зинда аст ки дар рушанӣ-и ӯ номи китоби сомавӣ китоб-ӣ мубин (китоби баёнкунанда) аст.

**Савол**: Аз мақбал ва маъбад иршод-и мазкури боло як-як ҳикматро баён намоед то ин ҳақиқат ба таври куллӣ мутайақин гардад ки Худованд Мутаъол барои ҳар китоб-и осмонӣ як муаллим-и раббонӣ (нур)ро муқаррар фармудааст.

**Ҷавоб**: Як ҳикмат дар шуруъи сураи 5 ояти 15 карима ин аст: «Ҳангоми, ки Таврот ва Инҷил ба даст-амӯзгорони маъмулии аҳли китоб расид, ишаон ҳам аз рӯи хиёнат ва ҳам аз рӯи ҷаҳолат ҳақоиқ ва маърифи китоб-и осмонӣ-ро пинҳон намуданд.» Ва як ҳикмат ояти мабаъд сураи 5 ояти 16 ояти мазкура ин аст: «Худованд таъоло базерияи нур ва китоб-и мубин касонеро ки аз биҳишт ҳам боло-тар хушнудии (Ризван) ӯро м**еталабанд** бар роҳҳои саломатӣ (шарият, тариқат, ҳақиқат ва маърифат) ҳидоят мекунад ва ба изни худ, ишаонро аз торикиҳо ба сӯи равшанӣ меоварад ва ба манзили мақсуд сироти мустақим мерасонад.»

Силсилаи нур-и имомат нахустин таснифи ман аст ки аз лаҳоз-и адабӣ ҳарчӣ бошад, вале бузургтарин саодат насиб-и ин китоб шуда ки дар соли 1957 меллодӣ дар ҳузури Акдас Ҳазрати Имоми Замон Саловатуллоҳ алайҳ ва саломаҳ тақдим гардид ва аз назари Нуронии Худованд мушарраф гашт ва он ҳамон соли муборак буд ки Мавлоно Ҳозир Имом (а) бар тахти имомат ҷалвагар шуда буданд.

Ман бо наҳояти тангдасти, Аҷатмандӣ ва оҷизи бар дари муқаддас нур-и Худо, Ол-и Мустафо (с) ва ҷанашини Али Муртоза (а) ҳозир шуда будам, муроди ман бар оварда шуд ва маро моламол гардонид. Аз пинҳон доштан-и сухан-и ҳақ ба ҳар веже ки бошад имкон дорад нуқсоон илми дӯстон ва бародарон шавад. Лиҳаазо бо наҳояти оҷизи арз мекунам ки ман муъҷизот-и усули нур-и имоматро аз арсаи дароз мадоман мошоҳида минамоям ва ба ҳамин сабаб сайъ мекнам ки ҳар бор дар бораи нур чизе бинависам.

Баъзӣ бародаронро хиёл ин аст, ки тазкера асрори руҳоният ва нур-и имоматро бармало набояд намуд. Қурбон аз хайрхоҳии ишон! Бешак ҳар мубтадийро набояд то замон, ки аз лаҳоз илмӣ пухта нагардид ва аз ҳикмати Қуръон огоҳ набошад, ибрози асрор

намояд. Аммо баръакси ин, агар касе аҷоиб ва ғаройиби руҳонӣ ва аҳлонии нур ва Қуръон ва муъҷизоти илм ва ҳикматро машоҳида намуда, хомӯшӣ ихтиёр мекунад, оё чунин шахс монанди Қорун нахоҳад буд, ки аз баъзи надиҳани закоти молӣ ҳалок гардид? Зирав закоти молӣ мисол аст ва закоти илмӣ мамсул аст (Сура 28, ояи 76). Низ, ин нур-и илм ва ҳикмат ба-зоти худ гувоҳӣ аст, ки агар касе онро пинҳон бидорад, золим хеле бузург башумор меравад. (Сура 2, ояи 14).

Чунпнчи нур пас аз селигаи анбиё дар селигаи айма идома дошта аст ки мутобиқ ба ҳамин амр воқеӣ номи ин китоб « Силсилаи Нури Имомат» гузошта шуда аст. Бо дар назар дошт аҳамияти китоб, дӯстони аъзими инро ба лисони англисӣ низ тарҷума намудаанд.

Дар ин китоб як бахши он марбут ба илм ҳудуди дин низ аст зирав абвоби ҳикмати таўилӣ ба калидҳои ҳамин ҳудуд мафтӯҳ мегардад ва қатъ назар аз аҳамияти ҳудуди дин ин баҳсӣ дигар аст ки каифият акнун чист? Оё Ҳазрати Имом (а) аз рӯзи пайдоиш Имом мешаванд ва ё ки аз нардобони ҳудуди дин боло рафта ба мартабаи хеш файз мегиранд? Ба ҳар ҳол ҳудуди дин ҳам аҳамияти таърихӣ доранд ва ҳам асмои эшон истилоҳот (динӣ) аст.

Аз Таврот ва он чи аз Расул (с) ба мо расидааст, зикр шудааст:
**«Инна лиллоҳи миаата алфи набиййин ва арбаата ва ишрина алфи набиййин мин вулди Одам ила ал-қоим»**,
яъне яқинан аз замонаи Одам (а) то ба Қоим (а) (барои тамоми давр) аз ҷониби Худованд яксаду бисту чор ҳазор пайғамбар омадаанд.
(Сароиър ва асрор ан-Нутоқо, с. 200). Тазкираи силсилаи тӯлонии ҳамаи ин ҳазратҳои анбиё танҳо дар се калимаи Қуръони Ҳаким омадааст, ки ин алфоз пурҳикмат иборатанд аз: «Нурун ало нур» — нур болои нур (Сураи 24, ояти 35). Яъне нур пас аз як шахсият, шахсияте дигар дорад. Чунончи баъд аз нури набувват, силсилаи нури имомат ҷорӣ ва сорӣ аст ва ҳеҷ вақт нест, ки нур дар он набошад.

(Дар бораи нур), ин як мисоли таъвилист: агар мехоҳед, ки нурро дар марказ ва сарчашма бингаред, офтоброро бингаред. Агар мехоҳед, ки онро дар намояндаи воҳид бингаред, моҳро бингаред. Агар мехоҳед, ки онро дар мазоҳир касир бингаред, ситораҳоро бингаред ва агар мехоҳед, ки нурро дар хона оварда, наздик бингаред ва шиносоед, чароғи хонаатонро равшан кунед. Мурад аз чароғи хона нурии маърифат аст, ки дар дили муъмин аст. Ин (нури маърифат) ҳам чароғ аст ва ҳам офтоб. Ҳамин сабаб аст, ки ташбеҳ ва тамсил нури илоҳӣ аз чароғи хона дода шудааст. (Сураи 24, Айа 35).

Дар забони таъвил, зоҳирро рӯз ва батнро шаб гуфтаанд, яъне танзил рӯз аст ва таъвил шаб. Пас, нур-и набуват офтоб аст, яъне ҳамон равшанӣ, ки барои зоҳир ва танзил лозим аст. Нур-и Имомат меҳтоб аст, яъне равшанӣ, ки он барои батин ва таъвил лозим аст. Акнун инҷо бояд ин нуқтаро низ ба ёд дошт, ки агарчӣ тамоми ситорагон ҳар як ба ҷои худ намояндагони офтобанд, аммо танҳо маҳтоб намояндаи ягона аст, ки ба сабаби наздик буданаш ба замин метавонад аҳли заминро ба таври комил равшанӣ муҳайё кунад. Ҳикмати таъвилии он ин аст, ки Имомони салаф (пешин) алайҳим ас-салом аз сабаби масофати замон монанди ситорагон аз расоии баландтаранд, аммо имом-и замон, салаватуллоҳи алайҳи ва саломҳӯ, монанди маҳтоб наздики (аҳли замин) аст ва василаи ваҳид илм рӯҳонии ва ҳикмат таъвилӣ (барои эшон) аст.

Турике саенс зоҳирӣ (модӣ) ва таҳқиқи он аст, илми руҳонӣ (руҳонӣ соенс) ва таҳқиқи он ҳам аст. Чунончи ба фазл ва карами Худованд, таҳқиқ ин шудааст, ки бар аксари сайёрагони ин коинот инсонони, ки ба дараҷаи интиҳо тараққӣ ёфтаанд, зиндагӣ ба сар мебаранд. Ишон дорои ҷисм kókabi (Astral Body) анд (яъне ҷисм латиф доранд ва) ин ҷисм латиф дорои чандин ном аст, ки иборатанд аз: ҷисми мисолӣ, пикри нуронӣ, ҷусса абдаиъа ва ғайра. Ба Худо сувганд ки ҳар чизи ке марбут ба илм ва маърифати аст, дар Қуръон ва рухоният мавчуд аст.

Аз ин ки (Ҷашни хизмати илми) фаро мерасад, лаҳазо ба тамоми ҳамроҳонам ки бехад азизанд аз самимияти қалб муборак бод арз мекардам ва бо наҳоят аҷизӣ дуо мекунам ки Парвардигори олам кӯшишҳои илмии шумо азизонро камёбӣ ато фармояд! Ва он доно ва бина аз раҳмати бекарани худ хизматҳои илмии шумо ро барои ҳама муфид гардонад! Омӣ!

Насируддин Насир Ҳунзаӣ
Душанбе, 2 Рабиъ-ул-санӣ 1414 ҳ/ 20 сентябри 1993 м
Карачӣ, Покистон

# Ҳақиқати шукр

Адаи шукри маънавии неъматҳо, ки манъии ҳақиқии махсус ба инсон кардааст, то ҳадде аз васъати башарӣ, он вақт мумкин аст, ки тариқи шукргузорӣ шокер мувофиқи марзи ӯ (валии неъмат = маънии ҳақиқӣ) бошад. Вагарна, мумкин аст он шукр мавриди қубули маънии воқеъ нагардад. Зеро шукргузорӣ дар асл баъд аз атои неъмат воҷиб мегардад, чунончӣ ояти муборака шоҳид (ин ҳақиқат) аст, Сураи 31, ояти 12: «ВАЛАҚАД АТАЙНА ЛУҚМОНАЛ ҲИКМАТА АН ИШКУР ЛИЛЛАҲИ». Тарҷума: «Ва мо ҳар оина Луқмонро ҳикмат додем (ва ба ӯ гуфтем) Худоро шукр кун.» Ҳамин тавр, маънии шукр маълум кардани ғарази манъим аз ҳақоиқи неъмат (оуст) ва истеъмол кардани он неъмат мутобиқ марзи ӯ тафсили шукргузории маънавии (неъмат) инаст.

Дар натиҷаҳои табсарае ғаёронаи бар вазъият, ботиният, ва ғараз ва ғоят ҳар неъмат ҳосули илми ҳақоиқул ашёҳо намуданд ва ҳар неъматро мутобиқ марзи маънии ҳақиқӣ истимол кардан ва аз қиёс ва далоили хубиҳои ҳар неъмат, авсоф ва камолоти манъими ҳақиқиро донистан ва талоши маърифат ӯ кардан, неъмат ато кардаи ӯро эҳсони маҳз тасаввур кардан ва дар иваз он дар ҳаққи худ ва халқи Худо некӣ кардан ва дар дараҷоти охирӣ бар ин ёқин доштан, ки сонъ ҳким(созанда ҳаким) ба ҳикмати балиға худ ҷумла лиззати ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ ро бо тартиби фазилати лиззат дар раштаи коинот барои ин софта аст, ки ҳар инсони доно аз Худои Зулкаром, шабу рӯз он неъмат ва он лиззат (кул) ро талаб кунад, ки он илова бар лиззатҳои ласани ва ғайри фони ва ла-интои
худ манҳиз кул мутазамин ҳамма даззат дигар Худои ҳам аст ва он лиззат кул дидори иллоҳӣ аст. Наъматшиносӣ ва қадрдонии ба ҳақиқат дар ин мақом мумкин аст. Алғараз, наъмат ном ҳар он чизе аст, ки ба таври ҷисмонӣ ё рӯҳонӣ боиси хушӣ, роҳат ва лиззат инсон гарданд. Лекин дар ҳар неъмат (ин хусусият) ҳатман ёфта мешавад
, ки он аз лиҳоз қадр ва қимат ва лиззат, аз неъмати модуни худ беҳтар ва аз мавфоуф худ камтар аст.Масалан, қиёс кунед (бар ғизоҳои мавалиди саласе, яъне,) наботот, ҳайвонҳо ва инсон, ки ғизоҳои наботот аз хок, об, ҳаво ва асароти оташӣ аст, ки дар қадр ва қимат ва ләззат аз ғизоҳои ҳайвонҳо хеле кам аст. Ғизоҳои ҳайвонҳо мувофиқи навъият онҳо аст, масалан аз сабза, гиёҳ, мева, донаҳо, гӯшти вағайра. Ин ғизоҳои ҳайвонҳо аз назари қадр ва қимат ва ләззат аз ғизоҳои наботот ба дараҷаҳое беҳтар аст, вале аз ғизоҳои инсон ба дараҷаҳое камтар аст. Ҳамчунин, ҳайвон аз сабаби фовқияти рӯҳии ҳайвонии дар наботот ва ғизи эшон ҳам тасарруф мекунад, аз ин рӯ ҳайвонро подшоҳи наботот ҳам мегӯянд. Зеро баъзе ҳайвонот аз унсурҳо ҳам ғизо касб мекунанд, вале аксари ҳайвонот аз наботот парвариш меёбанд.

Ҳамингуна ғизои инсон дар қадр ва қимат ва завқа ва манфиат нисбат ба ғизои ҳайвон ба дараҷаҳо беҳтар аст ва аз ғизои ҷалолии фариштагон ба дараҷаҳо бадтар ва хасистар аст ва инсон балошубе бар ҳайвонот, наботот, ҷамодот ва дигар ашёи ин дунё подшоҳ аст, зеро ҳар чизе, ки аз ҳайвонот ва наботот манфиатбахш бошад, онро ғизои худаш месозад. Аммо барои талибгоран рӯҳонӣт ин сухан қобили зикр аст, ки ҷумлаи ақсами ғизоҳои инсонӣ мавҷударо бо вуҷуд тамоми хубиҳо, ҳақиқатан ғизоҳои ҳайвонӣ

гӯянд. Як далели ин қавл ин аст, ки савол ғизо дар ҳадди рӯҳ пайдо мешавад, ва рӯҳ дорои се қисм аст: Яъне рӯҳи номия, ки дорои қувваҳои нишо ва нӯма аст ва он дар ҳар қисм набот ва дарахтон аст. Ва зикри ғизои он дар баён наботот шуда аст. Қисми дуюм рӯҳи ҳайвонист, ки он дар ҷумлаи ақсами ҳайвонот аст, ки зикри ғизои он дар баён ҳайвонот шуда аст. Қисми сеюмро нафс начтиика ё рӯҳи инсонӣ гӯянд. Лекӣ рӯҳи поки анбиё ва авлиё яъне рӯҳи қудс болотар аз ӯ мазид бар рӯҳи инсонӣ аст. (Мулоҳиза шавад ба китоб Зодулмасофарин аз ҳаким пир Насир Хусрав саҳифа 212 – 213 чопи Ковиянӣ)

Чун дар таркиби зоҳирии рӯҳ, рӯҳи номия поёнии аст, дар ҳар набот танҳо як рӯҳ аст, дар ҳар ҳайвон илова бар рӯҳи худ, яъне рӯҳи ҳайвононӣ, рӯҳи номия низ аст ва дар ҳар инсон илова бар рӯҳи худ, яъне рӯҳи натиқа, ду рӯҳи мадонан (ҳайвон ва набот) низ аст, яъне дар инсон се, дар ҳайвон ду ва дар набот як рӯҳ аст.

Акнун сухан марбут ба ғизои натиқа ин аст, ки дар ғизои махсуси ӯ, ки дар он ҳайвон шарик намешавад шуд, нутқ, тамиёз, илму ҳикмат, маърифат ва ғайра аст, яъне ҳадди фасли ғизои набот, ҳайвон ва инсон ба ҷонеб боло аст. Чунончӣ, ҳадди фасли ғизои набот ҳамон қадар аст, ки тавонад ғизои худро табиъан (аз ҷамодот) ба даст орад. Ва ҳадди фасли ғизои асли ҳар як аз ҳайвонот ҳамон аст, ки табиъан метавонад бихӯрад, зеро ки ҳадди фасли ғизои болоии ҳайвонот то он ҷо аст, ки ба иштиҳои худ тавонад хӯрад. Пас дуруст шуд, ки инсон ҳамеша бар як маркаби ҳайвононии савор аст ки қабл аз марг пиёда шудан аз он сахт душвор аст. Лаҳазо, инсон ҳар қадар ғизоҳои пурлаззат мехӯрад, он ҳама ҳиссати ин маркаби ҳайвононӣ аст, ки номаш нафси ҳайвононӣ аст. Аммо ғизои асли худи инсон он аст, ки рӯҳи натиқа ва ақл аз он қувват меёбад. Тавре ки ҳазрат Ҳаким Пир Насир Хусрав (қудсаллоҳу рӯҳ) дар бораи ин мефармояд:

**Чизе, ки сутуроньу дадан бо ту шариканд,**
**Минат наниҳад бо ту бадан, эзидьи давор.**

**Неъмат набуд, онче сутурон бихӯрандуш,**
**Ни мулк буд, онче ба даст орадаш Қайсар.**

Аз барои маълумоти мазид дар бораи неъмати инсонӣ ва ҳақиқати шукр, бар ин ояти Қуръони Ҳаким бо диққати тамом ғӯр фармоед:

**Сураи 4, ояти 147:**
«مَّا يَفْعَلُ اللَّهُ بِعَذَابِكُمْ إِن شَكَرْتُمْ وَآمَنتُمْ ۚ وَكَانَ اللَّهُ شَاكِرًا عَلِيمًا»

**Тарҷума:**
«Чӣ кор кунад Худо ба азоби шумо, агар шукргузорӣ кунед ва имон биёваред? Ва Худо қадрдон ва доно аст.»

Аммо маънии ин оят дар "Лавҳи таъвил" чунин аст: Худо кор намекунад бар (ба василаи) азоб (риёзати) шумо, агар шумо неъмат бишносед ва яқин ҳосил намоед. Худо шукркунанда ва омӯзандаи илм аст. Яъне, агар мо ба таври ҳақиқӣ шукр адо намоем, ва

камо кона ҳаққаҳу, имон биёварем, (дар он сурат) Худо феъли худро ба зариъа азоби мо накунад, балки ӯ дар роҳати мо бар мо воқеъ хоҳад шуд, ки дар ҳар ду ҳолат, феъли Худо фақат азбарои уруҷи рӯҳонии мост. Чунончӣ, аз рӯи таъвил, ҳамин маънӣ бо далелҳои бисёр беҳтар аст, зеро агар мо ин азобро азоби абадии охират тасаввур намоем, дар он сурат Худо моро пас аз огоҳ сохтани азоб, ба сӯи сифоти қадрдонӣ ва илму парвариши хеш мутаваҷҷеҳ намефармуд. Зеро яке аз ҳикматҳои Қуръони Ҳаким ин аст, ки маънии оят мутобиқ асмо ва алфозе, ки дар охири ҳар оят ҳаст, истибот мешавад. Ва чаро чунин набошад? Зеро Қуръон каломи ҳикмати низоми **"Аҳкам-ул-ҳокимин"** аст. Дар як мисоли ҷузъӣ ҳам, як инсоне, ки шуури маъмулӣ дорад, пас аз додани таклиф ба инсони дигар, сифат ё феъли худро бо алфози мунасиб изҳор мекунад. Масалан, мегӯяд: **"Дар ин ҳеч тақсире аз ман нест, тақсир аз худи ӯст"** ё мегӯяд: **"Чашидӣ сазои худро!"** Дар ин ҳамон як далел кофист.

Аммо дар ин баён, ки марбут ба ҳақиқати шукр аст, ин сухан боқӣ аст, ки ба таври ки ман дар ҳар мавқеъ, аҳамияти илм ва ҳақиқатро ошкор намудаам, ҳамчунин дар охири ин баён низ ба тавфиқи Худо, улум ва ҳақоиқ, ин суханро бо далелҳои муҳкам хоҳам намуд, ки Худо инсонро дар дунё бо мақсади илм офарида аст ва ҳамин ғарз ва ғоят ӯст. Пас, Худо таъолӣ бо қудрати камилат хеш, илмро ба шакли неъматҳои гуногуни ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ ба вуҷуд оварда аст, низ илмро гунҷонида аст дар тамоми ин аќвол ва амалҳое, ки инсон барои онҳо маъмур шудааст. Алғараз, ҳеҷ чизе нест, ки дар он илм набошад, чунончӣ Худо аз рӯи ҳикоят аз Иброҳим (а) мефармояд:

**Сура 6, oята 80:**

**وَسِعَ رَبِّي كُلَّ شَيْءٍ عِلْمًا ۗ أَفَلَا تَتَذَكَّرُونَ**

Яъне «Парвардигори ман гунҷонида аст ҳар чизро дар илм, оё намеандешед?» Дар ин бора як ҳақиқат дигареро дар пеши нигоҳ шумо мегузорам, ки тавассути он на танҳо ин як масъала, балки дигар масоили бисёр низ метавонад ҳал шавад. Чунончӣ, он ҳақиқат ин аст, ки Худои ъалим ва ҳаким як хубӣ махсуси ҳар пайғамбари, ки дар Қуръони Ҳаким зикр шудааст, дар китоби хеш ошкор кардааст. Яъне, Одам (а)ро бо хатоби Халифа, Масҷуд Малоик ва Сафӣ бинавохт. Ҳазрати Нӯҳ (а)ро бо номи Шакур ёд фармуд. Тавҳидпаристии Ҳазрати Иброҳим (а)ро ситоиш намуд. Ҳазрати Мусо (а)ро Калимуллоҳ гуфт. Ҳазрати Исо (а)ро рӯҳи хеш қарор дод. Ҳазрати Юсуф (а)ро Сиддиқ гуфт. Дар Ҳазрати Айюб (а) ҳадди сабрро нишон дод. Ҳазрати Давуд (а)ро хилофат ато намуд ва мамлакати Ҳазрати Сулаймон (а)ро ёд фармуд. Ба ҳамин тартиб, будан як сифати махсус дар ҳар пайғамбар зикр фармуд. Дар охир, ҳама башорат бурдан, сардори анбия, Ҳазрати Муҳаммад Мустафо (с)ро дар шаби Миъраж ба холигаҳ махсуси хеш ба уммати Муҳаммадия (с) дод. **Аманна ва саддақна.** Ин ҳама ҳақиқат аст ва дар ин ганҷоиш ҳеч шаке нест. Лек, шумо набояд ҳеҷ вақт ин хиёл кунед, ки чизе, ки ба як пайғамбар дода шуд, он чиз ба он пайғамбар тамом шуд ва пайғамбарони дигар аз он маҳрум монданд, чунин ҳаргиз наметаванад шуд, балки ҳакими мутлақ дар паси пардаҳои ин хосиятҳои пайғамбарон, ҳикмате азимро пӯшида доштааст ва он ин ки тамоми пайғамбарон бино бар хосиятҳои худ, ҳисият унвонҳот як китоб муқаррарии Худовандӣ ҳастанд, то ба ҷустуҷӯкунандагони ҳақиқат осонӣ бошад. Бар асоси ҳамин қонуни илоҳӣ (ал-ъан кӯшиш

мекунем, ки) мазид ҳақиқати шукрро аз таварихи Ҳазрати Нӯҳ (а) маълум кунем. Чунончӣ, Худои Ҷалил ва Ҷаббор (дар борайи Ҳазрати Нӯҳ (а)) мефармояд:

**Сура 17, оята 3:**
**ذُرِّيَّةَ مَنْ حَمَلْنَا مَعَ نُوحٍ ۚ إِنَّهُ كَانَ عَبْدًا شَكُورًا**

**Тарҷума:**

«Эй наслҳои касоне, ки (шумоҳоро) бо Нӯҳ бардоштем, ӯ бандаи бисёр шукргузор буд.»

**Яъне, ӯ бисёр неъматҳои рӯҳонӣ дошт ва ӯ ҳақиқати тамоми он неъматҳоро медонист.**

Дар ин оят маънои «каана» ҳам «буд» аст ва ҳам «ҳаст» ва маънои «Нӯҳ» бе танвин ҳамон ҳазрати Нӯҳ(а) аст, ки қаблан зикр шудааст, ва «Нӯҳ» бо танвин ҳар он шахсе, ки дар тамоми ҷиҳатҳо монанди ҳазрати Нӯҳ(а) бошад, ки қаблан гузаштааст. Акнун ҳақиқати киштиро гӯш кунед, чунончи Худои Ҷал-ла Ҷалолуҳ мефармояд:

**Сураи 11, ояти 37**:
**«وَاصْنَعِ الْفُلْكَ بِأَعْيُنِنَا وَوَحْيِنَا»**

Яъне: **«Бисоз киштиро ба василаи мушоҳидот ва ваҳйи Мо»**. Яъне **аз маълумоти олами офақ ва олам анфус сафинаи наҷотро омода соз!**

Пас, он киштӣ ҷуз илм аз чизи дигаре сохта набуд. Агар касе пурсад, ки киштии Нӯҳ(а) то ҳанӯз дар ачоиб ҳукумати фалон мавҷуд аст, ҷавоби ман ин аст, ки дуруст аст, вале дар ин оят **манзур аз киштӣ танҳо киштии илм аст**.

Сипас Худованд мефармояд:

**Сураи 11, ояти 40**:
**«قُلْنَا احْمِلْ فِيهَا مِن كُلٍّ زَوْجَيْنِ اثْنَيْنِ وَأَهْلَكَ»**

Тарҷума: **«Гуфтем, аз кули (**Ашё**) ду ҷуфт дар он баргир ва хонадони худро»**.

Яъне, чун ҳазрати Нӯҳ(а) тамоми ашёи оламро аз назари ҳикмат дид ва дар ҳар чиз ҳикматҳои беинтиҳои Сонеъи Ҳакимро мавҷуд ёфт ва дар тамоми ашё ҳасби таркиб далели вуҷуди рӯҳ собит гардид, низ ин ҳам таҳқиқ шуд, ки дар нуранияти олами рӯҳонӣ ин ҳама ашё чӣ қадар неъматҳои боиси лаззат метавонанд шуд, ҳазрати Нӯҳ(а) ба ҳукми Ғании Мутлақ аз панҷ ҳудуд — яъне ҳади ваҳдат **(ҳудуд амри кулл),** ҳади адл **(ақли кулл),** ҳади таркиб **(нафси кулл),** ҳади таълиф **(худ, ки баъд аз ин воқеа ба мартабаи нотиқ фоиз гардид)** ва ҳади таъвил **(асос)** ки дар Имом замон буд — як-як ҷуфти рӯҳониро ҳосил кард ва дар сафинаи илм гунҷонид.

Сипас, тамоми чизҳои ақл ва нафс ҷуфт гардиданд, ки онҳоро **«زَوْجَيْنِ» (завҷайн)** гӯянд. Ҳамин тавр, чизҳои наринаи нотиқ бо чизҳои модинаи асос бо ҳам ҷуфт гардида, **«اثْنَيْنِ»**

**(иснайн)** гуфта шуданд. Ва арвоҳе, ки бо амр пайваста буданд, (бо ҳам) як чиз гаштаанд, яъне вуҷудашон як гашт. Ҳамин аст **ҳақиқати шукр**, ки ҳазрати Нӯҳ(а) ба ҷо овард.

# Васияти Расули (с) Худо

Ин охирин васияти ҳазрати Муҳаммад Мустафо (с) буд: **«Иннӣ торикун фикуму-с-сақалайн китоба-л-Лоҳи ва итаротӣ аҳла байтӣ»**
**(Ҳамоно ман дар миёни шумо ду чизи** сангинро боқӣ мегузорам **Китоби Худо ва Имом(а).)** Қавли Худо ва Расулаш ҳамеша ҳикматхез мибошад.

**Ҳикмати аввали ин ҳадис:** Аз миёни ин ду чиз як китобест, ки ба дараҷаи ғоят мушкил аст, ва дувум шахсест, ки ҳар мушкилро ба ниҳоят тамом осон мекунад. Пас ҳар гоҳ (аз ҷониби Худо ва Пайғамбар (с) бо мушкил, мушкилкушо ҳам муқарар шудааст, бояд донем, ки чораи мушкил танҳо мушкилкушо метавонад кард, яъне (фақат) Имом (а) зиммадори таъвили Қуръон аст.

**Ҳикмати дувум:** Дар рабти алфози ин ҳадис, нахуст китоб ва сипас Имом зикр шудааст. Ишораи рабти чунин алфоз ин аст, ки аввал шумо Қуръонро худ аз танзили он бихонед, сипас таъвили онро аз Имом Замон (а) хоҳед ёфт.

**Ҳикмати сеюм:** Расул (с) Қуръон ва Имом ҳар дуро чизҳои сангин мегӯяд. Аммо зоҳиран дида мешавад, ки Қуръони шариф он қадар сабук аст, ки як кӯдаки хурдсол низ метавонад онро бардорад. Имом низ ба таври ҷисмонӣ тақрибан ҳамон вазн дорад, ки соири инсонҳо доранд, яъне зоҳиран вазни Имом ҳеҷ гоҳ аз дигар инсонҳо сангинтар нест. Дар ин сурат, қавли «сангин будан» бар ҳеҷ яке аз ҳар ду содиқ наметавонад ояд. Дар ин ҳол, мо ақли ҷузъии нодон ва бечораи худро ба ҳузури Имоми замон (а) мефиристем, то дар он ҷо сангинии ӯро ба ҳар сурате ки мумкин бошад, таҷриба карда, баргардад. Вале он ақли хом ва нотамом ноумед бозмегардад. Зеро дар ин ҷо мақсад аз «сангинӣ» чизе ҷуз ин нест, ки ақли инсонӣ ба зоти худ таъвили Қуръонро ҳосил карда наметавонад ва наметавонад, ки шинохти Имомзамон (а)-ро ба даст орад. Пас, дар лафзи «ثَقَلَين» (Сақалайн) ин ҳадис, хулоса ҳамин аст.

**Ҳикмати чорум:** Аз мабоҳис лафзи «ثَقَلَين» (Сақалайн) маълум шуд, ки Қуръони шариф ва Имомзамон (а) ҳар ду дорои ду ҳисиятанд: яке ҷиҳати зоҳирӣ ва дигаре ҷиҳати ботинӣ. Ин ҳам бо далел собит гардид, ки дар ибтидо ақли инсонӣ ба ботиният ҳар ду расида наметавонад. Аз ин рӯ, мо бояд мувофиқи ҳукми Расул (с) аввал Қуръони шариф ва Имомзамон (а)-ро ба таври зоҳирӣ бипазирем, яъне ба таври куллӣ (мувофиқи фармудаи Қуръон амал кунем) ва итоати Имомзамон (а)-ро ба ҷо орем. Агар шахси доно ва ҳақиқатписанд ба ин ҳадис табсира (назар) андозад, метавонад андаке аз қудрати бепоёни Имомзамон (а)-ро дарк кунад, ки ӯ илова бар роҳбарии ҷисмонӣ ва рӯҳонии миллионҳо инсон, аз ҷумла ҳақоиқ ва асрори каломи ҳикмати низоми Худои Суббӯҳ ва Қуддус огоҳ ва бохабар аст.

Ин сухан низ зикр карданист, ки Расули пок (с) Қуръони шариф ва Имомзамон (а)-ро дар чӣ таносубе бо ҳам дар як вақт ва бо як лафз сангин гуфтааст. (Ҷавоби ин савол ин аст, ки) қувват ва сангинии ҳар ду рӯҳонӣ аст (ва таносуб низ байни ду рӯҳонӣ мебошад), қувват

ва сангинӣ, ҳарду рӯҳонӣ буданд.(зеро таносуб руҳони бо руҳони кардааст), зеро таносуб руҳони бо руҳони мишавад.

Аз ин рӯ, сангинтар аз замину осмон гуфтани рӯҳонӣ низ дуруст нест, зеро онҳоро низ рӯҳ бардоштааст. Чунончи Худованди карим мефармояд:

**«Сураи 17, ояти 88»**

**قُل لَّئِنِ اجْتَمَعَتِ الْإِنسُ وَالْجِنُّ عَلَىٰ أَن يَأْتُوا بِمِثْلِ هَٰذَا الْقُرْآنِ لَا يَأْتُونَ بِمِثْلِهِ وَلَوْ كَانَ بَعْضُهُمْ لِبَعْضٍ ظَهِيرًا**

**Тарҷума:** «Бигӯ: агар ҷину инс ҷамъ шаванд, ки монанди ин Қуръон оваранд, наметавонанд онро биёранд, ҳарчанд ки якдигарро пуштибон бошанд.»

Пас маълум шуд, ки таъвили ҳақиқии Қуръони ҳакимро на ҷин медонад ва на инс. Пас ҳамин таносуб (ақл яъне дунистан таъвил) аст, ки ба хотири он (Паёмбар) (с) Қуръон ва Алӣи ҳар замонро (а)-ро сангин гуфтааст.

Дар ин ҷо ин низ тасдиқ гардид, ки ҳеҷ фард аз ҷин ва инс ҳақиқати куллии Қуръонро намедонад. Агар шахсе бошад, ки Худои таъоло шаҳодат диҳад, ки ӯ **олими Қуръон** аст, пас ӯ далолатан на ҷин аст ва на инс. Ва чун ӯ на ҷин аст ва на инс, ҳамин далели муҳкам аст, ки ӯ фариштаи ҷамолӣ низ нест, балки фариштаи ҷалолӣ мебошад. (Чунончи дар бораи) он шахсе, ки фариштаи ҷалолӣ аст, Худо мефармояд:

**«Сураи 13, ояти 43»**

**قُلْ كَفَىٰ بِاللَّهِ شَهِيدًا بَيْنِي وَبَيْنَكُمْ وَمَنْ عِندَهُ عِلْمُ الْكِتَابِ**

**Тарҷума:** «Бигӯ: бас аст Худо гувоҳ миёни ман ва шумо, ва бас аст касе ки назди ӯ илми китоб аст.»

Он фаришта Имомзамон (а) аст, ки бо иқтизои замона барои тобеони худ он тариқаи аъмол муқаррар мекунад, ки айнан мувофиқи ҳикмати амиқи Қуръон бошад, то онон ба таври комил ба таъвил наздик шаванд.

# Асл-ул-усул

## Аллоҳумма ё Мавлона, ё Алӣ, мадад!

Аз ҷӯяндагони ҳақиқати исмоилият пӯшида набошад, ки асл-ул-усули ин мазҳаби муқаддас «Амри кул» аст, яъне каломи Бории Субҳонаҳуст, ки бо асомии мухталиф ном бурда шудааст, чун амр кун, коф ва нун, ваҳдат, мубдаъ, биҳишти ҳақиқӣ, маъод ва ғайра. Бории Субҳонаҳу аз ҳамин калимаи воҳидаи «Амри кул» монанди Ақли кулро ба вуҷуд овард, ки ҳамон дам бо калимаи «Кун» якҷо ва якпорча гардид. Яке аз маъниҳои «Амри кул» — ҳукм аст, яъне фармон. Бинобар ин, ҳарчанд барои олами амр танҳо як калимаи фармон кофӣ буд, аммо барои олами халқ бо назардошти зарурати доимии амр, фармони Имоми Замон (а) мазҳари «Амри кул» гардид. Ҷойи амали рӯҳонии «Амри кул» иродаи инсон аст.

# Усули дин

Усулн дин чортоянд: Ақли кул, нафси кул, нотиқ ва асос. Аз миёни онҳо ду асл — Ақли кул ва Нафси кул — рӯҳонӣанд ва ду асли дигар — Нотиқ ва Асос — ҷисмонӣ. Маънии **Усул** решаҳои дарахт аст, яъне **дарахти дин**, ки зикри он худаш Худои Таоло мефармояд:

**Сураи 14, оятҳои 24–25:**

«أَلَمْ تَرَ كَيْفَ ضَرَبَ اللَّهُ مَثَلًا كَلِمَةً طَيِّبَةً كَشَجَرَةٍ طَيِّبَةٍ أَصْلُهَا ثَابِتٌ وَفَرْعُهَا فِي السَّمَاءِ
تُؤْتِي أُكُلَهَا كُلَّ حِينٍ بِإِذْنِ رَبِّهَا ۗ وَيَضْرِبُ اللَّهُ الْأَمْثَالَ لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَتَذَكَّرُونَ»

**Тарҷума:**
Худои Таоло ба хотири таълими ҳақиқатшиносон ба Расули маҳбубаш Муҳаммади Мустафо (с) хитоб карда, мефармояд:
«Эй Муҳаммад! Оё надидаӣ, ки Худо чӣ гуна мисоли як калимаи покро баён кардааст? Он калима монанди дарахти пок аст, ки Ƅехааш устувор ва шохаҳояш дар осмон аст. Он дар ҳар фасл ба амри Парвардигораш самар медиҳад. Худо барои мардум мисолҳо меорад, шояд ки онҳо зикри ълми кунанд.»

Пас маълум шуд, ки дар ин ояти шариф ду чиз зикр шудааст, ки ҳар ду поканд ва дар манфиатрасонӣ ва дигар сифатҳо ба ҳам монананданд. Яъне ҳар сифате, ки дар он дарахт ҳаст, дар он **калимаи пок** низ ҳаст. Зеро Худо аввал зикри калимаи покро мекунад ва баъд мисоли онро бо дарахти пок меорад, то барои одамони оқил равшан шавад, ки чунончи дарахти пок дар ҳар вақт ва ҳар фасл мева медиҳад, ҳамон тавр калимаи пок низ манфиати маърифатӣ мебахшад.

Ҳоло каме андеша кунед ва ҷавоб диҳед: Оё дар дунё чунин дарахте вуҷуд дорад, ки аз азал решааш устувор бошад ва то абад ҳаргиз наафтад, шохҳояш ба осмон пайванд бошад, барои пухтани мевааш ҳеҷ вақт ё фасл лозим набошад, балки дар ҳар сол, моҳ, рӯз, соат, дақиқа ва сония меваи пухта омода бошад ва ҳеҷ гоҳ меваҳояш ба поён нарасанд?

Шумо ҳаргиз наметавонед бигӯед, ки чунин дарахт дар фалон ҷои дунё ҳаст. Пас бояд донем, ки чунин дарахт дар дунё вуҷуд надорад. Балки ин танҳо **мисол** аст. Худо худаш ҳам мефармояд, ки ин мисолест барои фаҳмидани мардум.

**Пас, мамсӯлаш** (он чӣ ки ин мисол ба он ишора мекунад) — **калимаи пок** аст, яъне **калимаи Борӣ Субҳонаҳу**, ки зикраш ихтисор шудааст. Ва ин дарахт — **шаҷараи нубувват ва имомат** аст, яъне **дарахти дин**, ки **чор асли он** зикр шуд.

**Акнун шохаҳо (ё фуруъ)-и ҳамин дарахтро бишнавед.**

# Фуруъи дин

**Фуруъуддин шаштоянд:**

1. Ҷад,
2. Фатҳ,
3. Хиёл,
4. Имом,
5. Ҳуҷҷат,
6. Доъӣ.

Аз ин фуруъ се фуръ — **Ҷад**, **Фатҳ** ва **Хиёл** — **рӯҳонӣанд**, ва се фуръи дигар — **Имом**, **Ҳуҷҷат** ва **Доъӣ** — **ҷисмонӣанд**.

Ҷад, Фатҳ ва Хиёл (ба тартиб) номҳои **Исрофил**, **Микоил** ва **Ҷаброил** мебошанд.

Мурод аз **Имом** — **Имоми замон** аст.
Мурод аз **Ҳуҷҷат** — **Ҳуҷҷати Аъзам** ё **Боб** мебошад, ки яке аз **бисту ҳашт ҳуҷҷат** ва фарзанди Имом аст, ки **лоҳиқи нур** шумурда мешавад.
Ва мурод аз **Доъӣ** — дар миёни **се саду шаст Доъӣ**, ҳамон даъиест, ки **лоҳиқи Ҳуҷҷати Аъзам** мебошад.

# Ташреҳи Усули Дин

## Усули аввал – Ақли Кул:

Номҳои гуногуни Ақли Кул: Одами Ҳақиқӣ, Иллати Уло, Арши Илоҳӣ, Қалам, Авал, Хазинаи Илоҳӣ, Мулки Худо, Муҷавир Ҷавоҳир, Ол, Ҳамд ва ғайра.

**Ақли Кул:** Ин фаришта аз он сабаб “Ақли Кул” номида мешавад, ки сарчашмаи ҳамаи ақлҳо ва илмҳост. Ҳамаи ақлҳо ва илмҳо зери фармони ӯянд ва чизе нест, ки ӯ натавонад бидонад. Ҳеҷ илме берун аз ӯ нест ва ӯ бар тамоми мавҷудот иҳота дорад.

**Одами Ҳақиқӣ:** Аз он ҷиҳат чунин ном дорад, ки ӯ олими «илмьул-асмо» ва масҷуди тамоми вфариштагон.

**Иллати Уло:** Чунин ном дорад, зеро ӯ нахуст аз ҳама ба виҷуд омад ва аз ӯ мавҷудод дигар яъне Нафси Кул ва бо василаи ӯ дигар ҳама мавҷудот, пайдо шуданд.

**Арши Илоҳӣ:** Ӯро аз он сабаб “Арши илоҳӣ” меноманд, ки ҳеҷ мавҷуде ашраф ва афзалтар аз ӯ нест, то сазовори тахти илоҳӣ бошад. Аз ҳамин ҷиҳат, ӯ мустақар ва тахти Худо аст.

**Қалам:** Чунин ном дорад, зеро Худо ба василаи ӯ илмро таълим додааст. (Сураи 96, ояти 4: “Аллама бил-қалам”)

**Аввал:** Аз он сабаб чунин ном дорад, ки хилқати ӯ нахуст аз ҳама шуд. Дар ҳадис омадааст: "Аввалу мо халақаллоҳу таъоло ал-қалам – аввалу мо халақаллоҳу таъоло ал-‘ақл – аввалу мо халақаллоҳу таъоло нурӣ."

**Хазинаи Илоҳӣ:** Зеро тамоми чизҳо дар ӯ мавҷуд ҳастанд. (Сураи 25, ояти 8: “О юлқо илайҳи канзун” – «Оё чаро ганҷе ба назди ӯ афканда нашуд?» яъне чаро аз Ақли Кул таъйид намеёбад?)

**Мулки Худо:** Яъне Подшоҳи Худо. Чунин ном дорад, зеро дар Мулку Худо ҳеҷ ихтилоф ва тафовут нест. (Сураи 67, ояти 3: “Ма тара фи халқир-раҳмони мин тафовут.”) «Пас дар офариниши Раҳмон ҳеч ихтилофе нест.»

**Муҷавирул Ҷавоҳир:** аз ин сабаб гуянд ки ӯст ки ҷавоҳири оливи ва софили ро ҷавҳар сохт.

**Ол:** Зеро ӯ бунёдгузори иллат аст.

**Ҳамд:** Чунин ном дорад, чун ба воситаи ӯ тамҳмид ва тасбеҳи Худо сурат мегирад.

# Усули дувум – Нафси Кул:

Нафси Кул он фариштаест, ки баромадгоҳ ва бозгашти ҳамаи нафсҳо ва рӯҳҳост.

**Ҳаввои Маъни:** Аз ин сабаб гӯянд ки ӯ ҷуфт Ақли Кул аст.

**Курсӣ:** Курсӣ: Аз ин сабаб ӯро курсӣ мегӯянд, зеро Худои Таоло мефармояд:

**«Сураи 2, ояти 255 – وَسِعَ كُرْسِيُّهُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ»**, (Сураи 2, ояти 255: "Васиъа курсийюҳу-с-самовоти вал-ард")
тарҷума: «Курсии Ӯ осмонҳо ва заминро дар бар гирифтааст.»
Яъне, ӯст, ки осмонҳо ва заминро дар васеъити худ фаро гирифтааст.

**Лавҳи маҳфуз:** Аз ин сабаб ӯро **лавҳи маҳфуз** мегӯянд, ки нақшҳои санъат, ки аз қалами Ақли кул навишта шудаанд, дар **Нафси кул** ҳамеша ҳифз аст. Чунонки Худованд мефармояд:

**Сураи 85, оятҳои 21–22:**

بَلْ هُوَ قُرْآنٌ مَّجِيدٌ ﴿٢١﴾ فِي لَوْحٍ مَّحْفُوظٍ

«Балки он Қуръони маҷид аст, ки дар лавҳи маҳфуз.»

Яъне, **Нафси кул** аст ки у дорои ҳайсияти тахтаи ҳфозати ҳар чиз аст

**Нафси воҳида:** Ӯро *нафси воҳида* низ меноманд, яъне як нафс ё як кунинда тамоми нафсҳо. (Ҳамчунин) нафси кулл номҳои зиёди дигар ҳам дорад, вале дар ин ҷо ҳамин андоза тавзеҳ кофист.

# Усули сеюм – Нотиқ:

Дар ҳар давраи (Бузург) шашҳазорсола шаш Нотиқ мишаванд. Номҳуи нотиқон дар ин давра аз ин қарор аст: ҳазрати Одам, ҳазрати Нӯҳ, ҳазрати Иброҳим, ҳазрати Мӯсо, ҳазрати Исо ва охирин ҳазрати Муҳаммад (с).

Маънои луғавии **Нотиқ** — гӯянда аст. Аммо дар истилоҳи динӣ, Нотиқ он **набӣи расул** аст, ки аз ҷониби Аллоҳ таоло бар ӯ китобе нозил шудааст ва ба ҳукми Худованд мувофиқи ҳамон китоб, ба воситаи шариати нави худ мардумонро ба сӯи Худо даъват мекунад.

Аллоҳ Таъоло дар бораи Нотиқи маҳбуби худ чунин мефармояд:

**Сураи Наҷм 53, оятҳои 3-4:**

«وَمَا يَنطِقُ عَنِ الْهَوَىٰ ﴿٣﴾ إِنْ هُوَ إِلَّا وَحْيٌ يُوحَىٰ»

Тарҷума: «Ӯ ҳарфе аз рӯи хоҳиши нафси худ намегӯяд; суханаш ҷуз ваҳие нест, ки ба ӯ нозил шудааст.»

Ҳамчунин, Аллоҳ дар ҷои дигар мефармояд:

**Сураи Мӯъминун 23, ояти 62:**

«وَلَدَيْنَا كِتَابٌ يَنطِقُ بِالْحَقِّ»

Тарҷума: «Ва назди Мо китобе ҳаст, ки ба ҳақҳ сухан мегӯяд.»

Яъне, ва назди мо чунин китоби ҳам аст,  ки бе хондани касе, худ бо ростӣ сухан мегӯяд. Ва ин худ Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) аст, ки Нотиқи илоҳӣ ва расули ваҳйи Худост.

# Усули чаҳорум – Асос:

**Асос** ба маънои бунёд аст. Дар истилоҳи дин, Асос — ҳазрати Мавлоно Муртазо Алӣ (а) аст, зеро имомат, ки қаблан пинҳон буд, ба василаи ӯ ошкор гардид.

Расули акрам (с) ба ҳазрати Алӣ (а) фармуданд:

**«كنت مع الانبياء سرا و مع محمداً جهراً»**

«Ту бо ҳамаи паёмбарон дар пинҳон будӣ ва бо ман ошкор шудӣ.»

Яъне, ҳазрати Алӣ (а) дар замони ҳамаи паёмбарон буд, вале мардум (авом) ӯро намешинохтанд. Аммо дар замони Паёмбари ислом (с), шахсияти ӯ ва мақоми имоматиаш ошкор гардид.

Асосро ҳамчунин "Сиддиқ" ро низ мегӯянд, Сиддиқ маънои **тасдиқкунанда** зеро ҳазрати Мавлоно Алӣ (а) бо **таъвил** худ тасдиқ **танзили** ҳазрати Муҳаммад (с) мекард.

Чунонки Расули Худо (с) фармуд:

«يا على أنت منّي بمنزلة هارون من موسى»

«Эй Алӣ! Шумо барои ман ҳамон гуна ҳастед, ки Ҳорун барои Мӯсо буд.»

Ва Худованди Таоло ба нақл аз Мӯсо мефармояд:

**Сураи 28, ояти 34:**

«وَأَخِي هَارُونُ هُوَ أَفْصَحُ مِنِّي لِسَانًا فَأَرْسِلْهُ مَعِيَ رِدْءًا يُصَدِّقُنِي ۖ إِنِّي أَخَافُ أَن يُكَذِّبُونِ»

яъне Мусо гуфт «Ва бародари ман Ҳорун равшанзабонтар аз ман аст, пас ӯро бо ман бифрист, то кӯмаке барои ман шавад ва маро тасдиқ кунад. Зеро ман метарсам, ки маро ишон яъне фиръун(ва қавмаш) инкор кунанд.»

Аз ин гуфтаҳо равшан аст, ки ҳазрати Алӣ (а) дар ҳама чиз дастгири Расул (с) ва тасдиқкунандаи шариат ва ваҳй буд. Аммо чунин тасдиқ танҳо тавассути таъвил мумкин аст.

Пайғамбари Акрам (с) инчунин фармуд:

«إِنَّ مَنْكُمْ مَنْ يُقَاتِلُ بَعْدِي عَلَى التَّأْوِيلِ كَمَا قَاتَلْتُ عَلَى التَّنْزِيلِ فَسُئِلَ النَّبِيُّ مَنْ هُوَ؟ فَقَالَ خَاصِفُ النَّعْلِ، يَعْنِي أَمِيرَ الْمُؤْمِنِينَ»

Яъне он ҳазрат (с) саҳобагонро мухотиб шуда, фармуданд:"Дар миёни шумо касе ҳаст, ки пас аз ман барои таъвил ҷанг хоҳад кард, чунон ки ман барои танзил ҷанг кардам."
(Саҳоба пурсиданд: «Он кист?»)
Пайғамбар фармуд: «Он ки кафшҳои ро таъмир мекунад — яъне Амири Мӯъминон (Алӣ (а)).»

«Яъне ҳеҷ оқиле ин ҳақиқатро инкор нахоҳад кард, ки тасдиқи чизе (барои касе) дар ҳақиқат он вақт метавонад шавад, ки аслияташ комилан маълум гардад.»

Чунонки Худо мефармояд:

**Сураи 34, ояти 45:**

«وَكَذَّبَ الَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ وَمَا بَلَغُوا مِعْشَارَ مَا آتَيْنَاهُمْ فَكَذَّبُوا رُسُلِي ۖ فَكَيْفَ كَانَ نَكِيرِ»

Тарҷума: «Ва касоне ки пеш аз онҳо буданд, пайғамбаронро инкор карданд, бо он ки онҳо ҳатто ба як даҳуми он чи ба онҳо дода будем, намерасиданд. Яъне (китоб) ва бадин сабаб, пайғамбарони маро такзиб карданд. Пас чӣ гуна буд инкору ношиносии онҳо (накир)?» Калимаи **"накир"**, бар вазни **"фаъил"**аст, ба маъни нокир ки зидди ориф аст ба маъни ношинос.

Маънои мухтасари ин оят чунин аст, ки онҳо зоҳиран китоби осмониро мехонданд, аммо фаҳму дарки онҳо нисбат ба ҳақиқат ё таъвили китоб ба андозае набуд, ки ҳатто ба

даҳяк (яъне таъвили) он расанд. Пас ҳамин нотавонии онҳо дар фаҳмидан, дар асл сабаби такзиб (инкор) кардани паёмбарони худашон гардид.

Ба ҳар ҳол, барои таъвили суханони Худо ва Паёмбараш, асоси паёмбар ҳазрати ҳазрати Алӣ (а) буданд; ва ҳамеша дар шаклу номҳои дигар дар ҷаҳон ҳозир ҳастанд. Ҳар чӣ ки эшон мефармоянд ва ҳар амале ки анҷом медиҳанд, худи ҳамон таъвил аст. Зеро Қуръони азим бо хусусияти рӯҳонӣ ва маънавии худ, дар зоти мубораки Имом Замон (а) ҳамеша ҳузур дорад. Чунончи Расул (с) фармудаанд: «Қуръон бо Алӣ аст ва Алӣ бо Қуръон аст».

«اَلْقُرْآنُ مَعَ علي وَ عَلِيٌّ مَعَ الْقُرْآنِ»

Аммо маънои мақсуд ин нест, ки ҳазрати Мавло Алӣ (а) ҳамеша бо Қуръони шариф дар даст гаштугузор доранд, балки ҳақиқати он ба тарҳи дигари аст. Аз мисоли ин ҳадис метавон ба маънии наздик ба он мурод расид. Паёмбар (с) фармудаанд: «Ман шаҳри илмам ва Алӣ дарвоза он аст.»

«أنَا مَدينَةُ العِلمِ وعَلِيٌّ بابُها»

Тарҷума: «Ман шаҳри илмам ва Алӣ (а) дарвозаи он аст.»

Агар Мавло Алӣ (а) ба ростӣ дарвозаи Паёмбар (с) бошад — чуноне ки худи Паёмбар (с) фармудаанд — пас дар вуҷуди ҳазрати Алӣ (а) на танҳо ҳамаи он илмҳоест, ки Паёмбар (с) медонист, балки худи Паёмбар низ дар онҳаст. Зеро шаҳр дар дохили дарвоза аст ва бе гузаштан аз дарвоза, ҳеҷ кас наметавонад ба шаҳр ворид шавад.

Ҳамчунин мақсади сохтани дарвозаи шаҳр ин аст, ки ҳар кас наметавонад бо хоҳиши худ ба он дохил шавад. Бо ин гуфта, мехоҳам бигӯям, ки он **девори мустаҳками** атрофи шаҳр низ **Ҳазрати Муртазо Алӣ (а)** аст. Яъне, тамоми ҳақоиқ ва маърифате, ки Расули Худо (с) доштанд, дар зоти мубораки Мавлоно Алӣ (а) низ вуҷуд дорад.

Зеро Паёмбар (с) аз ҷумлаи фаромӯшкорон набуд ва тамоми Қуръони маҷид дар дили мубораки эшон мавҷуд буд. Чунончи Худои Таоло мефармояд:

**Сураи 87, ояти 6**

**«سَنُقْرِئُكَ فَلَا تَنسَىٰ»**

**Мо ба ту (Қуръонро) хоҳем хонд ва ту ҳеҷ гоҳ онро фаромӯш нахоҳӣ кард.**

Пас, чун **нури Муҳаммад (с)** дар **нури Алӣ (а)** аст ва **нури Алӣ (а)** дар **Имом Замон (а)** ҳаст, бешак Қуръони маҷид низ ҳатман дар он нур мавҷуд аст.

Фаҳмидани ҳақиқати ин мисоли "шаҳр" дар бораи Паёмбар (с) ҳамин тавр беҳтар аст, нисбат ба он ки касе ин шаҳрро, ки маъмур аз илмҳо ва ҳақоиқ аст, вайрону тасаввур кунад. Инчунин, барои Худо ва Расулаш зебанда нест, ки чизеро тавсиф кунанд, ки баъд аз чанд рӯз нобудшаванда бошад.

**Бори дигар ҳамин ҳақиқат такроран баён карда мешавад, ки Мавло Алӣ (а), ки Асос ва соҳиби таъвил аст, ба ҳолати як Нур дар Имом Замон (а) мавҷуд аст. Ва ба ҳамин маънӣ, Мавлоно Алӣ (а) ҳоло ҳам айнан дарвозаи шаҳри илм аст, тавре ки қаблан буд.**

Мавлоно Муртозо Алӣ (а) дар як хутбаи худ чунин мефармояд:

«أنا الذي إن مُتُّ فلم أمت، وإن قُتِلتُ فلم أُقتل»

**«Ана-ллазӣ ин амутт фа лам амут, ва ин қутилту фа лам уқтал.»**
(Маноқиби Муртазавӣ, Муҳаммад Солеҳ Кашфӣ Тирмизӣ, саҳфаи 146)

«Агар ман аз марг мемурдам, ҳаргиз намемурдам; ва агар маро мекуштандӣ, ҳаргиз кушта намешудам.»

Матлаби ин хутба ҳаргиз ин нест, ки Мавло Алӣ (а) ҷисми муборaки худро лофонӣ ҳисоб мекунанд, зеро ҳеҷ ҷисме лофонӣ нест.

Ҳамчунин маънии баёншудаи эшон **ин ҳам нест**, ки эшон дар олами рӯҳонӣ зинда ҳастанд, **зеро он ҷо ҳама зиндаанд**, ва сифате ки дар ҳама ҳаст, шахси доно ба он фахр намекунад.

Лекин вақте ки мехоҳад мардумро аз хусусиятҳои хеш огоҳ кунад, он хусусиятҳои худро баён мекунад, ки дар дигарон мавҷуд нест.

# Ташреҳи фуруъи дин

## Фаръи аввал Ҷад:

Ҷад номаш Исрофил аст ва дар ин ояти Қуръони маҷид андаке аз ӯ зикр шудааст:

«Сураи 72, ояти 3 — وَأَنَّهُ تَعَالَىٰ جَدُّ رَبِّنَا مَا ٱتَّخَذَ صَٰحِبَةً وَلَا وَلَدً»

Тарҷума: «Ва ин ки баланд аст он фаришта Парвардигори мо, ки номаш Ҷад аст.»

Ҳамчунин дар дуои қунути Расули Акрам (с) баландии Ҷад баён шудааст:

«سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ وَبِحَمْدِكَ، تَبَارَكَ ٱسْمُكَ، وَتَعَالَىٰ جَدُّكَ، وَلَا إِلٰهَ غَيْرُك ـ اللَّهُ أَكْبَر»

Тарҷума: «Эй Худо, ту покӣ ва таҳмид (ситоиш) сазовори ту танҳо аз ҳадди аввал мумкин аст, ва аз ҳадди дуюм, ки номи туст, маърифати ту ба даст меояд; ва аз ҳадди сеюм, яъне Ҷад, иқрори бартарии туро метавон намуд; ва аз ҳадди чаҳорум бузургии ту ошкор аст; ва ба василаи ҳадди панҷум ибодати ту қобили қабул мегардад. Ва Худои Таоло аз ҳудудҳои рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ бисёр бузургтар аст.»

Мақсади махсуси ин баён зикри **Ҷад** аст.

Чун Ҷад аз фурӯъҳои рӯҳонӣ баландтарин аст ва низ ин фаришта ишқи ҳақиқист, бинобар ин ӯ (фурӯъ) баландтарин қарор дода шудааст. Гарчанде шохи дарахт аз танаи он болотар аст, вале қиёми он бар тана мебошад. Пас, бешак равшан гардид, ки ба ҳамин шакл, чунончи ин се фариштаро шохҳои дарахти дин ҳисоб мекунанд, ба ҳамин тартиб Ҷад болотарини фурӯъҳои (дарахти) дин аст.
Файзи умумии ин фаришта барои ҳар инсон қувваи нутқ мебошад.

## Фаръи дуюм — Фатҳ:

Номи дигари Микоил **Фатҳ** аст. Маънои луғавии "фатҳ" кушодан аст, яъне кушодани ҳар чизи баста. Аммо дар ин ҷо маънои **фатҳ** (аз назари динӣ) фақат кушоиши рӯҳонӣ аст, ки мисоли он ин ояти шарифа мебошад:

**Сураи 34, ояти 26 — قُلْ يَجْمَعُ بَيْنَنَا رَبُّنَا ثُمَّ يَفْتَحُ بَيْنَنَا بِالْحَقِّ وَهُوَ ٱلْفَتَّاحُ ٱلْعَلِيمُ**

**Тарҷума:** «Бигӯ: Парвардигори мо миёни мо ҷамъ мекунад, пас он гоҳ бо ҳақ миёни мо мекушояд, ва Ӯст Кушояндаи Доност.»

Дар ин ҷо мурод аз "ҷамъ кардан" дохил шудан ба дини Муҳаммадист, ва мурод аз "кушодан" — ба воситаи таъвил баён кардани танзил мебошад. Пас, **таъвил аз ҳадди Фатҳ**, яъне **Микоил**, оғоз мегардад.

Чунончи ин сухани машҳур ҳаст, ки Микоил фариштаи тақсимкунандаи ризқи аҳли дунёст. Пас дуруст аст, ки ризқ ду навъ аст: ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ. Чунончи **ризқи рӯҳонӣ таъвил** аст ва ҳадди ниҳоии таъвил — **Фатҳ**, яъне **Микоил** мебошад.

Дар ҳолати умумӣ, **ҳар инсон аз ин фаришта қувваи фаҳм** (идрок) ба даст меорад.

## Фаръи сеюм — Хиёл:

**Хиёл Ҷабраил** гуфта мешавад, ва ин фаришта фариштаи **танзил** аст. Ӯро «хиёл» аз он ҷиҳат мегӯянд, ки амали рӯҳонии ӯ дар тахайюли инсонӣ воқеъ мегардад. Бардоштани ҳиҷоби зулмонӣ аз тахайюли толиби рӯҳоният, кори ҳамин фаришта аст.

Чунончи дар тартиби мударакоти инсонӣ, баъд аз ҳисси панҷгонаи зоҳирӣ, хиёл аст, ки аввалин мадраки панҷгонаи ботинӣ мебошад — ҳамчунин, баъд аз панҷ ҳадди ҷисмонӣ, фариштаи хиёл меояд, ки ҳадди аввалини панҷ ҳадди рӯҳонист, Яъне **рӯҳоният аз хиёл оғоз меёбад**.

**Тафсили бештаре дар бораи Ҷабраил** аз ин ояти шарифа ба даст меояд:
**Қавли Таоло:**
**Сураи 2, ояти 97 —**
**قُلْ مَن كَانَ عَدُوًّا لِّجِبْرِيلَ فَإِنَّهُ نَزَّلَهُ عَلَىٰ قَلْبِكَ بِإِذْنِ اللَّهِ مُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ وَهُدًى وَبُشْرَىٰ لِلْمُؤْمِنِينَ**

**Тарҷума:**
«Бигӯ: Ҳар кӣ бо Ҷабраил душман аст, пас (донад, ки) ӯ онро (Қуръонро) ба фармони Худо бар дили ту нозил кардааст; дар ҳоле ки он тасдиққунандаи китобҳои пешин ва ҳидояту мужда барои мӯъминон аст.»

Дар ин оят **зиёнҳои рӯҳонӣ бар асари душманӣ бо Ҷабраил** баён шудааст.

Зоҳиран, **душманӣ касе бо Ҷабраил** мумкин нест. Масалан, агар дар мавриди кофирон фарз кунем, ки эшон **душмани Ҷабраил** ҳастанд, зеро ӯ ба фармони Худованди Мутаъол бар ҳазрати Муҳаммад (с) ваҳй нозил мекунад — ин **амри маҳол** аст. Чун чунин иддао, худ **эътирофи ҳастии Худо** ва **эътирофи нозил шудани ваҳй бар Муҳаммад (с) тавассути Ҷабраилро** дарбар дорад. Ҳамин тавр, касоне ки ҳастии Худоро қабул надоранд, аз рӯи қонуни мантиқ, намешавад онҳоро душмани Худо номид. Зеро пеш аз он ки касе бо чизе дӯстӣ ё душманӣ дошта бошад, бояд ҳастии он чизро эътироф намояд.

Масалан, агар Зайд гӯяд:
«Бакр душмани ман аст» ё «ман душмани Бакр ҳастам»,
дар ин гуфтор, аввалан Зайд ҳастии душмани худ — Бакрро,
баъдан — амал ва дар охир — мухолифати худро эътироф мекунад.

Дар ин сурат, душманӣ бо Ҷабраил ба ин маъност, ки шахс даст ба чунин амалҳо мезанад, ки дар натиҷаи онҳо феъли рӯҳонии Ҷабраил наметавонад дар дили ӯ сурат бигирад — сабаби амалҳои бади ӯ ҳар чӣ бошад. Пас, дар ин ҳолат, масалан, **Ҷабраил аз он шахс дур мемонад**, зеро дурӣ ва фирор намудан аз сабаби душманӣ аст.

Чунон ки душманӣ иборат аст аз маънӣҳои зер:

- Ногувор сохтани чизе,
- Нахоста онро,
- Касе ро мухолиф донистани худ,
- Кӯшиш барои нест кардан ё табиъ кардани он,
- Гризидан аз он,
- Ва фикрҳои номуносиб дар дил будан ва ғайра.

**Баръакс**, фариштагон аз ин гуна хислатҳо пок ҳастанд. Амалҳои фариштагон чунин пок аст, ки офтоб, ки аз осмон нур меафшонад, ба ҳар он чизе ки худро аз офтоб пинҳон намекунад. Вале он чизе, ки барои худ парда сохта аст, ва дар он монад, на танҳо душман худ аст, балки душмани офтоб ҳам ҳаст, зеро он аз офтоб дур мемонад. Дар ин ҳолат, ҳама калимаҳое, ки маънои душманӣ доранд, бар он чиз тадбиқ мегарданд.

Худованди Мутаъол пеш аз фариштагони дигар, ба тариқи ҳикмат, душманӣ доштан бо Ҷабраилро мазаммат кардааст. Аз ин маълум мешавад, ки Ӯ аз мӯъминон мехоҳад, то онҳо амалан бо Ҷабраил дӯстӣ намоянд. Яке аз далелҳои ин гуфта он аст, ки рӯҳоният ва шинохти нафс — ки худ шинохти Парвардигор аст — аз лиҳози рӯҳонӣ дарвоза аввалини он, "хиёл" аст, ки ҳамон Ҷабраил аст. Бинобар ин, бар мӯъминон лозим аст, ки дар ҳамин зиндагии худ, барои эътироф кардани вуҷуд рӯҳоният, ҳадди ақал як бор аз дӯстии амалии ин фаришта баҳравар шаванд. Ва ин кор номумкин нест, балки имкони он дар худи калимаҳои «ҳидоят ва башорат», ки дар ҳамин ояти шариф омадааст, вуҷуд дорад. Ҳамчунин, дар ин фармудаи Аллоҳ Таоло, ки «Ҷабраил ба дили ту ваҳй нозил кардааст», ишорае ҳаст ба шинохтани ҳақиқати дил ва пок нигоҳ доштани он аз ҳар гуна олудагӣ. Масалан, агар касе бишнавад, ки подшоҳ ё шахси бузургу азизе қасди омадан ба хонаи ӯро дорад, ӯ бояд кӯшиш кунад, ки хонаи худро пок ва ороста намояд, ва низ талош варзад, ки дар хона чизе набошад, ки меҳмони гиромӣ аз он безорӣ ё нафрат кунад.

Илова бар ин, дар бораи ба даст овардани чунин рӯҳоният, Худованди Таоло мефармояд:«Сураи 33, ояти 21 – Албатта барои шумо дар шахсияти Паёмбари Худо намунаи некӯ (асваи ҳасана) ҳаст, барои касе ки ба Худо ва рӯҳоният умед дорад ва Худоро бисёр ёд мекунад.» Яъне чунончи Расул дар рӯҳоният пешсаф буд, барои шумо низ муносиб аст, ки аз пайи ӯ равона шуда, омӯзед. Ва ин барои он касест, ки ба Худо ва рӯҳоният умед дорад ва Худоро пайваста ёд мекунад. Дар ин ҷо «Яўмул охир» ба маънии рӯҳоният тафсир шудааст, зеро «рӯзи охир» фақат дар рӯҳонӣят вуҷуд дорад. Дар ҳамин ояти шариф, ҳам имкони ба даст овардани рӯҳоният ва ҳам шартҳои он баён шудааст.

# Фаръи чаҳорум — Имом (а):

Дар байни фаръҳои ҷисмонӣ, аввалин фаръ **Имом** аст. **Имом** дорои маротиби гуногун аз маратиби хурд ва бузург бисёр мебошад, ки тафсили он дар як фасли ҷудогонаи ҳамин китоб ба таври муфассал баён хоҳад шуд.

**Маънӣ Имом**: Имом ба маънои пешво, сарвар, асли ҳар чиз, ва дар умури динӣ, касе аст, ки муқаддам бар дигарон бошад. Агарчи **Ақли кул, Нафси кул, Нотиқ ва Асос** чун решаҳои дарахти дин ва Имом чун шохи он пазируфта мешаванд, вале ин ҳақиқат низ қобили қабул аст, ки мева танҳо аз шохи дарахт ба даст меояд. Шох, ҳатман бо тана ва решаҳо вобастагӣ дорад, аммо **мева** ҳамеша дар шох пайдо мешавад — яъне натиҷаи амалии иттиҳоди дарахт ва арзишу қимати он дар шох дида мишавад. **Ҳамин тавр, Имом Замон (а)** аст, ки аз илмул-таъвилаш метавон шараф ва бузургии Ақли Кул, Нафси Кул, Нотиқ ва Асосро дарк кард. Чунонки мева аз шохи дарахт ҳосил мешавад, илми рӯҳонии ин чор асл низ фақат аз Имом Замон (а) зоҳир мешавад. Зеро **Имом Замон (а)** ҳамеша дар дунё ҳозир ва мавҷуд аст ва дар ҳар замон, ҳам бо роҳи рӯҳонӣ ва ҳам ҷисмонӣ, ба ҷаҳон бар асоси маротиби хос файз мерасонад. Гирифтани файз аз фаръҳои рӯҳонӣ, яъне Ҷабраил, Микоил ва Исрофил, бевосита осон нест. Аз ин рӯ, **итоати Имом Замон (а)** зарурист, то тавассути ӯ, расидан ба рӯҳоният осон гардад. Дар ин роҳ, аввал **дарвозаи илми ҳудуд** кушода мешавад ва баъд **илми тавҳид** имконпазир мегардад.

Чунончи Қуръони Ҳакім мефармояд:

**Сураи 5, ояти 35**
«يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اتَّقُوا اللَّهَ وَابْتَغُوا إِلَيْهِ الْوَسِيلَةَ وَجَاهِدُوا فِي سَبِيلِهِ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ»

«Эй касоне, ки имон овардаед! Аз Худо битарсед ва ба сӯи Ӯ васила (восита) ҷӯед ва дар роҳи Ӯ ҷиҳод намоед, то бошад ки растгор шавед.»

# Фаръи панҷум – Ҳуҷҷат:

Ҳуҷҷатро далел низ меноманд, яъне гуфтори маъқуле, ки барои исбот ё рад кардани ҳаққонияти чизе дар мубоҳиса ё баҳс истифода мешавад. Инро **ҳуҷҷат** меноманд. Чуноне ки Худованд фармудааст:

**Қавли Таоло:**

**«Сураи 6, ояти 149 – Фа-лилләһи-л-ҳуҷҷату-л-болиға»,**
فَلِلَّهِ الْحُجَّةُ الْبَالِغَةُ
яъне: «Далели маҳкам аз они Худост.»

(Дар ҳудуди дин) ҳуҷҷатро, ҳуҷҷат аз ин ҷиҳат мегӯянд, ки далелҳои нафй ва исботро ба таври комил медонад ва ҳеч гоҳ дар ҳеҷ баҳсе оҷиз намегардад, зеро ӯ илми таъвилро дорост.

**Маънӣ**-и дигари **ҳуҷҷат** — ҷанги илмӣ, яъне мубоҳиса аст, чунончи дар ин ояти Қуръон омадааст:

**«Сураи 42, ояти 15 – Ло ҳуҷҷата байнано ва байнакум»,**
тарҷума: «Миёни мо ва шумо ҳуҷҷат яъне пикуори гуфтори нест.»
дар маънои дигар омада аст ки, **Маънӣ**-и дигари **ҳуҷҷат** — шахсе мебошад, ки аз ҷониби шахси дигар масъули ҷавоб гуфтан ва масъулият дорад. Чунончи дар ояти зер ин мафҳум зикр шудааст:

**«Сураи 4, ояти 165 – Русулан мубашширина ва мунзирина ли-алло якуна ли-нноси ала-ллоҳи ҳуҷҷатун баъда-р-русул, ва кана-ллоҳу азизан ҳакима»**
«رُّسُلًا مُّبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ لِئَلَّا يَكُونَ لِلنَّاسِ عَلَى اللَّهِ حُجَّةٌ بَعْدَ الرُّسُلِ ۚ وَكَانَ اللَّهُ عَزِيزًا حَكِيمًا»

тарҷума:«Фиристодем паёмбаронро, муждадиҳандагон ва тарсонандагон, то набошад мардумонро бар худа хуҷат ки пас аз (омадани) фиристодагон, мардум бар Худо ҳуҷҷат (яъне масъулияти ҷавобдиҳӣ) надошта бошанд. Ва Худо ғолиб ва ҳаким аст.»

Яъне, ин амали Худо дар ҳар замон идома дорад.

**Мафҳуми ояти зикршуда ин аст, ки дар рӯзи Қиёмат касе натавонад шикоят кунад (ва гӯяд), ки дар замони мо ягон Расул ё роҳнамое набуд, ки мувофиқ ба шароити замон моро раҳнамоӣ кунад.**

Балки дар ин оят, Худованди Таоло равшан баён кардааст, ки дар умури дин ва дунё ҳар чизе, ки ҳамчун васила ва роҳнамо барои инсонҳо зарур буд, ҳамаашро муҳайё намуда аст. Яъне **ҳуҷҷат аз ҷониби Худованд алайҳи мардум аст** — ва ин маъно дорад, ки **Ҳазрати Имоми Замон ҳамеша дар дунё ҳузур дорад**, то ки дар рӯзи Қиёмат мардум натавонанд алайҳи Ӯ баҳона оранд.

Пас, равшан шуд, ки **аз ҷониби Худо ва Расул, Имоми Замон барои мардумон ҳуҷҷат аст**. Ва ин дар ихтиёри худи Имом замон аст, ки шахсан низоми динро идора кунад, ё тавассути **ҳуҷҷатҳо ва даъиҳои худ**.

Дар ин ҷо махсусан аз **ҳуҷҷат** ёд шудааст, ки ӯ дар мартабаи баъд аз Имом қарор дорад. Дар ин мартаба, **ҳамагӣ 28 ҳуҷҷат** шомил анд. Ба ин тартиб, ки дунёро ба **12 қисм** ҷудо кардаанд ва ҳар қисмро **ҷазира** мегӯянд. Дар ҳар як ҷазира **ду ҳуҷҷат** ҳаст: яке **Ҳуҷҷати рӯз** ва дигаре **Ҳуҷҷати шаб**.

Илова бар ин, дар ҳузури **Имоми Замон** низ **чор ҳуҷҷат** ҳастанд — дутои онҳо **ҳуҷҷати рӯз**, ва дутои дигар **ҳуҷҷати шаб** мебошанд. Аз миёни ин чор ҳуҷҷат, бузургтарини онҳо **Ҳуҷҷати Аъзам** ё **Боб** ном дорад. Ӯ ҳамон фарзанди Имоми Замон аст, ки баъд аз Ӯ ба имомат мерасад. **"Боб" маънои "дарвоза"-ро дорад.** Чунончи Расули Худо (с) дар бораи Мавлоно Алӣ (а) фармудаанд:

**«Анаа мадинату-л-илми ва Алӣюн бобуҳо»**
Яъне: **«Ман шаҳри илми тавҳид ҳастам ва Алӣ дарвоза (боби) он аст.»**

Пас, **Ҳазрати Мавлоно Алӣ (а) Ҳуҷҷати Аъзам** ва **Боби Расули Худо (с)** буд. Зеро **Ҳуҷҷати Аъзами даври Нотиқи худ** Имом аст.

Равшан бод, ки **бисту ҳашт ҳуҷҷат**ро **бисту ҳашт манзил** ва **дувоздаҳ ҳуҷҷат**ро **дувоздаҳ бурҷи олами дин** мегӯянд. Чунончи **дувоздаҳ ҳуҷҷат** ба ин тартибанд, ки ҷаҳон ба **дувоздаҳ ҷазира ё қисмат** тақсим шудааст, ва агар дар ҳар як ҷазира **як ҳуҷҷат** ҳисоб шавад, ҷамъан **дувоздаҳ ҳуҷҷат** мешаванд. Ва ҳамин **дувоздаҳ ҳуҷҷат**, **дувоздаҳ бурҷи олами дин** низ ҳастанд.

Барои донистани **андозаи қобилияти рӯҳонии ҳуҷҷат**, ҳамин қадар гуфтани кофист, ки бисёре аз **пирони бо каромат ва бузургони дин**, чун **Салмон Форсӣ**, **Шамси Табрезӣ**, **Ҳаким Насир Хусрав**, **Пир Садриддин**, **Пир Ҳасани Кабириддин** ва дигарон, ҳар кадом дар замони худ **ҳуҷҷати Имоми Замон (а)** буданд. Ҳамчунин, дигар ҳуҷҷатҳо низ дар илм, каромат ва бузургӣ ба таври куллӣ ба мисли онҳо буданд.

Аммо ин як амри ҷудогона аст, ки баъзе аз ҳуҷҷатҳо, вобаста ба **зарурати вақт ва шароити замон**, **илм ва каромати худро ошкор кардаанд**, ва бархе дигар, **бар асоси маслиҳат**, онҳоро **пинҳон доштаанд**.

Ҳамчунин, ба **руҳонияти ҳуҷҷатҳо** таваҷҷӯҳ кунед аз байти зер, ки яке аз бузургони дин фармудааст:

**Байт:**
**Аз дили ҳуҷҷат ба Ҳазрат роҳ бувад,**
**Ӯ ба таъйиди дилаш огоҳ бувад.**

Яъне, аз қалби ҳуҷҷат то ба Имоми Замон (а) ҳамеша як роҳи рӯҳонии устувор вуҷуд дорад, ва Имоми Замон (а) ҳеҷ гоҳ, ҳатто як лаҳза ҳам, аз фиристодани таъйиди рӯҳонӣ ба дили ҳуҷҷати худ ғофил намемонад.

**Ҳуҷҷат он марҳилаи олии рӯҳонӣ аст**, ки дар он ҷо **ҳамаи улум ва маърифати ҳақиқати ашё** ҳузур доранд. Ин ҳамон **мақоми баланд** аст, ки ҳар кас ба он ҷо боло равад, **ҳақиқати ҳастӣ ва маконро бо чашми ботин** ба хубӣ дидан метавонад. **Маърифати нафси инсонӣ**, ки дар асл **шинохти Парвардигор** аст, дар **марҳилаи ҳуҷҷат** ба дараҷаи комил ҳосил мешавад.**Таъвили китобҳои осмонӣ ва шариатҳои гуногун** низ бо тамоми имконият, **ҳуҷҷатро** муяссар мегардад. **Ҳуҷҷат** ва **Фатҳ**, яъне **Микоил**, ду муқобили якдигаранд.

# Фаръи шашум — : Доъи

ба маънии **даъваткунанда** ба сӯи дини ҳақ мебошад. Чунончи Аллоҳи Таоло мефармояд:

**Сураи 33, ояти 46:**

**«Ва даъиян ила-л-Лоҳӣ би-изниҳӣ ва сироҷан мунунӣра»**

«وَدَاعِيًا إِلَى اللَّهِ بِإِذْنِهِ وَسِرَاجًا مُّنِيرًا»

Тарҷума: **«(Эй Муҳаммад!) Мо туро фиристодем даъваткунанда ба сӯи Худо, ба иҷозати Ӯ — ва чароғе равшан.»**

Дар ин оят, Расули Худо (с) **Доъӣ** хонда шудааст, зеро Ӯ ҳам шахсан мардумро ба сӯи Худо даъват мекард, ва ҳам **зери назорати худ аз дигарон** барои иҷрои кори даъват истифода мекард.Чунончи дар замони Расули Худо (с), **Доъӣҳо аз ҷониби Ӯ таъин мешуданд**, зеро кори махсуси ӯ **набуввват** аст, ва **даъват** зери **сарпарастии набувват** (ӯ) анҷом мешуд.

Пас маълум шуд, ки мувофиқи эътиқоди мазҳаби исмоилӣ, **пас аз ҳуҷҷат**, **Доъӣ** қарор мегирад. Шумораи **Доъӣҳо дар ҳар як ҷазира** — **си** аст, ва дар **дувоздаҳ ҷазира** — **се саду шаст** мешаванд, ки **баробар ба шумораи рӯзҳои як соли миёна** аст.

**Даъиён низ аз ҷиҳати илм ва фазл дараҷаҳо доранд.** Умуман, Доъӣҳо ба **ду гурӯҳ** мешаванд:

1. **Даъии мутлақ**
2. **Даъии маҳдуд** ё **даъии макфуф**

**Фарқе**, ки миёни онҳо ҳаст, ин аст, ки: **Даъии мутлақ** аз лиҳози рӯҳонӣ ба **маротиби болотар** аз худ расидааст, вале **аз ҷиҳати зоҳир**, ба мисли як даъии одӣ кор мекунад. Аммо **даъии маҳдуд** ё **макфуф**, ҳам **зоҳирӣ ва ҳам ботинан**, танҳо сазовори **ҳадди даъват** мебошад.
Ҳамаи ин Доъӣҳо ҳамеша ба таври **рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ**, **илм ва маърифатро** аз **ҳуҷҷатҳои ҷазираи худ** дарёфт мекунанд. **Доъӣ ва хаёл муқобили якдигар** мебошанд.

Худованди Мутаол мефармояд:

**Сураи 9, ояти 36:**

إِنَّ عِدَّةَ الشُّهُورِ عِندَ اللَّهِ اثْنَا عَشَرَ شَهْرًا فِي كِتَابِ اللَّهِ يَوْمَ خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ مِنْهَا أَرْبَعَةٌ حُرُمٌ ۚ ذَٰلِكَ الدِّينُ الْقَيِّمُ

**"Ҳароина шумораи моҳҳо назди Худо дувоздаҳ моҳ аст, дар китоби илоҳӣ, аз он рӯз ки осмонҳо ва замин офарида шуданд; аз ин дувоздаҳ моҳ, чор моҳ ҳаром аст. Ин аст дини қайим."**

| Дар баёни маротиби Ҳудуд-и Дин: | | |
|---|---|---|
| 1 | Мустадҷиб | Маҳрам |
| 2 | Мазун маҳдуд | Сафр |
| 3 | Мазун мутлақ | Раби' ал-аввал |
| 4 | Даъи маҳдуд | Раби' ас-санӣ |
| 5 | Даъи мутлақ | Ҷамодӣ-ал-аввал |
| 6 | Ҳуҷҷат | Ҷамодӣ-ас-сонӣ |
| 7 | Боб | Раҷаб |
| 8 | Имом | Шаъбан |
| 9 | Асос | Рамазон |
| 10 | Нотиқ | Шаввал |
| 100 | Нафс-и Кул | Зи-л-қаъда |
| 1000 | Ақл-и Кул | Зи-л-ҳиджа |

Ҳудуди дин аз мустадҷиб оғоз мегардад ва мустадҷиб номи муриде аст, ки даъвати ҳақро қабул мекунад. Яъне, мустадҷиб он шахсест, ки дар марҳилаи аввалини иршоди рӯҳонӣ қарор дорад ва фақат ба хотири дарёфти файз ва омӯхтан ба роҳи ҳақ ворид мешавад.Чунонки дар Қуръони маҷид омадааст:

**Сураи 6, ояти 36:**

**«إِنَّمَا يَسْتَجِيبُ الَّذِينَ يَسْمَعُونَ ۘ وَالْمَوْتَىٰ يَبْعَثُهُمُ اللَّهُ ثُمَّ إِلَيْهِ يُرْجَعُونَ»**

**«Ҳароина касоне мепазиранд, ки мешунаванд; ва мурдаро Худованди Мутаол зинда мекунад, сипас ҳама ба сӯи Ӯ бозгардонида мешаванд.»**

Ҳар гоҳ дар мустадҷиб қобилияти даъват пайдо шавад, ба ӯ иҷозати даъват кардан дода мешавад ва ӯро мозун меноманд. Пас аз адои фароиз ҳарду марҳилаи мазунӣ, шахс ба мартибаи "Даъии маҳдуд" (ё "макфуф") мерасад, ва баъд аз он ба "Даъии мутлақ", ва баъдан ба мартибаи Ҳуҷҷати ҷазира метавонад расид. Аммо дар ин зиндагии,охирин ва баландтарин мартибаи рӯҳонии як мӯъмин, ин мартибаи Ҳуҷҷати аст.

# Шакли тамсилӣ усул ва фуруъи дин бо хатҳои ваҳдони

Барои тафҳим, яке ҳамагӣ ҳудуд андар амри кул ва нисбатҳои ҳамҷинсӣ, таркибӣ ва тақобулӣ ҳар як.






**Қавлуҳу Таъоло (Сураи Ҳиҷр, 15:16–17):**

«وَلَقَدْ جَعَلْنَا فِي السَّمَاءِ بُرُوجًا وَزَيَّنَّاهَا لِلنَّاظِرِينَ ﴿١٦﴾ وَحَفِظْنَاهَا مِن كُلِّ شَيْطَانٍ رَّجِيمٍ»




**Тарҷума:** «Ва мо дар осмон бурҷҳоро муқаррар кардем ва онҳоро барои нигаришкунандагон зебо гардондем ва онро аз ҳар шайтонҳои рондашуда нигоҳ доштем.»

# Дар баёни айём (рӯзҳои) олами дин

Тавре ки дар ҳафтаи дунявӣ ҳафт рӯз аст, ҳамон тавр дар ҳафтаи дини низ ҳафт рӯз аст, зеро ки олами зоҳир ва олами дин ба таври куллӣ монанди якдигаранд. Аммо ин қадар фарқ зарурист, ки олами зоҳир дар муқобили олами дин монанди мурда аст ва олами дин дар муқобили олами зоҳир зинда аст.

Далели садоқати ин қавл аз ояти зерин ёфта мешавад, қавлуҳу таоло:

**«Сураи ۲۹, ояти ۶۴–**
**وَإِنَّ الدَّارَ الْآخِرَةَ لَهِيَ الْحَيَوَانُ ۚ لَوْ كَانُوا يَعْلَمُونَ»**

Тарҷума:
**«Ва яқинан хонаи охират ҳамон аст, ки зинда аст, агар онҳо бидонистанд.»**

Аз тахсис баёни ин оят собит шуд, ки охират зинда аст ва дунё мурда аст, зеро агар дунё низ мисли охират зинда мебуд, оят инро намегуфт, ки танҳо хонаи охират зинда аст. Зеро ки чизе аввал аз чизе дувум танҳо он вақт махсус карда мешавад, ки дар чизе дувум хосияти чизе аввал мавҷуд набошад.

Алҳол, бе шубҳа собит гардид, ки охират зинда аст ва дунё мурда. Акнун донистани ин зарурист, ки чигуна хонаҳои охират зиндаанд?

Ин ҳақиқатро метавонем аз умқи маънавии ҳамин лафзи **«ҳаёвон» (зинда)** баровварда кунем. Вале қабл аз ин, шумо бояд биомӯзед, ки **Қуръони маҷид аз лиҳози «аҳсан-ул-қасас» (нақли беҳтарин қиссаву ҳикматҳо)** пур аз **лафзҳои муштаракулмаъно** аст, ва ин яке аз хубиҳои бениҳоят Қуръон аст.

Яъне **лафзи муштаракулмаъно** он аст, ки дорои чандин маъно бошад. Чунки Қуръони маҷид каломи **аҳкам-ул-ҳокимин** аст, бинобар ин ин китоб маънoҳои ҳикматомез медиҳад мувофиқи тамоми улум ва истилоҳот. Ҳоло бори дигар ба маънии лафзи **«ҳаёвон»** таваҷҷӯҳ бояд кард. Ин лафз дорои **се маънӣ** аст:

1. **Зинда**
2. **Ҳайвони сомит**
3. **Ҳайвони нотиқ**

Ҳоло истифодабарии ин се маънии лафзи «**ҳайвон**» чунин аст: Хонаи охират зинда аст, дар хонаи охират ҷон ҳаст, яъне он хона ҳассос ва ҳаракаткунанда

аст. Хонаи охират як инсон аст, бинобар ин, ӯ бо сокинони худ гуфтугӯ мекунад ва сокинон низ бо хонаи худ ҳамсухан мешаванд.

Хулосаи матлаб ин аст, ки ҳамин олами дин аст, ки охират аст. **Яъне ҳамин** Ақли кул, Нафси кул, Нотиқ, Асос, Ҷад, Фатҳ, Хиёл, Имом, Ҳуҷҷат, Доъӣ ва дигар ҳудуди дин — олами дин ва хонаи охиратанд **ва** ҳаминҳоянд, ки дар (ҳақиқат) зиндаанд**.**

Пас равшан бод, ки **ҳама чизҳои олами дин зиндаанд**, ва **ҳамчунин рӯзҳои олами дин низ зиндаанд**. Чунончи:

- **Одам (а)** — якшанбе,
- **Нӯҳ (а)** — душанбе,
- **Иброҳим (а)** — сешанбе,
- **Мусо (а)** — чоршанбе,
- **Исо (а)** — панҷшанбе,
- **Муҳаммад (с)** — ҷумъа,
- ва **Қоим (алайна мину-салом) — шанбе** мебошад.

Зоҳиран, (дар Қуръони Шариф омадааст), ки Аллоҳ Таоло оламро дар шаш рӯз офарид ва дар рӯзи ҳафтум бар Арш қарор гирифт. Ва ин низ дар Қуръон аст, ки як рӯз назди Парвардигори ту ба ҳисоби шумо баробар ба ҳазор сол аст, чунончи мефармояд:

**Сураи 22, ояти 47**

**«وَإِنَّ يَوْمًا عِندَ رَبِّكَ كَأَلْفِ سَنَةٍ مِّمَّا تَعُدُّونَ»**

**"Ва албатта як рӯз назди Парвардигори ту мисли ҳазор сол аст аз он чӣ шумо мешуморед."**

Пас бо ин ҳисоб, он шаш рӯз, ки дар он Аллоҳ Таоло оламро офаридааст, шаш ҳазор сол мешавад. Аз тарафи дигар, ин ҳам дар Қуръони Ҳаким омадааст, ки (Аллоҳ Таоло) осмонҳо ва заминро ба таври ибдоъ офаридааст, чунончи ишорат шудааст:

**Сураи 2, ояти 117**

**بَدِيعُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ**

**"Бадииъус-самавоти вал-арз"**

**"Яъне (Аллоҳ Таоло) офаринандаи осмонҳо ва замин аст бидуни (ҳеҷ) мавод ва таъхир (вақт)."**

Яъне, фарқ миёни "халқ" ва "ибдоъ" ин аст, ки дар халқ як чиз аз чизе дигар офарида мешавад, ки барои он кам ва ё бисёр вақт лозим аст, ва дар ибдоъ, бидуни ҳеҷ чиз (яъне моддае) ва бидуни таъхир, як чиз офарида мешавад.

Акнун агар ҳақиқат ин кӯшишро намуда бошад, ки маълум шавад, ки олами дин (дар шаш рӯз) офарида шудааст ва ин ҷаҳон бо амри "кун" ба вуҷуд омадааст, ки онро

ибдоъ мегӯянд. Ва ҳамон шаш рӯз, ки Аллоҳ Таоло дар он олами динро офаридааст, ба ҳисоби инсонӣ ҳазор сол мешавад, ва он даври шаш ҳазорсола шаш нотиқон аст, ки дар он олами дин аз ҳар ҷиҳат комил шуда аст. Рӯзи ҳафтум даври Қоим (алайна минау-салом) аст, ки дар он Аллоҳ Таоло бар Арш қарор кард, яъне дар Ҳазрати Қоим (алайна минау-салом) зоҳир шуд.

# Хулосаи матлаб

| | **Соҳибони ҳафт давраи бузург** | **Рӯзиҳои Худо** | **Солҳо бо ҳисоби бандагон** | **Ҷаҳат** | **муқобила бо ҷиҳат** |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Одам (а) | Йавм ал-аҲадд | 1000 | Фавқ | |
| 2 | Нӯҳ (а) | Йавм ал-Итнэйн | 1000 | Ясар | |
| 3 | Иброҳим (а) | Йавм ал-сулāсāи | 1000 | Халф | |
| 4 | Мӯсои (а) | Йавм ал-Арбаъā | 1000 | Тахт | |
| 5 | Исои (а) | Йавм ал-Хамис | 1000 | Ямин | |
| 6 | Муҳаммад (с) | Йавм ал-Ҷумъа | 1000 | Имом | |
| 7 | Қоим (а) | Йавм ас-Сабт | 1000 | Лоҷеҳат | |



«Сураи 7, ояти 54 –

«إِنَّ رَبَّكُمُ اللَّهُ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ اسْتَوَىٰ عَلَى الْعَرْشِ»

**Тарҷума:** «Парвардигори шумо Аллоҳ аст, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид, пас бар Арш қарор гирифт.»

«Парвардигори шумо Аллоҳест, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид, пас бар Арш истикрор ёфт (яъне, мустаҳкам қарор гирифт).»




**Доираи Ҳафтаи Дин**

# Дар баёни шинохти Имоми Замон (алайҳи-с-салом) ва итоат аз Ӯ

Гӯем, ки чун мардумро аз иънояти Илоҳӣ насибе омад, ки дигар ҳайвонотро он наомад, ва он насиб — ақли ғаризӣ буд, яъне донишпазир, лозим ояд аз ҳукми ақл, ки диҳанда ин насиби шариф мар мардумро сӯйи мардум як мардеро бифиристад, ки мар-ин ақли пазирои эшонро парвариш кунад ба ъилм. Ҳамчунон ки чун ҷонваронро ҳама рӯҳи хурданде дода буд, мар табоъ ва афлок ва анҷомро мувакkал карда буд бар берун овардани набот, ки андар он парвариши аҷсомашон аст. Ӯро аз ҳикмати Сонеъи Ҳаким раво набошад, ки ҳоҷатмандӣ падид орад ва ҳоҷатравокунандае падид наёрад, ки ин на ҷуд бошад, балки бухл бошад — ва вухл аз Сонеъи Ҳаким Ҷавод дур аст.

Пас чун лозим кардем, ки мар-ин насиби шарифро, ки ақл аст андар мардум, парвардагоре бояд, ки бошад, онгоҳ гӯем, ки ҳамчунон ки ин ақли ғаризӣ мар мардумро аз ҷумлаи ҳайвонот ал-фақда (нест), балки ӯро он ъатои Изад аст аз ҷумлаи ҳайвонот, лозим ояд ва воҷиб, ки мар-он парвардагори ақлҳои ғаризиро он ъилме, ки эшонро ба он ҳоҷат аст, ъатое бошад, на иктисобӣ, чӣ агар иктисобӣ будӣ, ҳар касе ба ҷаҳд ба он тавонестӣ расидан. Ва чун аз ҷумлаи ҳайвон — ҷуз мар-мардумро, ки ӯ навъест аз ҳайвон — ин ъато нест, лозим ояд, ки аз ҷумлаи мардум — ҷуз мар-як шахсро — он ъатои омӯзгорӣ набошад, то тартиб андар бурҳон рост бошад аз тариқи истиқрои назоир аз офариниш. Аз баҳри он ки навъ зери ҷинс аст ва шахс зери навъ аст, ва чун аз ҷинси ҳайвон як навъ — мардум — ба ъатои истифодат махсус бошад, аз ъинояти илоҳӣ лозим ояд, ки аз-ин навъ як шахс ба ъатои ифодат махсус буд. Ва он як тан — паёмбар бошад.

Ва чун аҷаб нест, ки як навъи мардум аз ҷумлаи ҳайвон ба ақл махсус бошад, чаро аҷаб бояд доштан аз махсус шудани як шахс ба мартабаи пайғамбарӣ, чунон ки Худо (таъоло) мегӯяд, қавли (таъоло):

«Сураи 7, ояти 63 — أَوَعَجِبْتُمْ أَن جَاءَكُمْ ذِكْرٌ مِّن رَّبِّكُمْ عَلَىٰ رَجُلٍ مِّنكُمْ لِيُنذِرَكُمْ»

Мегӯяд: «Оё ба тааҷҷуб афтодед, ки зикре аз ҷониби Парвардигоратон бар як марде аз миёни шумо омад, то шуморо битарсонад?» Пас гӯем, ки он як шахс ба мартабаи пайғамбар бошад дар даври хеш, ва васии ӯ бошад дар асри хеш, ва имоми рӯзгор бошад дар ҳар замон, ва то ҷаҳон барпо аст, навъи мардум аз он як шахс, ки ба ин мартаба махсус бошад, холӣ набашад — ҳамчунон ки ҷинси ҳайвон аз навъи мардум холӣ нест ва намемонад.

Ва гӯем: ғарази Саноъи Ҳаким аз офариниши олам ва он чи дар ӯст, он як тан донад. Ҳар касе, ки ба ҷойи он кас биистад ба ноҳақ ва он мартабаро даъво кунад, хештан ва халқро ҳалок кунад — ҳамчунончи аз миёни говони бисёр, агар як гов қавитар бошад,

дигаронро нигоҳ натавонад доштан. Ва чун марде бошад бар сари сутурон (чорпоён), мар ишонро аз дудагони дарранда нигоҳ дорад ва ба вақти ба чаронад ва ба вақт ба оромгоҳ бозбаранд.

Пас дуруст кардем, ки ҳамеша олам аз он як тан холӣ нест, ки халқро аз ӯ чора набошад, ва он як тан салоҳи халқ нигоҳ тавонад доштани ҳамчунон ки навъи мардум ҳами салоҳи сутуронро нигоҳ дорад. Ва гувоҳӣ диҳад бар дурустии ин қабл — гуфтори Расул (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам), ки гуфт:
«УМИРТУ БИ-СОЛОҲИ ДУНЙОКОМ ВА НАҶОТИ ОХИРАТОКОМ».
Гуфт: «Фармуда шудам ба салоҳи ин дунёи шумо ва растгории охирати шумо».

Ва агар он як тан аз ин ҷаҳон бешавад, салоҳи аз миёни халқ бешавад ҳамчунон ки агар як навъи мардумро ба ваҳм (ба тасаввур) аз ҷумлаи ҷонварон баргири, ҳамаи ҷонвароне, ки миёни онҳо салоҳ ҳаст, ҳалок шаванд аз дудагони зиёнкор. (Гирифта шудааст аз нусхаи тасҳеҳшудаи доктор Фақир Муҳаммад Ҳунзайӣ ва профессор Шафиқи Вейронӣ.)

Ҳамин тавр (дар бораи) аҳамияти мавҷуд будани Имоми Замон дар дунё ва шинохт ва итоати Ӯ, дар ин ҳадиси Расули Худо (с): « مَن مَاتَ وَ لَمْ يَعْرِفْ إِمَامَ زَمَانِهِ مَاتَ مِيتَةً جَاهِلِيَّةً وَالْجاهِلُ فِي النَّارِ» — «Ҳар кӣ бимиряд ва Имоми замони худро нашиносад, бо марги ҷаҳолат бимирад ва нодон дар оташи дӯзах аст.» Барои тавзеҳ ва равшан сохтани ҳақиқати амиқи ин ҳадис, паҳлуи маънавии дигари он низ бо василаи луғатҳои зидд (аз поён) баён ёфтааст. Бо тааммул назар афканед:

| Қазия | | Акс-и муставӣ | |
|---|---|---|---|
| ман<br>мата<br>валам яърифи<br>имама<br>замониҳи<br>мата<br>мейтатан<br>ҷоҳилиййатан<br>вал-ҷоҳилу<br>фин-нори | ман<br>мата<br>ва арафа<br>имама<br>замониҳи<br>ҳайя<br>ҳаййан<br>оқилиййан<br>вал-оқилу<br>фил-ҷанна | Ҳар кӣ<br>бемирад<br>ва нашносад<br>Имом<br>замони худро<br>мурд<br>дар ҳолати марг<br>нодони<br>ва нодон<br>дар оташ аст | Ҳар кӣ<br>бемирад<br>ва шиносад<br>Имом<br>замони худро<br>зинда шуд<br>дар ҳолати зиндаги<br>донохи<br>ва донох<br>дар биҳишт аст |

(1) Аз миёни тамоми инсонҳо (2) марг ҷисмонӣ ҳадди замонии имомшиносӣ ва ношиносист (3) мақсади зиндагии дунявӣ маърифати имом-замон аст (4) имоме, ки шиносоияш шиносоии Худо бошад (5) фақат имоми замонаш, ки ҳозир аст (6) мавт ва ҳаёт ду қисм аст, руҳонӣ ва ҷисмонӣ (7) руҳан зинда шуда буд, аммо ҷисм хориҷ буд (8) барои зиндагии руҳонӣ ақл танҳо аз имом ҳосил мешавад (9) сабаби оқил ақл аст ва сабаби ақл маърифати имом-замон (10) сабаби баҳишт оқил шудан аст.

**Фалсафаи ҳадиси мазкур**: Агар аз ақл пурсанд, ки инсон барои чӣ офарида шудааст? Мегӯяд барои ибодати Худо, сипас агар маънии луғавии ибодат пурсед, мегӯяд, ки калимаи ибодат аз «абд» муштақ аст, ки маънои ғулом, нокарро дорад. Аз ин рӯ, маънии луғавии ибодат ғуломӣ ва чакарист ва агар ин калима дар форсӣ гирифта шавад, боз ҳам ҳамон матлаб бармегардад, яъне «абд» банда бо маънои ғулом, нокар, ва ибодат бандагӣ бо маънои ғуломӣ ё нокари. Барои нишон додани маънии аслии калимаи ибодат, ҳамин қадар гуфтани кофист, ки (маънии) ин калима дар Қуръони шариф аз маънии тасбеҳ ва тақдис, тамҳид, тамҷид, намоз, суҷуд, рукуъ, дуо, сано ва зикр ба таври умумӣ ҷудо аст. Амо ин сухани дигар аст, ки агар мо инсонҳо дар истилоҳи умумии худ баён намудани, сифати ҷалолии ва ҷамолии Парвардигоро ибодат ном гузошта бошем, вале аҳкамул-Ҳокимин аз тақлиди истилоҳоти ғалати инсонҳо баландтар аст. Балки Худои пок ба ҳикмату болиға худ калимоти заруриро дар асл (яъне масдар) муҳофизат кардааст. Яъне масдар аслии ҳар калимаро ба таври аҳсан ба зоҳир кардааст, то ҳеҷ гурӯҳе маънии Қуръони маҷидро ба истилоҳи худ табдил натабанад кард ва барои талоши ҳикмати Қуръони маҷид худ битаванад калимоти ҳақиқии алфоз ва тафсир ва тафсилоти хеш бошад. Чунончӣ, асл яъни масдсар калимаи «ибодат» абд аст ва як муҳофизатгоҳ он дар

ин ояти аст: «Сура 2, Айати 221 - وَ لَعَبْدٌ مُؤْمِنٌ خَيْرٌ مِّن مُشْرِكٍ وَ لَوْ أَعْجَبَكُمْ», яъне «Ҳар оина як бардаи мумин беҳтар аз як мушрик аст, ҳар чанд ки шуморо хуш оед».

Пас, бинобар ин далел, ин гуфта дуруст хоҳад буд, ки ҳар гоҳ Аллоҳ Таъоло ибодатро ба худ нисбат медиҳад, мақсуд аз ин ибодати амале аст, ки мувофиқ бо ҳукми Ӯ бошад. Ва баъд аз қабул кардани чунин амал, маънои он ҳам илм хоҳад буд, зеро аввал амал ва баъдан илм аст — ҳамон гуна ки аввал ҷисм сохта мешавад ва баъд рӯҳ. Амал монанди ҷисм аст ва рӯҳ монанди илм. Аз ҳамин сабаб Худои Таъоло фармуда:

**Сураи 51, ояти 56:**

**وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ**

Тарҷума: «Наофаридам ҷинну инсро магар барои ибодати Худ.»

Хуб андеша кунед! Ин ибодате, ки маънии он амал кардан аст, чи васитаиест во Худои Таъоло, ки Ӯ Ғанӣи мутлақ аст? Балки ҳақиқат чунин аст, ки ибодат — ки маънии он амал кардан аст — барои **Нафси кулл** аст (на барои Худои Таъоло, ки Ӯ Ғанист аз ҳама чиз). Зеро маҳз ҳамин Нафси Кулл, ки фариштаи бузурги Худои Таъолост, дунё ва махлуқотро офаридааст. Пас, зарурати амал (ё ибодат) барои Нафси Кулл аст ва мазҳаири Нафси Кулл **Имом Замон(а)** аст. Аз ин рӯ, **ғуломӣ** дар ҳақиқат (ибодат) яъне **бандагии Имом Замон(а)** аст, ки ибодати аслии Нафси Кулл мебошад. Ин аст сабабе, ки дар ояти мазкур сабаби зиндагии дунявии инсон баён шудааст, ки он танҳо ибодат аст. Ва дар ҳадиси зикршуда (яъне:
**«Ман мота ва лам яъриф имома замониҳи мата митаи ҷоҳилия, вал-ҷоҳилу фӣ-н-нор»**)
сабаби зиндагии охиратии инсон баён ёфтааст, ки он танҳо **маърифат** аст.

Яъне: **оғоз** он чизест, ки Худо ёд кардааст ва **анҷом** он чизест, ки Расулуллоҳ (с) ёд кардааст — вагарна дар миёни гуфтаи Худо ва Паёмбараш ихтилоф пайдо мешуд, ҳол он ки дар миёни гуфтори Худо ва Расулуллоҳ ҳеҷ гоҳ ихтилоф рух намедиҳад. Чунончи дар оят ва ҳадиси зикршуда, ҳамон як ҳақиқат ошкор шудааст.

Ин сухан ҳам ҳақиқат аст, ки **зиндагии ҷисмонӣ аз сабаби маърифати шахс** ёфта шудааст ва **ӯ аз сабаби ибодат, зиндагии рӯҳонӣ** ба даст хоҳад овард.

Ҳамчунин, ҳазрати Паёмбар (с) инро низ фармудаанд:

**«وَلَوْ خَلَتِ الْأَرْضُ سَاعَةً مِنْ إِمَامٍ لَمَادَتْ بِأَهْلِهَا»**

**Тарҷума:** «Агар замин ҳатто барои як соат аз Имом (Замон) холӣ шавад, бо аҳолии худ хоҳад ларзид.»
Зеро замин, ки бо ҳамаи махлуқоташ бар дӯши худ гирифта шудааст, ҳамеша дар фазо муаллақ боқӣ мемонад. Ҳиҷбакти мумин ба назар намерасад, ки рӯзе (замин ва) сокинони он аз расидани **файзи зоҳириву ботинӣ** аз Имом Замон (а) маҳрум гарданд. Чаро ки мувофиқи маънии ошкори ин ҳадис, **устувории замин** ва **давомнокии ҳаёти махлуқоти зинда** вобаста ба вуҷуди Имом Замон (а) аст. Ва ин масъала як **ҳақиқати амиқи** дорад: Ки чӣ гуна **ҳастӣ ва нисти замин ва аҳолии он** ба Имом Замон (а) бастагӣ дорад?

Ҷӯяндагони ҳақиқат бояд бидонанд, ки Худои Таъоло **ба зоти Худ фоъил нест**, балки Ӯ **Подшоҳи мутлақ** аст. Аз ин рӯ, **феъли Ӯ** нисбат ба **ҳудуди олиё (болоӣ)** ва **суфло (поёнӣ)** аст. Аз ҳамин сабаб, **феъл (амал)-и Расули пок (с)** ва **Имом Замон (а)** айнан феъл (амали) Худост.**Итоати онҳо — итоати Худо, ва муҳаббат ба онҳо — муҳаббат ба Худост.**

Чунончӣ, Худои Таъоло фармудааст:

**Сураи 4, ояти 80: «مَّن يُطِعِ الرَّسُولَ فَقَدْ أَطَاعَ اللَّهَ»**

**Тарҷума:** «Ҳар касе ки Расулро итоат кунад, дар воқеъ Худоро итоат кардааст.» Ва ҳар касе ки нофармонӣ Расул кард, дар ҳақиқат ба Худо нофармонӣ кардааст. Ҳамин тавр, дар **Сураи 48, ояти 10**, Худои Таъоло мефармояд: **«Дасти Расули Худо, дасти Худо аст ва байъати бо Расул, байъати бо Худост.» Хулосаи калом** он аст, ки чун **гуфтор ва кирдори Расул** бар асоси **ҳукми Худо** ва бо фармони Ӯст, аз ҳамин сабаб гуфтор ва кирдори Ӯ ба **Худо мансуб** шудааст. Ҳамчунин мувофиқи

**Сураи 8, ояти 17** мефармояд:

**«وَمَا رَمَيْتَ إِذْ رَمَيْتَ وَلَٰكِنَّ اللَّهَ رَمَىٰ»**

**Тарҷума:** «Вақте ки (ту) сангреза афкандӣ — ту наафкандӣ, балки Худо афканд.» Дар ҷумлаи аввал Худо мегӯяд: **«Вақте ки ту афкандӣ»**, аммо дар ҷумалоти баъдӣ мефармояд: **«Ту не, балки Худо афканд.»**
Ин ба он маъност, ки амали зоҳирии Расули Худо, гарчанде ба дасти Ӯ сурат гирифтааст, бо ҳукму иродаи Худо буд. Аз ҳамин ҷиҳат, **амали Расул амали Худо шуморида мешавад** — яъне амал мансуб ба Худо аст, гарчанде ки анҷомдиҳандаи он Расул аст.

**Мисли ҳамин**, Мавлоно Амирулмӯъминин Ҳазрати Алӣ (а), ки **васӣ ва ҷонишини Расули Худо (с)** буд, **итоати Ӯ — итоати Расул буд**, зеро ки Ӯ ба васияти Расул таъйин шуда буд. Ҳамчунин, дар ҳар замон **Имом Замон (а)** барои ин мақсад мавҷуд аст, ки тавассути Ӯ **итоати Худо ва Расул** аз тарафи мӯъминон **қабул шавад**. Чунончи, **дар рӯзи қиёмат**, Худои Таъоло мардумони ҳар замонро **бо забон ва овози Имом Замони худ** дар ҳузури худ **фаро хоҳад хонд**, ва **ба сурати Имом Замон (а)** миёни онҳо фаясала хоҳад кард. Ва **онҳое ки дар дунё Имомро ба чашми ҳақиқат нашинохтанд**, дар он ҷо низ натавонанд шинохт.

**Қавли Таъоло: Сураи 17, ояти 71:**

**«يَوْمَ نَدْعُو كُلَّ أُنَاسٍ بِإِمَامِهِمْ»**

**Тарҷума:** «Рӯзе ки ҳар гурӯҳро бо Имомашон фаро мехонем.»
Дар ин оят, Анас **«أُنَاسٍ»** — ҷамъиул ҷамъи нас **«ناس» мардум** аст. Яъне мақсуд аз он **ҳамаи башар — аз аввалин то охирин ҳар замона** мебошанд. Чун **мардумони ҳар замон бо Имомашон фаро хонда мешаванд**, пас **ҳеҷ замоне нест ки беимом бошад**. Зеро **қонуни илоҳӣ**, ки Худо онро барои рӯзи қиёмат ошкор кардааст, ин аст, ки **мардум фақат бо василаи Имомашон** ба ҳузур даъват хоҳанд шуд. Вақте ки **даъвати илоҳӣ ба василаи Имом(а) аст**, пас **каломи Худо низ аз забони Имом**

садо хоҳад дод, ва **овози Худо** дар **овози Имом** шунида хоҳад шуд. **Пас, ҳатман, шакл ва сурати Худо** низ дар **нуронияти шакл ва сурати Имом** зоҳир хоҳад шуд. Баъзеҳо чунин гумон мекунанд, ки Худои Таъоло **ба зоти худ мушаххас ва мушкил** (яъне қобили идрок нест) ва Ӯ **аз феъл, сифат, шакл, мода ва ҳар гуна чизи**

**маҳдуд поку муназзаҳ аст**.Аммо дар бисёре аз оятҳои Қуръон **онҳое ки ба дидори Худо бовар надоранд** маҳкум шудаанд. Ба ҳар ҳол, **бад-тартиб ва тадриҷан, нури дидори Имом Замон (а)** ба дигарон низ **зуҳур хоҳад шуд**.

**Маълум ва равшан бошад**, ки дар ин ояти Қуръон ҳарфи Бо (با)  Би (ب) , ки дар ибтидои калимаи "**بِإِمَامِهِمْ**" **(ба Имомашон)** омадааст, дар қоидаҳои забони арабӣ онро " **بای استعانت**" мегӯянд — яъне "ба воситаи", "бо кӯмак", "бо васила". Мисли ҳамин **маънои "بِ"**

дар сураи 16, ояти 16 низ чунин аст: "**وَبِالنَّجْمِ هُمْ يَهْتَدُونَ**"

**"Бо воситаи ситорагон роҳ худро меёбанд."** Ҳамчунин, ҳамин ҳарф "**بِ**" дар сураи 15,

ояти 79 омадааст:"**وَإِنَّهُمَا لَبِإِمَامٍ مُّبِينٍ**"

**"Ва он ду (ақли кулл ва нафси кулл), бешак, бо василаи Имоми ошкор ҳастанд."** Зеро ки: **Ақл ва нафси инсонҳои оддӣ** — инҳо **ақли ҷузвӣ ва нафси ҷузвӣ** номида мешаванд. Аммо **ақл ва нафси инсонҳои комили замон**, яъне **пайғамбарон ва имомон**, — инҳо **ақли кулл ва нафси кулл** мебошанд.

**Далели ин аст,** тавре ки **шахсияти Пайғамбар ва Имом** аз ҳама шахсиятҳо **ашраф** ва **ақдас** аст, **ҳамин тавр руҳи онҳо низ бо тамоми қувваҳо худ ороста мебошад.** Ва **ақли кулл**, ки аз azal вуҷуд дорад, ин шахсиятҳои муқаддасро **мустақиман файз медиҳад**.

Чунончи Расули Худо (с) фармудааст:"**أَوَّلُ ما خَلَقَ الله نوري**"

**"Аввалин чизе ки Худо офарид, нури ман буд."**
Ин нур — **ақли кулл** аст. Баъдан, **он ҳазрат (с)**, пас аз гирифтани рисолат, **аз ҳамин нури худ** файз гирифтанд — гарчанде **пеш аз рисолат** низ аз ҳама мардум **ашраф** буданд**. Пас, Чӣ қадар лозим ва зарур аст шинохти нуронии Пайғамбар ва Имом Замон (а) барои касоне, ки онҳоро пайравӣ мекунанд.**

# Тафсири Ваҷҳуллоҳ

**Ҳазрати Муҳаммад Мустафо (с) фармудаанд:** (من رآني فقد رأى الله) **«Ҳар касе, ки маро дид, яқинан Худоро дидааст.»** Ҳоло бояд тааммул (ғӯр) ва андешаро ба кор бурд, ки зери ин ҳадис чи навъ ҳикмати пушида аст ва чӣ гуна ақли мо метавонад ба ин ҳикмат расад. Агар рост пурсӣ, инсон аз худ чизе нест, то вақте ки Худованди таъвил ёрӣ надиҳад. Аз ин рӯ, аз хазинадори ҳақиқат тавфиқ металабем ва аз маънои васеи фавқулодаи ин ҳадиси пурҳикмат ба мисоли қатрае аз баҳри беинтиҳо чунин иброз мешавад: Дидан се навъ аст: дидан бо чашми рост, дидан бо чашми чап ва дидан бо ҳарду чашм. Агар аз шумо пурсанд, ки кадом як аз ин се навъи дидан беҳтарин аст, метавонед бидуни таъхир посух диҳед, ки беҳтарин тариқ дидан бо ҳарду чашм аст.Ин фақат як мисол аст. Мамсул чунин аст: **Дидан бо чашми рост** — дидори ҷисмонӣ ро гуянд, **Дидан бо чашми чап** дидори рӯҳонӣ ро, ва **Дидан бо ҳарду чашм** — дидори ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ аст. Пас ҳар кас, ки Расули Худоро фақат дар ҷисмоният дид, чашми чапашро бастааст, ва ҳар кас, ки фақат дар рӯҳоният дид, чашми росташро бастааст, ва ҳар ки шинохти Расули Худоро дар ҳар ду ҳолат — ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ — ба даст овард, ҳарду чашмаш кушода монд.

Акнун баён хоҳам кард, ки дидор дар ҳар ҳолат ду мақсади бузург дорад: яъне ҷамол ва шинохт. Аз натиҷаи ҷамол ва шинохт дар нуроният ва ҷисмоният кашиш ва кӯшиш имконпазир мегардад, ва ин ҳама аз чеҳра мумкин мешавад, зеро мутаҳмили тамоми сифати башарият ба ҷуз чеҳра ва сар дар узви дигаре нест. Пас, Расули Худо (с) дар ҳикмати ин ҳадис барои доноён заруратан фармуда бошад, ки маро дар зоҳир ва ботин бубинед, зеро ки ман чеҳраи Худоям. Аз ин рӯ, дидори ман дидори Худост, ҷамоли ман ҳам ҷамоли Худост, шинохти ман шинохти Худои Бузург аст. Ва ҳар кӣ маро дид, вале нашинохт, ӯ дар бузургтарин хасорат мемонад. Зеро ки ин фармудани Набии раҳмат (с), ки: «Ҳар кӣ маро дид, бешак Худоро дидааст» — илова бар маъниҳои гуногун, инчунин ташвиқи дидор низ медиҳад. Низ аз омқи ин ҳадис шинохт ва фармонбардори ва муҳаббати Пайғамбар (с) ва Имоми замон зоҳир мегардад. Дар охир хулосаи (суханҳои боло) чунин ба даст меояд, ки Расули Худо (с) дар замони худ чеҳраи Худо буд. Чунки ӯ чеҳраи Худо буд, пас, ҳатман, забон, чашмҳо, гӯшҳо ва ҳамаи аъзои дигари Худо низ ӯ буд.

Барои мӯминон дар ин ҳеҷ шакке нест, ки Набии раҳмат (с) дар замони худ чеҳраи Худо ва дидори Худо буд. Ҳамин тавр, Мавлоно Алӣ (а) дар яке аз хутбаҳои худ мефармояд: «Анаа ваҷҳуллоҳ» — яъне: «Ман чеҳраи Худоям». Бинобар ин, мо яқин дорем, ки танҳо як шахс чеҳраи Худо аст, ки дар дунё ҳозир аст. Ва он чеҳрае, ки аз ӯ шинохти Худо ҳосил мешавад, ҳамин шахс аст. Ва ин шахс ҳамон Пайғамбар ва Имоми дар замони худ аст. Чун ки чеҳраи Худо фанонопазир аст, пас Имоми Замон (а) ҳамеша дар дунё зинда ва ҳозир мебошад. Худои Таоло дар Каломи Маджиди худ мефармояд:

**Сураи 28, ояти 88:** «كُلُّ شَيْءٍ هَالِكٌ إِلَّا وَجْهَهُ ۚ لَهُ الْحُكْمُ وَإِلَيْهِ تُرْجَعُونَ»

**Тарҷума: «Ҳама чиз фано мешавад ҷуз чеҳраи Ӯ; ҳукм фақат ба Ӯст ва ба сӯи Ӯ бозгардонида мешавед.»**

Баъд аз зикри кардани бе бақои ҳар чиз Худованд чеҳраи хишро аз он бе бақоӣ истисно кардан, маълум мешавад, ки чеҳраи Ӯ (ҳам) аз як ҷиҳат бо чизҳои бе бақо аст ва дар ҳамин олам аст, ки дар он дигар чизҳои бе бақоӣ низ ҳастанд. Зеро омадани ҳарфи "إِلَّا" баъд аз "كُلُّ شَيْءٍ" далели қатъӣ аст, ки "وَجْهَهُ" низ аз ҷинси шайъ (чиз) аст ва дар олами ашёст. Низ маълум мегардад, ки дар бораи чеҳра баъзеҳо шубҳа доранд, бинобар ин Худованди Таоло дар бораи чиҳраи худ фармудааст, ки он ғайри фонист. Пас, ин фано танҳо фано ё марги ҷисмонӣ мебошад. Баъдан, аз натиҷаи ҳукм ва бозгашт ба сӯи Ӯ маълум мешавад, ки ҳама мардум мемиранд ва баъд аз фаисала ба сӯи маоъд баргардонида мешаванд. Аммо чеҳраи Худо, ки Имом Замон (а) аст, ҳамеша дар дуниё зинда ва ғайри фонист. Агарчи зоҳиран ӯ низ аз ҷинси ҳамин мардумест, ки баъд аз анҷоми муҳлати муқаррарнамуда, фано шавандигонанд, вале Имом Замон (а) бо хусусияти он ки ӯ чеҳра ва нури Худост, аз ҳамнавъони худ фарқ мекунад ва либоси ҷисмонии худро дигар карда, ҳамеша дар дунё ҳозир аст. Далелаш он аст, ки аз ин ояти пурҳикмати "Аҳкам-ул-Ҳокимин" маълум мешавад, ки нисбати чеҳраи Худо аз як ҷиҳат бо тамоми ашёи фони наздик аст, ки бар асоси он Худо низ онро аввал дар "كُلُّ شَيْءٍ" ёдовар шудааст, ва аз ҷиҳати дигар чеҳраи Худо бо онҳо ҳеҷ иртиботе надорад. Бинобар ин, Худованди пок онро бо ҳарфи истисно (яъне "إِلَّا") аз онҳо ҷудо намудааст. Нисбати аввал умумӣ ва нисбати дуюм хос аст. Пас, дар дунё (ғайр аз чеҳраи Худо) чизе нест, ки дар он ҳамаи хосиятҳои ояти мазкур вуҷуд дошта бошад: Хосияти аввал он аст, ки бо ҳамаи сифоташ сазовори унвони "чеҳраи Худо" мебошад. Хосияти дуюм он ки, бо нисбати ҷисмонӣ метавонад дар байни ҷисмониён зиндагӣ кунад, то онҳоро ба худ наздик созад. Хосияти сеюм он ки, дар натиҷаи наздикии ҷисмонӣ, метавонад онҳоро ба нур ва бақо наздик созад.

**Қавли Таоло: Сураи 34, ояти 02:** «يَعْلَمُ مَا يَلِجُ فِي الْأَرْضِ وَمَا يَخْرُجُ مِنْهَا وَمَا يَنزِلُ مِنَ السَّمَاءِ وَمَا يَعْرُجُ فِيهَا ۚ وَهُوَ الرَّحِيمُ الْغَفُورُ»

Тарҷума: «Он чӣ ба замин даромада ва он чӣ аз он мебарояд, он чӣ аз осмон фуруд меояд ва он чӣ ба осмон бармегардад — ҳамаашро медонад, ва Ӯст Бахшоянда ва Меҳрубон.»

**Сураи 51, ояти 07:** وَالسَّمَاءِ ذَاتِ الْحُبُكِ ва **Сураи 05, ояти 15:** قَدْ جَاءَكُم مِّنَ اللَّهِ نُورٌ وَكِتَابٌ مُّبِينٌ

Тарҷума: «Қасам ба осмон, ки соҳиби роҳҳо аст; албатта ба сӯи шумо аз ҷониби Худо нуре ва китобе равшанкунанда омадааст.»

**Сураи 5, ояти 16:**

« سورة ۵، آیه ۱۶: يَهْدِي بِهِ اللَّهُ مَنِ اتَّبَعَ رِضْوَانَهُ سُبُلَ السَّلَامِ وَيُخْرِجُهُم مِّنَ الظُّلُمَاتِ إِلَى النُّورِ بِإِذْنِهِ وَيَهْدِيهِمْ إِلَىٰ صِرَاطٍ مُّسْتَقِيمٍ»

Тарҷума: «Худо касонеро, ки ризвони Ӯро пайравӣ кунанд, ба василаи он ба роҳҳои таъйид роҳнамоӣ мекунад ва онҳоро бо иҷозаи худ аз зулмот ба рӯшноӣ мебарорад ва ба сӯи роҳи рост ҳидоят мекунад.»

## Шакли ваҳдати усул ба фиъли мустадир суд




(1) Руҷуъи ақлоният (2) Руҷуъи руҳоният (3) Руҷуъи нотиқият
(4) Руҷуъи ҷисмоният (5) Руҷуъи давомият

# Имоми Замон(а) нури Худовандист

Дар ин мақом, нахуст аз ҳама зарурати баён дар бораи ҳақиқати нур ва ақсоми он аст, зеро дар воқеъ шинасоии ҳолати ҳақиқии ҳар чиз фоидаҳои бисёр аст. Чунки нур маънии равшании номи чизест, ки тавассути он илм ҳолати чиз мавҷуд ба роҳи назар маълум метавонад шуд ва бар акси он, зулмат яънии торикии (ном) чизест, ки тавассути он, илм ҳолати чиз мавҷуд ба роҳи назар ҳосил намешавад. Ба калимоти дигар, нур, чизест, ки бо воситаи он, илми ҳолати зоҳирии ашёи мавҷуда ба роҳи назар ба димоғ ҳосил мешавад ва зулмат чизест, ки илми ҳолати зоҳирии ашёи мавҷуда ба роҳи назар ба димоғ ҳосил наметавонад шавад. Ва ин танҳо баён нур табиист, яъне равшании зоҳирӣ, ки манбаи он танҳо хуршед аст, моҳ, ситорагон ва дигар чизҳои равшан ба худ равшан нестанд, балки равшании онҳо аз хуршед ба инҳо ҳосил мешавад. Ҳақиқати ин қисм равшанӣ ин аст, ки ин танҳо ашёи зоҳириро метавонад намуд, яъне танҳо бар ҳиссаи сатҳи берунӣ чизҳои макдар ва ғайри шаффоф масалан, замин, санг, наботот, ҳайвонот ва оби олуда ба чиз ғайри шаффоф митобад, лекин наметавонад аз сатҳи берунӣ ингуна чизҳо ба дохили онҳо гузар карда дар тамоми ҷисм сироят кунад. Ва дар ин сурат аз ҷиҳати қабули накардани нур аз онҳо сайяи намудор мегардад. Аммо аз аҷроми фалакӣ, кури ясир, ҳаво, оби шаффоф, шиша, балор ва ғайра ин нур мегузарад ҳатто заррае аз ҷисм ингуна чизҳо аз нур холӣ намемонад ва сайяи онҳо намеуфтад, зеро ки барои нур чизе аз онҳо монеъ намешавад ва аз онҳо мегузарад. Аз ин натиҷа маълум шуд, ки дар муқобили нур ду қисма чизҳо ҳастанд. Яке он аст, ки на мегузорад, ки ба сӯи ӯ равшании биёяд, на танҳо ин, балки на мегузорад, ки чизҳои ки дар наздики ӯ бошанд, нур бигиранд, балки яъне барои он ҳиҷоб мегардад. Дигар қисми чизе аст, ки ҳам зоти худро аз нур пур мекунад ва ҳам монеъ намешавад, ки ба чизе, ки дар наздики он аст, нурро ҳосил кунад. Дар ин силсила баён бояд донист, ки манбаи ин равшании, яъне хуршед бар як қонуни муқаррар махсус амал мекунад, ки ин ҳамеша бар давра дар миёни ин олам воқеъ аст ва шакли ӯ ба таври куллӣ курави аст. Матлаби будани хуршед дар миёни олам ва ба шакли курави ин аст, ки нур он дар як самти махсус густариш наёбад, балки дар тамоми олам густариш ёбад, зеро ки олам низ ҳамчунин курави аст.

Нуқтаи дигар, ки марбут ба хуршед аст, ин аст, ки он дар ғайри мавҷудияти худ ба мо тавассути моҳ ва ситорагон нур мерасонад, аммо на ба андозае, ки худаш мустақиман нур мебахшад. Як одати дигар хуршед ин аст, ки чизе ки дар муқобили он бошад, хуб бошад ё бад, зарурат дорад ё на, дар ҳар ҳолате бошад, гармӣ ва нурро ба он доими мебахшад. Андозаи аҳамият ва лозимияти хуршед барои ин оламро метавон ин гуна

таҳлил кард, ки хуршед он олатест барои ин мошини оламӣ, ки бар он давру марраи ҳаракат ва амал кардани тамоми мошин аст.

Дар мисоли дигар, ҳисияти хуршед дар ин олам, ҳисияти дил дар бадан инсон аст, зеро дару мадори ва ҳаракати ҳаво ва об, рӯз ва шаб, баҳор, тобистон, хазон, зимистон, сол, рушд ва намоиш ёфтани набототот(нашу нумаи наботат) , пухта шудани меваҳо, зистан, рафтан, гардиш кардан ва кор кардани мавҷудоти зинда ва низом амали ҷамъи олам бар хуршед вобаста аст, зеро хуршед манбаи нур аст.

Ҳоло, зарур аст, ки маълум кунем, оё ҳамин нур (табиъӣ) аст, ки дар Қуръон зикр шудааст ё ин ки нуре болотар аз ин аст? Дар ин бора, сухан ин аст, ки аллова бо Ислом дар бисёр мазоҳиби ҷаҳон низ зикри нури рӯҳонӣ ва ботини омадааст. Вале аз ҳамаи инҳо далели мустаҳкамтарин дар Қуръони шариф пайдо мешавад. Қулҳу Таъала: «Сура 39, ояти 6: يَخْلُقُكُمْ فِي بُطُونِ أُمَّهَاتِكُمْ خَلْقًا مِّن بَعْدِ خَلْقٍ فِي ظُلُمَاتٍ ثَلَاثٍ». Тарҷума: «Шумо ро дар шикамҳои модаронатон меофаринад, офаринише пас аз офариниши дигар, дар се қисм торикӣ». Аз ин оят, ин ҳақиқат рӯшан мегардад, ки халқ (офаридан) номи амали мусалсал барои беҳтар сохтани ҳолати чизе. Акнун, сухан дар бораи се қисм торикӣ(зулмат) ин аст, ки агар торикӣҳо (зулумоот) се қисм бошад, нур ҳам бояд се қисм бошад, зеро шинасоии ҳар чиз аз зиддии он аст. «تُعرَفُ الاشياءُ باضدادها», яъне «Чизҳо аз зиддҳои худ шенасоӣ мешаванд». Чунончӣ, сиёҳ ва сафед дар сифати худ зидди якдигар аст,  қияс ҳасти ва сифати сиоҳ аз сафед ва сафед аз сиоҳ метавон кард. ҳамингуна зулмат ва нур зиди яикдигар аст, яъне амалишон мухолиф якдигар аст. Чунончи таҳқиқ ва тадқиқ ин масъала ба ин тариқ метабонад кард, ки чизҳоро дар ададҳои ду, се ё бештар, онвақт метавонем овард ки онҳоро (кам аз кам) дар як ваҷъа аз якдигар ҷудо митавоним кард. Масалан, равшании офтобро шуморидан намешавад ва агар касе бигӯяд, ки ду нур хуршид, се нур ё чор нур хуршид ва ғайра, сухани ӯ маънӣ надорад. Чунки равшании хуршид танҳо як аст ва онро аз хуршид ҷудо намуда, та ба та намитавон ниҳод. Ва каифияти зулмату торики низ ба таври кулли чунин аст. Яъне торикӣ сояи ҷисми ғайри шаффоф аст. Аз ин рӯ, ҷисме, ки ба сабаби ғайри шаффофи сатҳи у нур дар у дохил намешавад, он ҳамеша дар сояи доими сатҳи худ мемонад. Чун гузоштани ду чиз муттазод (муқобил) та ба та бе парда номумкин аст, масалан, оташ бар об, об бар оташ, боз оташ бар об — чӣ гуна мумкин аст (агар ин мумкин нест, чӣ гуна мумкин аст), ки аз раҳм то сатҳи ҷисм се ғилофи зулмат ё се ғилофи нури болои якдигар бошад? Балки пӯст, гӯшт, сифоқ ва тарӣ ҳама бо ҳам пайваста ҷисм аст ва дар онҳо ҳеҷ рӯшанӣ нест, балки як лахт торикӣ аст.

Баъд аз баён намудани ҳақиқати равшании табиӣ бо далел, акнун бар ман лозим аст, ки ду навъи дигари нурро низ баён намоям, то соҳибони ақл онро бипазиранд. Чунончи дар боло баён шуд, ки дар миёни ин олам хуршед муаъллақ аст ва шаклаш ба таври кули куравӣ аст, чунон ки шакли олам низ куравӣ аст. Аз ин сабаб, равшании хуршед низ ба таври куравӣ аз он хориҷ мигардад, ки равшании худро бар тамоми олам бигустаранад (паҳн намояд). Моҳ, ситорагон, барқ, оташ, чароғ ва дигар василаҳои қадима ва навини нур низ дар асл таҷаллии ҳамин хуршед мебошанд. Бинобар ин, бо вуҷуди ин манбаи нур дар ин олами ҷисмонӣ, дигар ҳч навъи зарурати нуре нест. Аммо дида мешавад, ки ин равшании ҷисмонӣ – ки (шубҳае нест) – барои тамоми олам, яъне барои ҷисми кулл кофӣ мебошад, вале он ба ашёи зоҳирӣ ва канораҳои олам маҳдуд аст. Хуршед бо вуҷуди ҳамаи ин қувват наметавонад, ки дар вуҷуди як зарраи хурдтарине, ки дар ҳаво парвоз мекунад, сироят кунад, пас чӣ расад ба рӯҳ. Аз ин бар мо маълум гардид, ки ин равшании ҷисмонӣ аст ва ҷисм ва амалаш низ маҳдуд аст.Чун ҷисм эҳтиёҷ ба равшанӣ дорад ва ҷисм як олами алоҳида аст, пас аз ин равшан мешавад, ки рӯҳ низ олами

алоҳидаи худро дорад. Чунки ин рава нест ки ҷисм, ки маркаби рӯҳ аст – яъне барои рӯҳ мисли асп мебошад, дар як олами ҷудогона зиндагӣ кунад, вале рӯҳ аз сабаби надоштани олами худ, эҳтиёҷманди ҷисм бошад. Ин монанди он аст, (ки бигӯем) ки ҳайвонот як олами худро доранд, аммо инсонҳо ҳеҷ олами худро надоранд. Аммо, ин сухани дигар аст, ки инсонҳо низ гоҳе барои истифодаи ҳайвонот ба истабил (ахор) ва оғил раванд, вале ин наметавонад олами аслии онҳо бошад.

Пас собит гардид, ки як олими рӯҳонӣ низ зарур аст. Чун олими рӯҳонӣ низ зарурат ҳаст, дар он хуршеди рӯҳонӣ низ зарур аст. Болотар аз ҷисм ва рӯҳ ақл аст, ва ба муқобилаи ҷисм ва рӯҳ, ақл метавонад ҳар чиз кард, чаро ки дар ақл ҳама чиз мавҷуд аст. Агар дар як мисол ҳама чизҳои бенишонро ҷисм, ҳайвонотро рӯҳ ва инсонҳоро ақл фарз кунед, била таъаммул ҷавоби ин саволро метавонед диҳед, ки кадом як аз ин се ғанӣ ва подшоҳ аст? Маълум хоҳад шуд, ки ҳар ки аз инҳо ба мартабаи ақл бошад, ҳамон бар ҳар ду ғанӣ ва подшоҳ аст. Лозим шуд, ки ақл бештар ғанӣ аст ва ӯ (низ) оламе ҷудогона дорад ва дар он нисбат ба ҷисм ва рӯҳ (чизҳои) хеле бисёр аст ва рӯшании ҳамин олами ақлонӣ низ аз қисми худ аст. (Алғараз) ҳамин ҳақиқат аст, ки инсонҳо то мадомикӣ дар шиками модар буд, ин се қисм зулмати табиӣ, рӯҳонӣ ва ақлонӣ-ро таҳаммул мешавад. Барои доноён ҳеҷ шаке нест, ки мавҷудот се қисманд: яъне ҷисм, рӯҳ ва ақл, ва ҳамин тавр олам (низ) сеанд: олами ҷисмонӣ, олами рӯҳонӣ ва олами ақлонӣ. Ва нур ва зулмати онҳо ҳам ба ин тартиб аст. Дар муқобили зулмати табиӣ нури табиӣ, дар муқобили зулмати рӯҳонӣ нури рӯҳонӣ ва дар муқобили зулмати ақлонӣ нури ақлонӣ.

Баъд аз ин, ман ба мақсади аслии худ бармегардам ва ба тавфиқи Худои Таоло, ба бародарони рӯҳонии худ, ки ин китоби мухтасарро мутолиа менамоянд, мухотиб мешавам. Ба тавре ки назди эшон далелҳои ин ҳақиқат мавҷуд аст, ки танҳо Имоми Замон (а) аст, ки Нури Худои Таоло аст, ман низ тасдиқи ин ақидаро мекунам. Тавре ки хуршед нур расон ба ин дунё ҳамеша мавҷуд аст, ҳамон тавр Имоми Замон (а) низ, ки бахшандаи нур ба олами дин аст, ҳамеша мавҷуд аст. нопадиди хуршид аз дунё мумкин нест ҳамингуна Имом Замон (а) ҳамиша ҳозир аст. Зеро инсон мураккаб аз се чиз аст: ҷисм, рӯҳ ва ақл, Ба ҷисми хокӣ равшанӣ ҳамеша аз ҳамин хуршед, моҳ, ситораҳо ва дигар манбаҳои нур мерасад. Вале нуре ки рӯҳ ва ақли инсон ба он ниёзманд аст, танҳо назди Имоми Замон (а) ҳама вақт мавҷуд аст. Аммо ин ҳақиқат низ зикр карданист, ки равшании рӯҳ ва ақлро бо ин чашми ҷисмонӣ дидан мумкин нест. Агар чунин имкон медошт, ҳама мардум ин ҷаҳон онро таванистанди дид ва ҳеҷ кас онро инкор на метаванистанди. Чаро ки ҳеҷ кас хуршеди ин дунёро инкор на метаванад — аз он ҷиҳат ки нураш бо (чашми ҷисмонӣ) дида мешавад. Ва дар ин зарурати ҳеҷ далеле лозим нест, ки оё ин хуршед ҳаст ё нест?. Худои Таоло (дар бораи нури рӯҳонӣ ва ақлонӣ) мефармояд:

**«Худо ҳар ки ро хоҳад, ба сӯи нури Худ ҳидоят мекунад.»**
(Сураи 24, ояти 35)

Агар ин нури Илоҳӣ аз ҷиҳати зоҳир дурахшон ва тобон мебуд, ё аломати зоҳирие медошт, ки ба муҷарради диданаш мардум мефаҳмиданд, ки ин Нури Худост — пас Худо инро намефармуд, ки: **«Ман ҳар ки ро хоҳам, ба сӯи нури Худ ҳидоят мекунам.»**

Нури Худовандӣ дар **Ояти Нур** тафсилан баён шудааст:

قوله تعالٰی:«سورة ۲۴ آية ۳۵ اللَّهُ نُورُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ ۚ مَثَلُ نُورِهِ كَمِشْكَاةٍ فِيهَا مِصْبَاحٌ ۖ الْمِصْبَاحُ فِي زُجَاجَةٍ ۖ الزُّجَاجَةُ كَأَنَّهَا كَوْكَبٌ دُرِّيٌّ يُوقَدُ مِن شَجَرَةٍ مُّبَارَكَةٍ زَيْتُونَةٍ لَّا شَرْقِيَّةٍ وَلَا غَرْبِيَّةٍ يَكَادُ زَيْتُهَا يُضِيءُ وَلَوْ لَمْ تَمْسَسْهُ نَارٌ ۚ نُّورٌ عَلَىٰ نُورٍ ۗ يَهْدِي اللَّهُ لِنُورِهِ مَن يَشَاءُ ۚ وَيَضْرِبُ اللَّهُ الْأَمْثَالَ لِلنَّاسِ ۗ وَاللَّهُ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ»

**Тарҷума:** «Аллоҳи Таоло нури осмонҳо ва замин аст. Мисоли нури Ӯ монанди тоқест, ки дар он чароғест ва чароғ дар шишае аст. Шиша гӯё монанди ситораи дурахшоне аст, ки афрӯхта мешавад аз дарахти зайтун — муборак, ки на шарқӣ аст ва на ғарбӣ. Наздик аст, ки равғанаш равшанӣ гирад агарчи оташ онро нарасида бошад. Нур болои нур аст. Аллоҳи Таоло ҳар киро хоҳад ба нури Худ роҳ менамояд. Ва Аллоҳи Таоло барои мардум мисолҳо меорад. Ва Аллоҳи Таоло донондаи тамоми чизҳост.»

**Ташреҳи «اللَّهُ نُورُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ»: «Аллоҳи Таоло нури осмонҳо ва замин аст»** — яъне дар вуҷуди мутлақи Ӯ тамоми олам бо ҳама сифоташ, ки дар Ӯ мавҷуд аст, гунҷида аст. Ҳеҷ чиз аз Худо пинҳон нест. Ӯ ҳамаи ашиё ро метавонад бинад ва онҳоро дар нури Худ намоён созад. Дар нури Ӯ тамоми ҷаҳон чунон ошкор мешавад, ки гӯё курраи булӯри шаффоф дар рӯшноии хуршед. Дар раҳмат ва илми Ӯ ҳар чиз чунон фаро гирифта шудааст, ки як чизе шаффоф дар нури хуршед ғарқ мешавад.Чунон ки Худои Таоло мефармояд:**Сураи 40, ояти 7**

**رَبَّنَا وَسِعْتَ كُلَّ شَيْءٍ رَّحْمَةً وَعِلْمًا**

**Тарҷума:** «Эй Парвардигори мо! Ту ҳар чизро дар раҳмат ва илми Худ гунҷонидаи (фаро гирифтаӣ).»

Дар ин оят таълимоти ҳақиқии бисёре фировон аст, вале дар ин ҷо ҳамин қадар ташриҳ кофист. Фақат як нуктаи муҳим ва зарурӣ ин аст, ки чун **Аллоҳи Таоло нури осмонҳо ва замин аст**, мо бояд масали онро чунин фаҳмем: ки осмон ва замин ҳарду ҷисм ҳастанд ва ҷисм аз зарраҳо таркиб ёфтааст. Ба иборати дигар, ҷисм номи маҷмӯи зарраҳост ва ин зарраҳоро дар маҷмӯъ **олам** ё **осмон ва замин** меноманд. Чун нури Худовандӣ дар тамоми олам ба сурати рӯҳонӣ мавҷуд аст, натиҷатан ин гуфта ҷоиз аст, ки ин олам дорои ду сурат аст**:** як **Сурати нуронӣ** — яъне он сурате, ки дар рӯшноии нури Худо дида мешавад; ва дигар **Сурати зулмонӣ** — яъне он сурате, ки бо назари зоҳирӣ дида мешавад. Чун инсон на танҳо чизҳои пинҳон, дур ва торикро дида наметавонад, балки чизҳои дидашавандаро низ наметавонад бо назари ҳақиқӣ бинад, бинобар ин, ҳастии ду суратӣ нуронӣ ва зулмонӣ барои ҳамин олам собит шуд. Ва он ки дар ин олам, олами дигаре низ ниҳон аст**,**

Гарчанде он олами дигар аз ҳамин олам равшантар аст, аммо аз лиҳози шакл ва сохт яъне аз ҷиҳати таркиб ва вазъ ба ҳамин олам монанд мебошад. Садоқати ин қавл аз ҳамин оят маълум мегардад:

**Сураи 57, Ояти 21:**

**سَابِقُوا إِلَىٰ مَغْفِرَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ وَجَنَّةٍ عَرْضُهَا كَعَرْضِ السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ أُعِدَّتْ لِلَّذِينَ آمَنُوا بِاللَّهِ وَرُسُلِهِ**

**Тарҷума:**
«Шитоб кунед ба сӯи омурзиши Парвардигоратон ва ҷаннате, ки паҳнояш мисли паҳнои

осмон ва замин аст — барои касоне омода шудааст, ки ба Худо ва паёмбаронаш имон овардаанд.» яқинан, ин дар сурати нуронии ҳамин олам аст ва (низ) биҳшти ки паҳнояш монанди осмом ва замин аст.

**масали нури ӯ:** «Мисл» номи ҳал ва ақдди ҳикмат аст тавассути чизе, ки шебоҳат наздик (ба мамсул) дорад, яъне сухане, ки маълумро номаълум ва номаълумро маълум мекунад, «мисл» мегӯянд ва чизе, ки аз он мақсад бошад, «мамсул» мегӯянд. Дар миёни мисл ва мамсул фарқҳои зиёд аст, махсусан вақте ки мисл чизе руҳонӣ аз чизе ҷисмони дода мешавад, ба ваҷҳи онки чизи руҳонӣ зинда ва дар муқобили он чизи ҷисмӣ мурда мебошад, ки ба ин сабаб лозим аст, ки мислҳо зиёд бошанд. Чунончӣ, масали рӯҳ аз ҳамаи чизҳои ин олам дода мешавад, зеро дар рӯҳ хосияти ҳамаи чизҳо ҳаст. Ҳамин сабаб буд, ки масалҳое, ки аз чизҳои ҳососи ин олам имкон доштанд, онҳоро Қуръони шариф ба тарзи гуногун баён намудааст. Чунончӣ, қавли Худо гувоҳи ин ҳақиқат аст: «Сураи 18, ояти 54:

(وَلَقَدْ صَرَّفْنَا فِي هَٰذَا الْقُرْآنِ لِلنَّاسِ مِن كُلِّ مَثَلٍ ۚ وَكَانَ الْإِنسَانُ أَكْثَرَ شَيْءٍ جَدَلًا)

«Албатта, Мо дар ин Қуръон барои мардум ҳар як масалро ба роҳҳои гуногун баён кардем, вале инсон бештар аз ҳама чиз ба ҷанҷол меангезад.»

**Монанди чароғдон:** Ҷое ки барои рӯшноии чароғ (нигоҳ) дошта мешавад, онро чароғдон мегӯянд. Чароғдон (мушкӯот) нафси кулл аст, зеро ки бардорандаи ашё ва офаринандаи ҷисм ҳамон (фариштаи азим) аст ва ин ҷаҳон, ки монанди тоқ ё пояи чароғ (чароғдон) нури Худовандӣ аст, барои нафси кулл монанди ҷисм аст. Чароғдонро дар ҷое мегузоранд, ки ниёзи зиёди рӯшноӣ ҳаст — ҳамон тавр, ки ҳамин дунё аст ва он ҷо ниёзи нур зиёд аст. Аз ин рӯ, Имоми Замон (а) ки чароғи ин нур аст, дар ҳамин дунё ва миёни мардум зиндагӣ мекунад ва аз баландии шарафи худ нур мебахшад. Баландӣ ду гуна аст: шарафӣ ва маконӣ.

**Чароғ дар шиша аст:** Чароғ — Имоми Замон (а) аст, бинобар ин Ӯ дар дунё ҳамеша зинда ва ҳозир аст.

**Шиша монанди ситора медурахшад:** Шишаи муҳофизи нур, чароғ нотиқ, яъне ҳазрати Муҳаммад (с) аст, ки монанди шишаи чароғ муҳофизати нури имоматро мекунад. Яъне агар Нотиқ даъвати зоҳирро аз ҷониби худ намекард ва асрори имоматро то қиёмат пинҳон намедошт, Имом таклифҳои ҷисмони мекашид ва ба сабаби таклифҳои ҷисмонӣ дар иҷрои кори имомат фарқ меомад. Ба тавре ки агар шишаи фонус (лалтерин) набошад, дар дурахшидани он фарқ меояд. Мурад аз дурахшидани шиша монанди як ситора ин аст, ки Нотиқ аз Имом нур ҳосил намуд ва дар ҳамон нур ӯро пинҳон дошт. Бинанда қиёс кард, ки ин (шиша) як ситораи равшани дурахшанда аст ва як порча аст ва ҳеҷ ҷавфе дар он нест. Рӯшноӣ ва дурахшиш ва тобиши ӯ, ки ба назар меояд, аз ҳамон ситора аст. Дар зоҳир воқеан чунин шуд, яъне матлабаш ин аст, ки дар ботини Мавлоно Муртазо Али (а) ки даст, по, чашм, гӯш, забон, дил вағаираи Худо буд, лизо тамоми сифот ва афъоли илоҳӣ ба ӯ супурда шуда буд. Бинобар ин, Паёмбар ро ваҳӣ ва илҳом, кашфи дидор, таълим ва ғайра аз **Мазҳарул аҷоиб вал ғароиб** муяссар мешуд, вале ин тамоми

умур ба тариқи ҳикмат дар роз дошта мешуд ва дар силсилаи нубувват ин ҳама аз он ҳазрат зуҳурпазир мешуд. Ҳамин (аст маънии) мисол, ки дар он фармуда шудааст, ки нури Худо аслан дар чароғ аст, аммо шишаи муҳофизи чароғ рӯшноии дарунаш (яъне аз рӯшноии чароғ) ин қадар тобон ва дурахшон аст, ки худ, ки шишаи маҷуф аст, ситораи шакли курравии дурахшон менамояд.

Чӣ мақоми тааҷҷуб аст! Агар шумо китобҳои бузургон монанди Шамси Табрезӣ ва Мавлонои Румро каме мутолиа намоед, ин ҳақиқат он ҷо ҳам фавран ба назар меояд. Чунончи Мавлонои Рум мефармоянд:

**Муҳаммад буд қиблагаҳи олам** **Вале бар тахти дил Султон Алӣ буд**

Яъне барои ҳама олам ҳазрати Муҳаммад (с) яқинан дар мартабаи Хонаи Каъба буданд, вале Подшоҳ бар тахти дили ӯ Мавлоно Алӣ (а) буданд.

**Равған афурӯхта мешавад:** Равғани ин чароғ — ақли кул аст. Аз афрӯхтани равған — рӯшноӣ ба вуҷуд меояд, аз ақли кул гиреҳҳои рӯҳонӣ кушода мегарданд.

**Аз (дарахти) муборaки зайтун, ки на шарқисту на ғарбӣ:** Он дарахте, ки аз он ақли кул ба вуҷуд омад — амри кул аст, зеро амри кул аз машриқ ва мағриб, яъне ақли кул ва нафси кул болотар аст.

**Равғанаш рӯшноӣ гирад агарчи оташ ӯро нарасида бошад:** Оташ — таъйиди ақли кул гуфта мешавад, ва дар ин чароғ, яқинан, ақли кул монанди равған ҳамеша пур аст ва таъйид дар худи ӯ мавҷуд аст. Ва барои ӯ ниёзе ба таъйиди дигар нест, ва аз ҳамин равған, рӯшноии тавҳид ҳамеша медурахшад.

**Нур болои нур аст:** Дар муқобили доимияти нур, ҷисм мустаҳил ва мубаддал аст. Ҳамчунин мувофиқи талаботи қонуни фитрат лозим аст, ки фано пазирад. Аз ҳамин ҷиҳат, Имоми замон (а) ҳамеша пас аз ҳар давр ҷомаи ҷисмонии худро иваз мекунад. Ба ҳамин сабаб, бар сурати нуронӣ, амали ақлонии марбут ба коинот — даври шахсӣ, ҷомаи гузашта, сурати нуронии ҳамон амали ақлониро ба мардум бо ҷомаи мавҷудааш изофа мешавад, зеро ки номи дигарии нур — амали ақлонӣ аст. Мисоли нур ё амали ақлонӣ чунин аст, ки як фариштаи ҷалолӣ бо қалами ақл дар китоби рӯҳ, амали маҷмӯии якрӯзаи тамоми махлуқотро бо андози ҳакимона сабт намуд, ки он як боби ин китоб шуд. Ҳамин тавр, ҳар рӯз навиштани як бобро идома дод. Қуввати навиштан дар ҳамон фариштаи ҷалолӣ мавҷуд аст. Аммо ба тарзе ки амал аз махлуқот воқеъ мешавад, ҳамон тавр кори навиштан идома меёбад — ва ҳамин тавр навиштани ҳамон амалашро метавон (боб бар боб) гуфт.

Маънии (нур болои нур) ҳамин гуна аст, вагарна ба фарз агар нур рӯз ба рӯз зиёд мешудӣ, маънои он чунин мешавад, ки он нур дар азал ноқис (нотакмил) будааст ва акнун комил мегардад. Ҳеҷ донишманд инро ҳаргиз қабул намекунад. Бале, тавре ки ман дар мисоли боло баён кардам, амали ақл мувофиқи замона ва истеъдод ва қобилияти мардум

мешавад. Аз ин рӯ, Имоми замон (а) зоҳиран тамоми кори худро дар як рӯз ба итмом намерасонад.

Яке аз ҳикматҳои (нур болои нур) ин ҳам аст, ки агар касе дар бораи ибтидо ва интиҳои нури Худо бипурсад, ҷавоб дода шавад, ки силсилаи нур беинтиҳо аст. Зеро агар мо ба қонуни мантиқии (нур болои нур) амиқ назар кунем, маълум хоҳад шуд, ки дар он қонун лоибтидоят ва лоинтиҳоият нур аст. Зеро яке аз қавонини вуҷуди нури илоҳӣ ин ҳам аст, ки он (нур болои нур) аст. Дар ин сурат бояд донист, ки қабл аз ҳар нур, вуҷуди нури дигар амри лозим аст, то мувофиқи ҳамин қонун ҳар нури баъдӣ (болои) нури қаблӣ гуфтани дуруст бошад. Ҳамчунин агар калимаи (боло)-ро барои нури қаблӣ ба кор барем, вуҷуди як нур пештар аз нури қаблӣ низ амри лозим аст — ва ҳеҷ оғози ин силсила ба назар намеояд. Пас, будани як нур болои нури мавҷуда ҳам зарурист, то гуфтани (нур болои нур) ба ҷо бошад — пас ҳеҷ интиҳои ин силсила низ наметавонад собит гардад.

Ҳамин маъниро ба иборaҳои дигар (ба тарзи акс) баён мекунам. Чунончи маънии баракси (нур болои нур) ин аст, ки нур бағайри нур намешавад. Яъне то замоне ки қаблан нуре набошад, баъдан нуре шуда наметавонад. Ҳақиқати (роҳи) бараксӣ низ ҳамин шуд, ки қабл аз нур ҳам нур бояд ва баъд аз нур ҳам нур бояд. Аз ин рӯ лозим аст, ки қаблан ва баъдан нур ғайримунқатеъ бошад, то ҳар нурро аз як сӯ (боло) ва аз сӯи дигар (таҳт) гуфтани ҳақиқатан дуруст бошад.

**Худо ҳар касро, ки бихоҳад, ба сӯи нури Худ ҳидоят мефармояд:** Маънии ҳидоят роҳнамоӣ кардан аст, чунончи зарурати роҳнамоӣ он вақт пайдо мешавад, ки роҳрав аз роҳ воқиф набошад. Ва барои ӯ зарурист, ки дар он роҳ биравад уро онвақт ба се тариқ роҳнамоӣ намуд. Зеро ки роҳнамоӣ кардан ё ҳидоят кардан ба се қисм аст: ҳидояти амалӣ, ҳидояти қавлӣ ва ҳидояти таҳрирӣ. Ҳидояти амалӣ ин аст, ки ҳодӣ, яъне роҳнамо, худаш бо он роҳрави новоқиф то ба манзили мақсуд биравад. Ҳидояти қавлӣ ин аст, ки ҳодӣ роҳравро дар бораи роҳ фаҳмонад ва нишонаҳои роҳ ва ғайраро тафсилан ба ӯ гӯяд, ки медонад он барои роҳрави новоқиф зарурист. Ҳидояти таҳрирӣ он аст, ки дар бораи роҳ роҳрав ё мусофир шинохти муфассал дошта бошад ё нақшае, то ба василаи он ӯ ба манзили мақсуд расидан тавонад. Аммо фарқе, ки байни ин се навъи ҳидоят ҳаст, ин аст, ки аз ҳидояти таҳрирӣ мусофир он вақт истифода карда метавонад, ки ӯ худ хонда бошад ва хатаре аз иштибоҳ кардан вуҷуд надошта бошад, вагарна хатар дорад, ки гумроҳ шавад. Дар ҳидояти қавлӣ низ мусофирро хатар аст, ки фаромӯш кунад ё чизеро, ки ба роҳ тааллуқ дорад, надонад. Ҳамин ҳолат ба ҳидояти умури динӣ низ рост меояд. Чунончи аз лиҳози ҳидояти динӣ ё рӯҳонӣ мардум ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: анбиё, авлиё ва авом. Дар ин сурат, ҳидояти таҳрирӣ, яъне навиштаҳои санъати офоқ ва анфус ва китобҳои зоҳирӣ махсус барои анбиёст. Ҳидояти қавлӣ — илҳом ва илқо ва каломи ғайбӣ барои авлиёст. Ва ҳидояте, ки барои авомулнос (оддӣ мардум) аст, ин аст, ки онҳо ниёз ба ҳодӣ доранд, то ӯ онҳоро ба тарзи амалӣ ҳидоят кунад, ки он осонтарин ва бехатартарин навъи ҳидоят аст.

**Аллоҳ Таоло барои мардум мисолҳо меоварад:** Аллоҳ Таоло барои мардум мисол меоварад, то онҳо аз мисол ба мамсул далил геранд ва ғавр у тафаккур кунанд, ки мақсад аз гуфтани нуруллоҳ, чароғдон, чароғ, шиша, фурӯзон шудан, дарахти

зайтун, равған, оташ, ҳидоят ва ғайра чист? Агар фақат инро мегуфт, ки Аллоҳ Таоло нури осмонҳо ва замин аст, онро ки метавонистанд инкор кунанд. Агар дар он ки Ӯ нури осмонҳо ва замин аст, ҳеҷ шакке надорем, пас чаро мехоҳад бо ин мисолҳо моро бифаҳмонад?

# Дар баёни Илм

Нахуст бояд, ки мӯъмин бидонад илм чист, то чун бишиносад, тавонад талаб кардани онро; зеро ҳар кӣ чизеро нашиносад, ҳаргиз ба он намерасад. Пас гӯем, ки илм дар (ёфтани чизҳо ба он гуна ки ҳастанд) аст. Ва андар ёбанда чизҳо чунон ки ҳаст, ақл аст; ва илм андар гавҳари ақл аст. Ва гавҳари ақд калима Борӣ (Субҳонаҳу ва Таоло) аст, ки ҳамаи рӯҳониён ва ҷисмониён зери уст Ҳар чизе ки дар зери илм наояд марура ҳаст нашояд гуфтан. Пас ҳар чӣ илм бар у муҳит аст, ҳама ҷуз Худои аст. Ва чун раво нест, ки Худо (Таоло) зери чизе бошад — ва илм он аст, ки гизҳо ва ҳастиҳо ҳама зери аст ва нист ҳам зери уст — раво набошад, ки гӯем Худо ҳаст ё нест, аз баҳри онки ҳарду зири елм аст ва Худо (Таоло) зери илм нест.

Пас гӯем, ки илми маҳз амри Худост ва ҳар касе аз илм насиби бештар ёфтааст, ба амри Худо наздиктар аст ва амри Худоро бештар пазируфтааст ва фармонбардортар аст. Ва ҳар ки донотар шавад, Худоро (Таоло) матиътар шавад, ва ҳар ки донои тамом шавад, ба неъмати ҷовиди расад, ки оқибати кори доно раҳмати Худои аст. Ва мардуми бозпасин ҳама зоишҳои оламанд, ва бозгашти мардум ба амр аст, ки Ӯ иллати ҳарду ҷаҳон аст. Ва чизҳоро бозгашт ба асли хеш бошад. ҷиҳад кунед, эй бародарон, дар талаб кардани илм, то ба бадон (василаи он) ба Худои (Азза ва Ҷалла) наздиктар шавед, ки раҳмати Худо (Таоло) илм аст (Гирифташуда аз нусхаи тасҳеҳшудаи доктор Фақир Муҳаммад Ҳунзайӣ ва профессор Шафиқ Виронӣ)

# Ҳудуд то як вақти муайян аст

Барои толиби ҳақиқат бағоят зарурист, ки дар бораи ҳудуди дин комилан илм ҳосил намояд: ки заруранд ҳудуд аз барои чист? Оё онҳо ҳамеша ҳастанд, ё вақте барои бархостаги онҳо вақти (муайян) шудааст? Ман дар ин мавқеъ як тафсили ҳақиқии ҳудудро пешкаш мекунам, ки бар асоси далелҳои нишонаҳои офоқ ва анфус бошад. Зеро ҳар сухане, ки далел ё гувоҳии он аз олам ва анфус ҳосил нашавад, дурӯғи маҳз аст.

Чунончи дар як ҳадис, Ҳазрати Расули Акрам (с) мефармоянд:

"إِنَّ اللَّهَ سُبْحَانَهُ أَسَّسَ دِينَهُ عَلَى مِثَالِ خَلْقِهِ، وَخَلْقِهِ عَلَى مِثَالِ دِينِهِ، لِيَسْتَدِلَّ بِخَلْقِهِ عَلَى دِينِهِ، وَبِدِينِهِ عَلَى وَحْدَانِيَّتِهِ ."

**Тарҷума:** "(Ба тақиқ), Худованд бунёд ниҳод дини худро бар монанди офариниши худ то аз офариниши у далил гиранд бар дин у ва ба дини у далел гиранд бар ягонагии Ӯ."

Дар ин ҳадис зикри ҳар се олам ҳаст: олами халқ, олами дин ва олами ваҳдат. Барои фаҳмондани ҳамин ҳақиқат, то вақте ки офоқ ва анфус бар ростии як гуфта (қавл) гувоҳӣ надиҳанд, он гуфта ҳаргиз дуруст шуда наметавонад.

Чунончи дар дастгирии ҳамин гуфта, Қуръони карим фармудааст: **Сураи 18, ояти 51:**

"مَّا أَشْهَدتُّهُمْ خَلْقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَلَا خَلْقَ أَنفُسِهِمْ ."

**Тарҷума:** «Гувоҳ накардам бар ишон офариниши осмонҳо ва заминро ва на мар офариниши нафсҳои ишонро.»

Пас, ба доноён лозим аст, ки ҳар сухане, ки ба дин марбут бошад, пеш аз баён, онро бо ҳамин шаҳодати коинот мустаҳкам намоянд.

Чунончи чун мо мегӯем, ки Имоми Замон (а) ҳамеша дар олами дин ҳозир аст ва доиман файзи рӯҳонӣ мебахшад, ин сухан дуруст аст, зеро дар дунё ҳам чунин чизе ҳаст, ки ҳамеша мавҷуд ва доиман рӯшноӣ мебахшад, ва он офтоб аст. Имоми Замон (а) мамсӯли ин офтоби дунявист ва офтоб мисоли Имоми Замон (а) аст, вале маълум бошад, ки миёни мисол ва мамсӯл фарқ ҳаст. Баъд аз он, аз ҷумлаи сифатҳо ва афъоли офтоб мисолҳои қариби Имоми Замон (а)-ро метавон гирифт. Яъне, ҳангоме ки офтоб аз мо дур мешавад, оғози фарогирии торикӣ мешавад; ҳамон вақт моҳ аз ҷониби офтоб ба мо нур мебахшад. Ва агар моҳ низ аз мо дур шавад ё рухаш ба сӯи мо набошад, дар он вақт аз ситорагон ба мо рӯшноӣ мерасад. Аммо баъзе вақтҳо, аз боиси абр маҳз, торикӣ мемонад. Ба ҳар ҳол, чун офтоб барояд, моҳ наметавонад ба мо рӯшноӣ диҳад, вале барои худ ҳамеша рӯшноӣ ҳосил мекунад. Ҳамингуна, ситорагон низ, чун офтоб барояд, ба назар намеоянд, аммо барои худашон рӯшноӣ дар моҳ ва ситорагон ҳамеша барқарор мемонад, зеро ки миёни онҳо ва офтоб ҳеҷ чизе ҳоил нест, чунки он аз замин бисёр баланд аст.

Аз шаҳодати зикршуда саҳифаи коинат ин ҳақиқат равшан гардид, ки ҳар гоҳ аҳли замона ба Имоми Замон (а) расоии рӯҳонӣ надошта бошанд, он гоҳ аз ҷониби Имоми Замон (а) ҳудуд муайян мегарданд, тавре ки қаблан зикр шуда буд. Аз миёни ҳудуди суфлӣ, Ҳуҷҷати Аъзам мисли мо аст ва ҳуҷҷатҳо ва дойиён то ба мазунҳо мисли ситорагонанд (ва) олами динро аз илми дин нур мебахшанд. Ҳар гоҳ Имоми Замон (а) аз лиҳози динӣ ба мардум наздик шавад, он гоҳ (зарурати) шинохти ҳудуди суфлӣ боқӣ намемонад. Бале! Ин ҳақиқат аст, ки тавре ки ситорагон дар вақти рӯз нест ва нобуд намешаванд, вале мо аз ҷиҳати зоҳирӣ ниёзе ба рӯшноии нури онҳо надорем. Ҳамин гуна ҳудуд низ ҳамеша мавҷуд ҳастанд ва барои зоти худ ҳамеша равшананд.

Мисоли Ҳуҷҷат низ ҳамин тавр аст, ки моҳ дар вақти рӯз. (Чунончи Худо мефармояд): қавли Таоло:

**Сураи 71, ояти 2** — «وَإِذَا النُّجُومُ انكَدَرَتْ» яъне:

**«Ҳангоме ки ситорагон торик шаванд, яъне дар дида ғаир шиффоф намоянд.»**

**Сураи 75, ояти 8** — «وَخَسَفَ الْقَمَرُ» яъне:

**«Ва (ҳангоме ки) маҳтоб (моҳ) пинҳон гардад.»**

**Сураи 75, ояти 9** — «وَجُمِعَ الشَّمْسُ وَالْقَمَرُ» яъне:

**«Ва ҳангоме ки моҳ пинҳон шавад ва офтобу моҳ (якҷо шаванд), яъне якӣ гарданд.»**

Пас, ҳамин алломат ба назар наямадани ашхоси ҳудуди зоҳирӣ аст Зеро бо фаро расидани рӯзи қиёмат, ҷуз Имом (а), ҳамаи ҳудудҳои ҷисмонӣ зоҳиран ба назар намеоянд ва Ҳуҷҷат бо Имом (а) якӣ мегардад.

Ин ҷо гуфтан ин ҳам зарурист, ки ҳусули илм дар бораи ҳудуди улвӣ ва суфлӣ ниҳоят зарурист. Зеро илми таъвил, ки барои рӯҳи мӯъмин сабаби уруҷ аст, бе илми ҳудуд ҳосил шуда наметавонад. Мисли ояти карима:

**Сураи 57, ояти 3** — «هُوَ الْأَوَّلُ وَالْآخِرُ وَالظَّاهِرُ وَالْبَاطِنُ ۖ وَهُوَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ»

**Тарҷума:** «Ӯст Аввал ва Ӯст Охир ва Ӯст Зоҳир ва Ӯст Ботин — ва Ӯ ба ҳар чиз доност.»

«Аввал» ӯро гӯянд, ки фи'l-воқеъ оғозе дорад, ва «Охир» ӯро гӯянд, ки фи'l-ҳақиқат дар охир пайдо шуда бошад. «Зоҳир» дар ҳақиқат чизест, ки бо ҳавоси панҷгона ё ақаллан бо як ҳисси инсонӣ эҳсос карда шавад, зеро барои ҳар лафз ҳади муайян ҳаст. Масалан, гули гулобро бо қувваҳои биноӣ, бӯиш, таъм (мазза) ва ламс метавон эҳсос намуд, аммо гӯш (қувваи сомеа) дар ин ҷиҳат саҳме надорад.

Вале, ҳангоме ки макон бӯй дошта бошад, аммо худи бӯ дар пеш набошад, дар он сурат онро бо ёрии ҳисси бӯиш (қувваи шомма) эҳсос кардан мумкин аст. Хулоса, зоҳир чизест ҷисмонӣ ва ҷисм эҳсосшаванда аст. Ва агар касе маънии лафзро аз ҳади худ иваз кунад, он зулм аст. Аз ин ҷиҳат, маънии «зоҳир» чизест, ки ҷисм дошта бошад ва эҳсосшаванда бошад. Ботин он чизест, ки эҳсос намешавад ва онро бо қувваҳои ақлӣ метавон шинохт. Чунончи таъвили ин оят чунин аст:**«Аввал»** — Ақли Кул аст, зеро ин аз ҳама чиз аввал аст ва аз ҳар ҷиҳат аввал аст. **«Охир»** — Нафси Кул аст, зеро ки баъд аз аввал, охир аст, ва

ин (нафс кул) баъд аз Ақли Кул (ки аввал аст) пайдо шудааст. Ва низ ин аз ҳама охир аст, чунки итмомаш он вақт мешавад, ки Қоим зуҳур фармояд. **«Зоҳир»** — Нотиқ аст, зеро таъвил, шариат, даъват ва мартабаи ӯ ҳама зоҳир ва эҳсосшаванда аст. Ва низ шахсияти зоҳирии Имом худ, ки шахси пок (ҷисми ӯ) мебошад. **«Ботин»** — Имом аст, зеро таъвил, даъват ва мартабаи ӯ ҳама ботин аст

Агар касе пурсад, ки фи'l-ҳол Нотиқ зоҳир нест ва Имом зоҳир аст, пас чӣ гуна (ин таъвил) мумкин аст? Ҷавобаш ин аст, ки Имом (а) **маҷмаъул-ҳудуд** аст, яъне дар назди Ӯ тамоми ҳудуд мавҷуданд. Дар ин оят, шахсияти зоҳирии Имом (а) ба ҳайси Нотиқ зикр шудааст ва мартабаи худи Имоми Замон (а) ро ботин гуфта шудааст.

Бинобар ин, **бе ҳудуд, таъвил баробар намеояд.** Аз ин рӯ, агарчи зоҳиран илова бар Имоми Замони (а) ҳеҷ ҳудуди суфлӣ ҳам набошанд, боз ҳам **илми ҳудуд зарурист**, то пас аз шинохти ҳудуд, шинохти Худо ҳосил гардад.

**Ҳудуд дон чу набошӣ, Худои дон нашавӣ.**

Гарчанде пас аз тулӯи офтоб дигар аз моҳ ва ситорагон ба мо ҳеҷ нуре намерасад, аммо илм нисбат ба моҳ ва ситорагон ҳатман дар зеҳни мо мебошад — ва бояд ҳам бошад.

# Имоми мубин

дар **Қуръони Шариф** чунин омадааст:

**Сураи 12, ояти 36**
*«وَكُلَّ شَيْءٍ أَحْصَيْنَاهُ فِي إِمَامٍ مُّبِينٍ»*
**Тарҷума:** «Ва Мо ҳар чизеро дар Имоме мубин шумор кардаем»

Барои андоза кардан ё дарк кардани **умқи беинтиҳо ва маъноҳои ботинии Қуръони Шариф**, **ин ҳадиси Расули Худо (с)** кофист:

**«.ما مِنْ آيَةٍ مِنْ آيَاتِ الْقُرْآنِ إِلَّا وَلَهَا ظَهْرٌ وَبَطْنٌ، وَلِبَطْنِهَا بَطْنٌ إِلَى سَبْعَةِ أَبْطُنٍ، وَفِي رِوَايَةٍ إِلَى سَبْعِينَ بَطْنًا»**

Тарҷума:

**«Ҳеҷ ояте аз оятҳои Қуръон нест, магар он ки барои он зоҳире ҳаст ва ботине, ва барои ботинаш низ боз ботине ҳаст — Ва ҳаминтавр то ҳафт ботин, ва дар ривояте (дигар) то ҳафтод ботин.»**

Пайғамбари Худо (с) фармудаанд:
لِكُلِّ حَرْفٍ مِنْ حُرُوفِ الْقُرْآنِ حَدٌّ، وَلِكُلِّ حَدٍّ مَطَّلَعٌ
**«Барои ҳар ҳарфи аз ҳарфҳои Қуръон ҳаде ҳаст, ва барои ҳар ҳаде зина (сатҳе, пардае) ҳаст».**

Аз ин ҳадисҳо ба мо ин таълим мерасад, ки агар шахсе хостори мутолиаи Қуръон бошад, набояд онро ба назари тоиранна (сарсари) бихонад, балки бояд бо назари ғоирана (амиқ) бихонад ва тадаббур андеша фикр кунад. Ҳамин сабаб аст, ки худи Худои Таоло низ роҳнамоӣ мекунад, ки Қуръони Ҳакимро бо оромона ва ғавр у фикр бихонанд. Дар ояти зер, аз нигоҳи маънавӣ, се гурӯҳи хонандагони Қуръон нишон дода шудаанд.

1. Нахуст — ононанд, ки то ба ҳадди зарурат таъвили (Қуръонро) медонанд.
2. Дувум — ононанд, ки (Қуръонро) мехонанд, аммо тадаббур (тафаккур ва андеша) намекунанд.
3. Саввум — ононанд, ки тадаббур ва ғуру (фикр ва таҳқиқ) мекунанд, вале бар дилҳояшон қулфҳо зада шудааст.

Худованд дар Қуръон мефармояд:
**Сураи 47, ояти 24:**

أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ الْقُرْآنَ أَمْ عَلَىٰ قُلُوبٍ أَقْفَالُهَا
**«Оё онон дар Қуръон тадаббур намекунанд, ё бар дилҳояшон қулфҳост?»**

**Ягона роҳи дарёфти асрори Қуръон ин аст**, ки мо Қуръони Каримро бо он усул бихонем, ки Худо ва Расули Ӯ (с) ба он моро амр намудаанд. Ва он усул чизе ҷуз **итоати ҳақиқии Имоми (а) замон** нест.

Агар мо маънои зоҳирии як оятро бигирем, вале **итоати Имоми замон (а)** накунем, пас ҳақиқати он оят бар мо ҳатман пӯшида хоҳад монд.

Инро бо як мисол чунин митавон фаҳмид: Гӯё як мусофири аҷнабӣ (бегона) барои расидан ба манзили мақсуди худ, шахсеро ба унвони роҳнамо мегирад, ки ӯ роҳи дурустро хуб медонад. Акнун ҳарду ба роҳ меравand. Баъд аз тайи андаке масофа, ба ду роҳӣ мерасанд. Он шахси роҳнамо аз ҷузъиёти ҳар ду роҳ огоҳ аст: Яъни фаровонии чизҳои зарурӣ, ҳифозат аз хатарҳо, наздикӣ ё дурии роҳ ва ғайра — ки кадом роҳ беҳтар аст. Зеро вай чандин бор ҳар ду роҳро дидаву озмуда, ва ранҷу роҳаташонро санҷидааст. Аммо мусофир шахсе аст, ки аслан аз хусусиятҳои шахсӣ роҳнамо огоҳи надорад. Аз ин рӯ, бо ақли худ ба ҳар ду роҳ нигоҳ менигарад. Манзили мақсуд хеле дур аст, ва нигоҳу мусофир маҳдуд. Аз ин лиҳоз, ба тарафи муқобил менигарад, ки як роҳ каме васеътар менамояд. Дар ҳамин вақт, роҳнамо ба роҳе дигар меравад, ки дар он ҳар гуна роҳат ва осоиш аст. Вале мусофир, ба роҳнамо эътимод накарда, ба роҳи худаш меравад. Ва дар он роҳ машаққатҳои зиёд мекашад.

**Аллоҳ Арҳами-р-Роҳимин аз раҳмати беканори Худ, барои мардум ҳамаи он васоил ва шароитеро муҳайё мавҷуд намуда аст, ки вуҷуд доштани онҳо барои расидан ба комёбии дин ва дунё зарурӣ буд.**

Чунончи Худо худ мефармояд:

**Сураи 14, ояти 34: «Ва ба шумо дод аз ҳар чизе ки талаб кардед (ва ё чизики аз ҳолат шума маълум мешуд). ва агар бихоҳед неъматҳои Худоро бишуморед, наметавонед шуморашонро фаро гиред (бо дониш ва шумориши худ).»**
(وَآتَاكُم مِّن كُلِّ مَا سَأَلْتُمُوهُ ۚ وَإِن تَعُدُّوا نِعْمَتَ اللَّهِ لَا تُحْصُوهَا)

Акнун бишнавед, ки ин оят муҳкам нест, балки **муташобиҳ** аст. Ва ман ба тавфиқи Худо метавонам ҳади муташобиҳ будани онро барои шумо нишон диҳам.

Аз маънии ояти зикршудаи боло ин маълум мешавад, ки ашё ё неъматҳои матлубаи мо ба мо дар ин дунё дода шуда аст ва феъли додан хатм шуда аст ва ҳама он чизҳоӣ ки ба мо дода шуда буд, ба сабаби талаб мо буд. Агар мо он неъматҳоро бишуморем, ин қадар бениҳоят аст, ки мо шуморидан ҳам наметавонем, ва Худои Таъоло ба неъматҳои худ бар мо миннат мениҳад, ҳол он ки мо — тамоми мусалмонон — дар неъматҳои зоҳирӣ аз он мардум ҳам хеле пасмондаем, ки то ҳол қоил ба ҳастии Худо нестанд.

Пас чӣ миннати Худо аст бар мо? Пас (ба ин маънӣ миннати Худо бар мо) дуруст нест. Низ, талаб мо ҳам хатм нашудааст ва надодани Худо ҳам хатм нашудааст. На, ин метавонад дуруст бошад, ки маҳз аз талаб лафзӣ чизе ёфта шавад. Ва ин ҳам номумкин аст, ки як (шахс) доно бихоҳад, ки ба қасди шукргузорӣ неъматҳои додаи Худоро

бишуморад, чунки шумор барои чизҳо (мумкин) аст, ки аз якдигар ҷудо бошанд — чун донаҳои тасбеҳ ё чизе дигар аз қисми он. Вале дар ҳаёти мо чунин чизҳо бисёр аст, ки миёни онҳо ҳеҷ ҷудоӣ нест — чун: зиндагӣ, илм, ақл, имон ва ғайра. Пас маълум шуд, ки (барои фаҳмидани) ин оят ғайр аз таъвил чорае нест. Ёд бояд дошт, ки каломи Худои Таъоло аз мабдаъ то маъоди инсони бар тамом ҳолатҳо воқеъ аст.

Ба хотири осонтар сохтани ҳар чи бештари ин матлаб мегӯям, ки ин оят андаке илм аз ҳолати он рӯҳониёне нишон медиҳад, ки (онҳо) бар як ҳадди мунтақилаи яке аз ҳудуди лаинтиҳои олами рӯҳонӣ расидаанд, ҷойе ки тамоми чизҳои мавриди назар назди онҳо мавҷуд аст.

Аллоҳи пок ба онҳо мефармояд:
**Сураи 14, ояти 34** – ки ба шумо дода шуда аст **аз кул (Имом)** ҳар ончиро ки шумо амалан талаб намуда будед.

Ва агар шумо дафъот рӯҳонӣ ва ҷисмониро аз амали интиқоли бақо бишуморед, пас наметавонед онҳоро ба поён бирасонед. Сипас дар ду лафзи пештар, иллати дафъоти лаинтиҳоро баён мекунад. Ба ин маънӣ, ки инсон наметавонад миёни ҷисм, рӯҳ ва ақли хеш таъодулро нигоҳ дорад. Манзур аз таъодул — яъне **истодан дар як ҳаде** аст, ки ҳар се оламро ҳамзамон дар як сафар тай намояд. Мисоли ин ҳақиқат ин аст, ки агар касе дар тарозу андаке зиёда кунад, пас амали мизон то замоне ки таъодули ҳақиқӣ ҳосил нашавад, ҳаракати тарозу идома меёбад. Сипас мефармояд, ки **сиришти инсон чунин нест, ки дар як ҳаде рафта аз ҳосили неъмат хаста гардад**. Натиҷа ин аст, ки агар инсон рӯҳониятро ба таври дуруст ҳосил кунад, пас бар як **доираи лаинтиҳо дар неъматҳои бепоён урӯҷи доимӣ мекунад**.




Дӯстоне ки аз таъвил воқифият надоранд, фаҳмидани ин умур барояшон кори бисёр душвор аст. Ва (агар) мувофиқи баёни зикршудаи боло амал карда шавад, ки фармуда шудааст: «Шумо аз кул, яъне Имомзамон (а) дода мешавед ҳар он чизе ки амалан талаб хоҳед кард», пас кадом чизест ки дар Имомзамон (а) набошад? Агар амалишоиста карда, мустаҳиқи чизе шавӣ, ҳар чӣ ин ҷо ёфтанист, ин ҷо ёфта мешавад, ва ҳар чӣ дар он ҷаҳон ёфтанист, он ҷо ёфта мешавад.

Агар кори нек кунем, меваи он ғайри талабамон ҳам ба мо дода хоҳад шуд. Мақсади ин баён ин аст, ки хонандагони ин китоб тавонанд ки андозаи саҳеҳи меҳрубониҳои Имомзамон (а)-и худро кунанд.

Ҳамчунин бояд бидонанд, ки ғайри ёрии Имом ҳеҷ кас наметавонад таъвил баён кунад. Ёрии ӯ ҳам аз қисми аҷибу ғариб аст.

Бо далелҳои бисёри дигар дар ин оят ҳам далел будани «илмулқуръон» дар назди Имомзамон (а) аст.

Қавли Таоло:
**Сураи 13, ояти 43:**
«وَيَقُولُ الَّذِينَ كَفَرُوا لَسْتَ مُرْسَلًا ۚ قُلْ كَفَىٰ بِاللَّهِ شَهِيدًا بَيْنِي وَبَيْنَكُمْ وَمَنْ عِندَهُ عِلْمُ الْكِتَابِ.»

Тарҷума: «Ва кофирон мегӯянд, ки ту Расул нестӣ. Бигӯ: Бас аст Худо гувоҳ миёни ману шумо ва шахсе ки назди ӯ илми китоб аст.»

Гувоҳи рисолати он ҳазрат (с) ғайр аз Аллоҳ ва Мавлои мо Алии муртазо (а) дигар касе шуда наметавонад.

(Дар ин бора) ин ҳам зарурӣ аст, ки бидонед, ки дар ин ҷо кадом қисми гувоҳист — оё ин низ мисли гувоҳии дунявист ё чизе дигар аст? Агар зарурати гувоҳӣ шуд, ақидаи мо (дар бораи гувоҳӣ) чӣ бояд бошад? Кофирон танҳо инкори лафзии рисолати ҳазрати Муҳаммад (с)-ро намекарданд, балки мувофиқи ақли худ далелҳо низ пеш меоварданд. Ба таври мисол, ҳоло агар касе бо далелҳои сайнс ва атом барои ботил кардани Қуръон ва рисолати он ҳазрат (с) бикӯшад, дар ин сурат кори гувоҳ чӣ бояд бошад?

Аллоҳ ҷалла ҷалолҳу пок аст ва аз гувоҳӣ додан болотар аст, бинобар ин Ӯ дар дунё зоҳир нахоҳад шуд. Ҳамчунин Мавлои мо Алӣ (а) ва он ҳазрат (с) низ зоҳиран реҳлат фармудаанд. Акнун савол ин аст, ки оё ин гувоҳӣ чандрӯза буд ё доимӣ?

Бинед! Ба тавре ки ҳамаи ин саволҳо аз ҳамин оят пайдо шудаанд, ҳамчунин ҷавобҳои онҳо низ дар ҳамин оят ҳастанд. Чунончи нисбат додани илм-ул-китоб ба Мавлоно Алӣ (а) бо вуҷуди зикри Худо ва Расул далели ин аст, ки танҳо Мавлоно Алӣ (а) дар миёни Расул (с) ва мардум гувоҳ аст. Ин мумкин нест, ки дониши Худои доно ва бино ё Расули покаш аз Амири мӯъминон (а) камтар бошад. Аз ҳамин сабаб Мавлоно Алӣ (а)-ро олими китоб гуфтаанд. Ва ин гувоҳӣ ҳам гувоҳии оддӣ набуд, балки яҳуд, насоро ва ғайра бо далелҳои ақлӣ ва нақлӣ бо саволҳои гуногун (назди Паёмбар) меомаданд, ва мақсади онҳо ин буд, ки ба расолати он ҳазрат (с) ба ҳар роҳе ки бошад, шак пайдо кунанд. Вале бо ҳузури Амири мӯъминон (а) кӣ ҷуръат дошт, ки расолатро инкор кунад? Мавлоно Алӣ (а) ба саволҳои ҳар чунин шахс ҷавоб медод. Ин гуна ҳолатҳоро аз таърихҳо ба таври муфассал бихонед. Мавлоно Алӣ (а) танҳо аз ҷониби Худо ва Расул гувоҳ буд, ва ҳамин тавр дар ҳар замоне ҳамингуна шудааст. Илм-ул-китоб дар зоҳири ҳамин Қуръони шариф аст, ва мувофиқи ҳамин ояти Қуръон, танҳо Имом Замон (а) — бидуни шак дар ин аср Мавлоно Муртазо Алӣ (а) — соҳиби илм-ул-китоб аст. Ва далели қатъии ин оят ҳамин аст, ки байни Расул ва уммат хосиятҳои зиёди Имом Замон (а) ҳастанд.

**Аввал:** Имом Замон (а) аз ҷониби Худо ва худаш дар миёни Расул ва халқ гувоҳ аст.
**Дуввум:** Имом Замон (а) донотарини мардум аст ва доноӣ яке аз ҷиҳатҳои шоистагии гувоҳ шудани ӯ дар байни Расул ва уммат буд. Ва шахси дигар гувоҳ шуда наметавонист.

**Сеюм:** Имом Замон (а) дар дунё ҳамеша зинда ва пойдор аст, зеро ки ин гувоҳӣ дар дунё то қиёмат боқӣ хоҳад монд.
**Чаҳорум:** Имом Замон (а) донандаи тамомият маънии аслии Қуръон аст.

**Панҷум:** Имом Замон (а) равшанкунандаи дин аз Қуръон аст, зеро ки гувоҳ барои ҳамин шудааст, ки Исломро аз шарри душманон ҳифз кунад ва динро равшан намояд. Ҳамчунин дар ин оят ба таври куллӣ равшан аст, ки масъулияти Қуръон аз ҷониби Худо ва Расул, ғайр аз Имом Замон (а), ба каси дигар дода нашудааст — ва ин фаисала (қарори) Худо ва Расул аст.

# Луғоти оятҳои матлуба:

Ҳарфи «ва» дар инҷо илова бар ҳарф васлкунанда (ътф) будан, инчунин барои савганд (қасам) ва маънии «рубба» низ истифода шудааст. Лафзи «кул» се шакл дорад: бо танвин **«**кулан, кулин, кулун**»** (ҳама) **«** кула, кули, кулу» (ҳама) «ал-кул» — ба маънои «ҳамаи ҳамагон» аст. Лафзи «Шайъ» яъне чизе аз рӯҳониён ва ҷисмониён ки илм ва хабар доштан аз он мумкин бошад ва маъқул бошад. «аҳсайнаҳу» бар вазни «ахфайнаҳу» омадааст ва «моддаи» он «ҳасӣ» бар вазни «хафӣ» мебошад, ки маънояш «ҳасӣ» (сабт кардан ё ҳисоб кардан) аст.

1.Ахота кардан, 2. Шумордан о забт кардан, 3. Сангриза задан, 4. Сангриза, 5. Санг гаранба, яъни гоҳар, 6. Адод, раъй, ақл, 7. Вафир ал-ақл, 8. Хатм кардан, 9. Фарамуш накардан, ёд доштан, 10. Навиштан, 11. Мукаммал намудан, 12. Қарор кардан, 13. Дар ҳисор илм овардан ва ғайра. "Мубийн" баёнкунанда, гӯянда, ошкор, захер, тарҷуман ва коркун миён ду чиз. (Лоҳу ал-таъвил). Шумо бояд донист ки дар Қуръон Карим лафзи (ҳасӣ) барои маънои болотар ва иҳотаи адад (ҳам) мустамал шуда аст. Қавлуҳ таъала: "Сура 72 Айат 26 ило 28 –

عَالِمُ الْغَيْبِ فَلَا يُظْهِرُ عَلَىٰ غَيْبِهِ أَحَدًا ﴿٢٦﴾ إِلَّا مَنِ ارْتَضَىٰ مِن رَّسُولٍ فَإِنَّهُ يَسْلُكُ مِن بَيْنِ يَدَيْهِ وَمِنْ خَلْفِهِ رَصَدًا ﴿٢٧﴾ لِّيَعْلَمَ أَن قَدْ أَبْلَغُوا رِسَالَاتِ رَبِّهِمْ وَأَحَاطَ بِمَا لَدَيْهِمْ وَأَحْصَىٰ كُلَّ شَيْءٍ عَدَدًا ﴿٢٨﴾.

# танзил:

Ӯ данандаи ғайб аст ва ҳеч касро бар ғайбаш огоҳ намесозад магар пайғамбаре ро ки мепсандад ва ангоҳ ҷило ва ақаб бар ӯ назирон мегуморад то бидонад ки онҳо пайғомот парвардигориашро расонидаанд ва дар аҳота дар овард ҳар он чизиро ки дар наздашон буд ва ҳар чизро дар адад аҳота намуд.

# таъвил:

Маънии «ғайб» — пӯшида ва дур аст; барои Худо на чизе пӯшида аст ва на дур. Аз ин рӯ, лафзи «ғайб» нисбат ба махлуқот муқаррар шудааст. Акнун бишнавед! Барои аҳли осмон, замин дур ва пӯшида аст ва барои аҳли замин — осмон ғайб ва дур аст. Ҳамчунин,

барои Машриқ — Мағриб ғайб аст ва барои Мағриб — Машриқ нопадид; аз шимол — ҷануб дур ва аз ҷануб — шимол пӯшида. Ҳама зарраҳои инсон, ҷондорон, наботот нисбат ба якдигар ғайб ҳастанд. Олами рӯҳонӣ аз дунё пинҳон аст ва дунё аз мурдагон пӯшида. Пас барои «ғайб» ҳаде муайян нест, ки ҳақиқатан онро «ғайб» гӯянд. Боз «ғайб» ҳамин олам аст, зеро номи пӯшидагӣ ва дурӣ дар воқеъ «ғайб» аст. Боз, пӯшидагӣ — номи ҳиҷоб ва дурӣ — номи масофа аст. «Ҳиҷоб ва масофат» — ҷисм аст; дар ҷон ва ақл на ҳиҷоб ҳаст ва на масофа.

Аз ин рӯ, мефармояд, ки Ӯ дорандаи ғайб аст ва сатҳи он — ки олами улувист — касеро барнамехезонад, магар он ки аз расулон баргузида бошад. Яъне ҳазрати Мавлоно Муртазо Алӣ (а) — лизикрихис-суҷуд ва тасбеҳ дар дараҷаи Қоим (а). Пас ҳамин Қоим (а) шахсони имомати қабл ва баъд аз худро, ки нозирон мебошанд — яъне гувоҳони расулон мебошанд — дар риштаи Нури Худо пайванд медеҳад, то маълум гардад, ки эшон паёмҳои Парвардигори худро — яъне ҳазрати Қоим (а)-ро — расонидаанд. Ва Қоим дар зоти худ гирифт ҳар ончиро ки назди онҳо буд, ва ҳар чизро дар адад аҳота кард. Яъне Ӯ кулли оламро ба ҳолати рӯҳонӣ ва бидуни ҳайуло ё ба сурати латеиф ҷисми кул ро ба олами боло расонид. Ҳамин аст маънии бархостани ин ҷаҳон.

Ин ҷо нуктае ҳаст, ки савол металабад: рафтани мӯъминон ба олами боло аз худ мумкин нест, балки ба василаи Имом ё ҳудуд аст. Ба ин васила нисбат додани феъли анбиё ва имомони тамоми давр ба Қоим (а) ва набудани мозӣ ва мустақбал дар олами боло, ҳазрати Қоим (а) силсилаи имомати қабл ва баъди худро бо риштаи Нури Илоҳӣ дар дилҳои пайғамбарон пайванд медеҳад, зеро назорати ҳақиқӣ танҳо дар дил аст.

Азин субут таъвили ин матлаб рушан шуд ки номи феъл охирин даври бузурги «ҳасӣ» аст ва он феъли Ҳазрати Қоим (а) аст ки (дар он) ҳама ҳолатҳо, воқеиятҳо, таворихи кулли каъинат ва тамоми илмҳо ва фаннҳо ва нақшҳои махлуқоти замин у осмонро аҳота мекунад ва онҳо ро аз ҳиуло муҷарад мекунад ки лафзи дигари (ин феъл) «кун» аст. Сохтани касиф аз латийфро «халқ» ва (сохтан) латийф аз касифро «кун» гӯянд ки дар «халқ» вақт мегирад ва дар «кун» ҳеч вақте нест.

**Таъвил оят:**

**«Сураи 36, ояти 12 -** وَكُلَّ شَيْءٍ أَحْصَيْنَاهُ فِي إِمَامٍ مُّبِينٍ»

Тарҷума: «Ва мо ҳар чизро дар Имоми зоҳир аҳота кардаем.» **«Аввал»**: Яъне, ҳамаи чизҳо дар шакли рӯҳонӣ ҷамъ карда шудаанд. Ин маънoро дар калимаи **«Аҳсой»** ё иҳота кардан пӯшида аст, чизиро иҷозат надиҳад, ки ҷое равад; маҳдуд кардан, ҷамъ овардани чизҳои мунташир, маҳдуд кардан, якҷояи чизҳои мунташар, онҳоро дар забт ва қобу нигоҳ доштан, наздики бо ҳамон чизҳо ва ғайра.

**Дуввум**: Мо ҳамаи арвоҳ ва ақлҳоро дар Имоми зоҳир маҳсур кардаем, ки Имоми замонаи (а) ишон мебошад. Мурод аз «إِمَامٍ مُّبِينٍ» бо танвин – як Имом аз миёни имомон аст. Он чизе ки дар рӯҳоният аст, ғайр аз ақл ва рӯҳ, дигар чизе нест. Пас, мурод аз «чизҳо» – арвоҳ ва ақлҳоянд. Акнун агар бар асоси баёни зикршуда ин савол пеш ояд, ки шумо дар тавзеҳи калимаи «аҳсо» будани нақшҳои тамоми оламро (дар Имомӣ мубин) исбот карда

будед, пас он ҳама чизҳо чӣ гуна метавонанд ақл ва рӯҳ бошанд? Ҷавобаш ин аст, ки агар масалан дар рӯҳоният нақши санг ҳам бошад, он ҳам соҳиби ақл ва рӯҳ аст.

**Севвум**: Мо ҳар чизро дар Имом (а), ки соҳиби илми баён аст, таъвил омӯхтем. «Сангреза задан» дар таъвил – пурсидани масоилро мегӯянд ва маънии «мубин» – «байонкунанда» аст.

**Чорум**: Мо ҳар як чизеро, ки арз буд, дар Имом ба сифати ҷавҳар қарор додем. Ҳақиқати сангриза, лаъл, ёқут ва ғайра аст, ки онҳоро ҷавҳар меноманд.

**Панҷум**: Мо ҳамаи илмҳо ва маърифатҳоро дар гавҳари ақл, ки назди Имоми замон (а) аст, ҷамъ овардаем.

**Шашум**: Мо тамоми ашёи ҳар ду оламро дар Имоме, ки дар байни ҳар ду олам қарор дорад, ҷамъ кардем. Мурод аз «кулли шайъ» чизҳои ҳар ду ҷаҳон аст. Ва «мубин» бар вазни «муқим» аз решаи «байн» аст, яъне ҳозир ва бошандаи миёни ҳар ду олам.

**Ҳафтум**: Мо «кул» – ҳар чизро дар Имом (а) ҳамчун ҷавҳари зоҳир сохтем.

**Ҳаштум**: Мо ҳамаи чизҳои ҳар ду ҷаҳонро дар Имоми гӯё мутамарказ кардем.

**Ба хулоса**, аз миёни латоиф, яъне чизҳои латиф ва нозук, ҳеҷ чизе нест, ки он дар зоти олии сифоти Имоми замон (а) вуҷуд надошта бошад. Аз ҳамин сабаб, дар ташриҳ ояти шарифи зикршуда, ҷое барои шубҳа ва шак нест. Зеро тамоми далелҳои собиткунандаи дурустии ин таъвил мавҷуданд. Як далели иловагӣ бар он далелҳои зикршуда ин аст: агар барои ақл бе ҷисм будан дар дунё мумкин мебуд, пас ҳатман он ақл бе ҷисм вуҷуд пайдо мекард. Чаро ки агар инсон битавонад кори худро ба таври беҳтарин ва комил анҷом диҳад, дигар ба касе ниёз надорад. Дар ин маврид, метавон аз «ақлҳои ҷузъӣ» каме донише, ки ба «кулл»-и онҳо таалluқ дорад, ба даст овард. Ва он ин аст: агар дар он олам тамоми васоити такмили ақлҳои муҷаррад (бе ҷисм) имконпазир мебуд, пас омадани онҳо ба ин ҷо (яъне ба дунё) зиёдатӣ мебуд.

Аз ин равшан мегардад, ки беҳтарин роҳи такмили ақл – ҳамин роҳест, ки ҳоло вуҷуд дорад.

**Қавли Таоло**:

**Сураи 30, ояти 30**

«فِطْرَتَ اللهِ الَّتِي فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا».

Тарҷума: **Офариниши Худо ҳамон аст, ки тибқи он мардумонро офарид.**

Яъне офариниш дар гузашта низ ба таври умум ҳамон гуна сурат гирифта буд, ки ҳоло дар замони шумо иттифоқ меафтад. (Дар таъвили ин оят хазинаи беинтиҳои илми тавҳид нуҳуфтааст. Аз ин рӯ, бузургоне ки бо ин илм пайванд доранд, метавонанд аз он баҳра бардоранд.)

Чун ин исбот шуд, ки робитаи ақли ҷузъӣ бо инсони ноқис аст ва он танҳо бар асоси ҷисм сазовори номи «ақли ҷузъӣ» мешавад, пас равшан гардид, ки робитаи ақли куллӣ бо инсони комил аст. Ҳамин тавр, робитаи рӯҳи ҷузъӣ низ танҳо бо инсони ноқис ва рӯҳи куллӣ бо инсони комил мебошад.

Пас, ин далели равшан аст, ки дар инсони комил рӯҳи комил ва ақли комил ҳузур дорад ва аз иттиҳод, инҳисор ва иҳотаи ин се чиз (ақли кулл, рӯҳи кулл ва ҷисм) берун аз онҳо чизе нест. Ман барои фаҳмонидани маънои «Кулл» — рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ — дар ин китоб фасле навиштаам.

**Мисол**: Шохаҳои гуногуни об, ки аз баҳр дур шудаанд, ҷузъҳои баҳр мебошанд ва худи баҳр **«Кулл»** ё маҷмӯи ҳамаи ин шохаҳо мебошад. Яъне ба тартиб: намии ҳаво, абр, борон ё барф, яххои доимии кӯҳҳо ва обе, ки ба ҳар шакле бошад, ба замин дохил мешавад ва баъдан ба шакли чашмаҳо берун меояд ё дар заминҳои ҳамвор ба сурати чоҳҳои кандашуда бароварда мешавад; ҳамчунин дар шакли ҷӯйҳо, каналҳо ва наҳрҳо падид меояд. Намие, ки дар растаниҳо вуҷуд дорад — ҳатто агар дар бехтарин гиёҳ бошад ҳам — ва низ намии ҳамаи ҳайвонот — хоҳ хурдтарин бошанд ё не — ҳамаи инҳо ҷузъҳои баҳранд, ва баҳр **«Кулл»** ё маҷмӯи ҳамаи ин ҷузъҳост.

**Ҳаво**, ки табиаташ аз гармӣ ва тарӣ иборат аст, **гармиро** аз кураи асир (яъне кураи оташ) ва **тариро** ҳамеша аз баҳр мегирад. Пас, ҳаворо мисли ҷисми оташ ва рӯҳи баҳр тасаввур кун. Зеро бо далели латофат ва таркиби ин ду, ин мисол дуруст ва қобили қабул аст.

Ҳоло бо гӯши хуш гӯш андозед: ҳарчанд ки баҳр аз ҷузъҳояш дур ва ҷудо менамояд, дар ҳақиқат он **бар ҳамаи ҷузъҳои худ иҳота дорад**. Шумо набояд аз ин тааҷҷуб кунед. Ман бо далелҳо исбот хоҳам кард, ки чӣ гуна баҳр бар ҷузъҳои худ иҳота дорад.

**Далели аввал** ин аст, ки мувофиқи баёни зикр шудаи боло, хурдтарин қатраи обе, ки аз баҳр дур шудааст, чунин нест, ки аввал аз баҳр ҷудо шуда омада набошад ё он ки дар ҷои дигаре аз худ ё ба воситаи чизе дигар пайдо шуда бошад. Балки тамоми шохаҳои зикршуда аз ибтидо бо баҳр пайваста буданд. Аз ин рӯ, он чизе ки «баҳр» ном дорад, бар ҳамаи ин аҷзо (ҷузъҳо) иҳота дорад. Ва тамоми оби хушкӣ ба сабаби «кулл»-и худ, ки ҳамон баҳр аст, таванест ба хушкӣ расанд. Ва баъди расидан ба ин ҷо, як миқдор об, дар ҳамроҳии унсурҳои дигар (хок, ҳаво, оташ), дар шакли набототот, ҳайвонот ва инсонҳо зоҳир гардид. Фарзи мисол, агар ин об дар дохили як санг ё кӯҳи сахт ё зери замин мебуд ва ҳазорон сол он ҷо мемонд ва нопадид намешуд, ва роҳи хориҷшавие намедошт, ҳаргиз он об берун намебаромад. Ва он арзиш ва аҳамиятеро надошт, ки ҳоло дар сохтани ҷисми наботот, ҳайвонот ва инсонҳо дорад. Ҳамин тавр, каме андеша кунед дар бораи барка ва ҳавз! Дар фасли гармо, оби барка ва ҳавз дар чанд рӯз ё ҳафта пурра ба хатм мерасад. Яъне тадриҷан ба шакли бухор ба ҳаво мепайвандад. Оё медонед, ки чаро ин об ба хатм шуд? Барои он ки оби барка ва ҳавз ба манбаи «кулли» худ, яъне баҳр, пайваста набуд. Воқеият аён аст: агар ба барка ё ҳавз обе аз як ҷӯй, наҳр ё борон пай дар пай ё ҳатто гоҳ-гоҳ мерехт, он об ҳаргиз хушк намешуд. Пас маълум шуд, ки ҳамаи обҳои хушкӣ ҷузъҳои баҳранд, зеро онҳо аз он ҷо меоянд ва ба ҳамон ҷо бармегарданд, ва ғайр аз баҳр, инҳо хатм мегарданд.

**Тибқи ҳадиси шариф**: «كُلّ شىءٍ يَرجعُ الى اصلِهِ»

**Тарҷума**: «Ҳар чиз ба асли (реша, бунёд, асос, кон ва кулли) худ бармегардад.»

Чунончи **асл** ё **«кулл»**-и ҳар чиз, бар он чиз **иҳота** дорад, зеро он ҳамеша дар зери таъсири доимии амали кулли худ қарор дорад. Мисол, як рӯди бузургеро тасаввур кунед, ки аз баҳр дур шуда ҷорӣ бошад. **Сабаби ҷорӣ будани рӯд** дар он аст, ки аз ҷониби баҳр ба воситаи амали доимии худ, онро ҳамеша ба ҳаракат меоварад (ҳал медиҳад). Яъне, агар аз баҳр борон наборид ва оби нав пайваста нарасид, баъд аз муддате ин рӯд хатм (қатъ) мегардад.

**Далели дуюм**: **Ҳаво**, ки (гарму тар аст), нисбат ба баҳр мисли **рӯҳ** аст ва баҳрро дар тамоми фаъолиятҳояш кӯмак мекунад. Ва худи баҳр низ ба ҳаво ёрӣ мерасонад. Яъне ҳаво **тарии худро ҳамеша аз баҳр мегирад**. Пас, **ҳаво**, ки бешак барои баҳр ба ҳайси **рӯҳ** мебошад, амали баҳр бо **ширкати ҳаво** бар тамоми ҷузъҳои худ иҳота дорад.

Аз ин далелҳо собит гардид, ки аз нигоҳи ҷисмонӣ низ мисолҳои муҳит шудани чизҳо вуҷуд дорад. Мисол, тасаввур кунед, ки як **падшоҳ мухтор** ё **роҳбари донишманд** чӣ гуна як мамлакатро бо тадбир худ (ҳокимияти худ) мамлакатро (давлатро) иҳота намуда аст. Ин падшоҳ ё роҳбар, ҷуз аз иҳота кардани мамлакати худ, инчунин дар **дилаи** мардумаш низ қарор дорад. Ва он чизе, ки дар дилҳои мардум вуҷуд дорад, ин аст, ки одамон ё хушҳоланд ё норозӣ — ва ин хушнудӣ ё норозигӣ чизи дегар нест ҷуз асароти он ҳоким.

Аз ин мисол маълум шуд, ки чунин чизҳо ҳамон гуна ҳастанд, ки аз бисёре аз чизҳои дигар пайдо мешаванд, вале худашон кам ё зиёд намешаванд. Ва чунин чизҳо танҳо **руҳонӣ** мебошанд. маълумоти асосии матлаб ин аст, ки агар дар шакли ҷисмонӣ низ мисолҳое аз чизҳое вуҷуд дошта бошанд, ки ҳар кадомашон дар ҷойи худ қарор доранд ва метавонанд бисёр чизҳои дигарро иҳота кунанд, пас роҳи ба сабаби хусусият худ аз ҷисм хеле болотар аст. Ба ҳар ҳол, ҳамон гуна ки **кулл** ҷисмонӣ бар тамоми ҷузъҳояш иҳота мекунад, ба мисли **кӯраи Замин** ки бар **заррaҳои хок** иҳота дорад, **баҳр** бар **заррaҳои об** иҳота мекунад, **кӯраи ҳаво** бар **заррaҳои бод** иҳота мекунад, ва **кӯраи асир** бар **заррaҳои оташ** иҳота мекунад. Ҳамчунин, **фалак**и **қамар** (кулл) бар ҳамаи аҷзо ва заррaҳои худ иҳота мекунад ва аз ҳама амал мекунад. Ва ҳамин гуна ҳар фалак, ки ба таври куллӣ «кулл»-и аҷзо ва заррaҳои худро иҳота мекунад. Ва дар охир, флакқи **нӯҳум** (кулл) бар ҳамаи аҷзо ва хоки афлак ва унсурҳои элементӣ иҳота мекунад ва аз поён то боло, яъне то флакқи нӯҳум, ҳар **кӯраи боло бар кураи поён** муҳит аст. Аз флакқи **ҳаштум** то **кӯраи хок** ҳар **кӯра** дар **кӯраи болоӣ** тавре гирд омада аст, ки қабатҳои **пиёз** — қабати поёнии болоӣ бар қабати поёнӣ муҳито аст, ва қабати поёни мавҷуд дар зери қабати болоиҳуд қарор дорад. Шакли зоҳири ин олам, ба таври кулли, чунин аст, вале тасаввури ҳаракатҳо дигар аст, ки дар доираи аз шакли тирҳо намуда шуда аст.

**Як далели дигаре бар фаро гирифта шудани олами латӣф аз ҷониби нури Имомат** ин аст, ки офтоб мувофиқи ҳикмат ва адл дар мадори миёнаи ин олам қарор дорад, яъне дар маркази диаметри осмони чорум. Аз ин қиёс метавон фаҳмид, ки он масофае, ки аз офтоб то канори олам ҳаст, ҳамон қадар масофа аз офтоб то марказ низ

ҳаст — то офтоб тавонад дар мадори худ чарх зада, нери худро ба тамоми ҷисми кулл яксон бирасонад.

Акнун бояд гуфт, ки агарчӣ офтоб худ аз осмонҳо иҳота шудааст, аммо бо нури худ тамоми оламро фаро мегирад. Чунончи шабонгоҳ, вақте ки осмон соф аст, чӣ қадар ситорагон ба рӯи замин нур мепартоянд. Оё ягон бор андеша кардаед, ки ин рӯшноии андаке, ки аз ситорагон ба замин мерасад, аз чӣ қадар масофа меояд?

Пас Бишнавед: масофаи ин рӯшноӣ, нисбат ба масофаи рӯшноии рӯзона, се маротиба зиёдтар аст. Яъне — аз офтоб то ситораҳои осмони ҳаштум, аз он ситорагон то осмони чаҳорум, ва аз он ҷо то ба замин. Дар рӯз рӯшноӣ бевосита аз осмони чаҳорум мерасад, аммо шабона масофа миёни офтоб ва ситорагон, сипас аз ситорагон то осмони чаҳорум ва то ба замин, бисёр зиёдтар аст. Пас қиёс кунед: **нури офтоб то чӣ андоза дур метавонад расад**.

**Аз ин далел яқин ҳосил мегардад**, ки рӯшноии офтоб то ба сатҳи ин олам мерасад ва бо нури худ тамоми оламро фаро гирифтааст. Аз ин мисол бояд дарк кард, ки **Имоми Замон (а)**, ки дар осмони чоруми олами дин ҷилвагар аст, аз ин ҳам фарохтар ва комилтар **тамоми олами динро иҳота кардааст**.

Зеро офтоб танҳо як ҷисм аст ва ҷисм бе ҳаракат ба ҳар ҷо расида наметавонад. Аммо **Имоми Замон (а)**, ки руҳ аст, яъне **нур аст**, фақат бо **иродаи худ** метавонад ба ҳар куҷое, ки бихоҳад, бирасад.

---

# Ҳақиқати Кулл ва Ҷузъ

Номи рӯҳи оламгир «нафси кулл» аз он сабаб гузошта шудааст, ки тамоми нафсҳои инсонӣ аз аввал то охир аз он ба вуҷуд омадаанд. Чунончи ки нафсҳои тамоми махлуқот ҷузъҳои нафси кулл ҳастанд. Аммо нафси куллро наметавон мисли як «кулли» ҷисмонӣ тасаввур кард, зеро ҷисмҳо аз порчаҳои зиёде иборатанд ва агар як зарра аз онҳо ҷудо карда шавад, дигар онҳоро наметавон «кулл» номид. Ва агар дар чунин кулл ғайр аз як ҷузъи худ, ҷузъҳои дигареро дохил кунем, боз ҳам онро кулл номидан дуруст нест, зеро як ҷузъи он аз кулл ҷудо аст ва бинобар ин, он дигар сазовори номи кулл «ҷомиул аҷзо» яъни аз ҳамаи ҷузъҳо намешавад. Вале агар он ҷузъи ҷудошударо боз ба ҳамаи ҷузъҳо «ҷомиул аҷзо» баргардонем, он гоҳ онро кулл номидан дуруст мешавад. Ва он воқеан сазовори номи «кулл» мешавад. Ин аст ҳақиқати кулли ҷисмонӣ ва ҷузъҳои он.

Акнун агар ба "Кул"-и рӯҳонӣ ва ҷузъҳои он диққат диҳем, метавонем аз илмҳои замони муосир, ки талабгорони руҳаниётро бо мисолҳои таълимӣ манфиатманд гардонидаанд, мисолҳои зиёде дарк кунем. Ин мисолҳои илмӣ муосир (science) ки намунаҳои охирини пешрафти моддӣ мебошанд. Аз ин рӯ, агар ба ҳақиқати марҳилаҳои камоли ҷисм ба назар андешамандона нигоҳ кунем, метавонем аз он бар камтарин дараҷаи қудрати рӯҳ пешбини кунем. Масалан, агар чизе аз олами олӣ дар ихтиёри мо набошад, тавассути мисоли бузургтарин сифати як чизи поёнӣ метавонем андозаи сифати хурдтарин чизи олӣ бифаҳмем. Ба таври фарз, як шахс дар канори як дарё нишаста, онро дар хаёлаш хеле чуқур ва бузург тасаввур кунад — ин тасаввур метавонад барои ӯ мисоли поёнӣ (оддӣ)-и баҳр бошад. Агарчи ӯ баҳрро надида бошад ҳам, боз ҳам метавонад тасаввуре дарбораи он пайдо кунад, ки то як андозае дуруст бошад. Илова бар ин, байни ҷисм ва рӯҳ хосиятҳои зидди ҳам бисёранд, ки бо онҳо метавонем қудрати рӯҳро ба таври ғайримустақим дарк кунем. Масалан, ҷисм фанӣ аст ва рӯҳ боқӣ — ва фанӣ зидди боқӣ аст. Барои ҷисм зарурати замон ва макон вуҷуд дорад, аммо барои рӯҳ на замон ва на макон муайян аст. Барои ҷисм монеаҳои зиёд вуҷуд доранд, аммо барои рӯҳ ҳеҷ чиз садди роҳ шуда наметавонад. Бо вуҷуди ҳамаи ин, дар ин давраи атомӣ пешрафти моддӣ то ҳадде расидааст, ки расидан аз як сайёра ба сайёраи дигар барои инсон имконпазир менамояд. Мо ҳар рӯз шоҳиди кашфиётҳои аҷибу ғайриодие мешавем, ки онҳоро метавон камолоти ҷисмонӣ номид. Аз ҳазорон мил дуртар бо воситаи телевизион, на танҳо сӯҳбат кардан мумкин аст, балки метавон якдигарро ҳам дид. Ҳамчунин телефон, радио, бесим, дурбин, филмҳои ҳаракаткунанда — бо он ки аҷибу ғарибанд, то ҳадде маъмул ва оддӣ шудаанд, ки дигар касе бо назари ҳайрат ба онҳо наменигарад.

Маълум шуд, ки ҷисм дар муқоиса ба рӯҳ ҳеҷ қудрате надорад, ё бо ибораи дигар, ҷисм дар муқоиса ба рӯҳ комилан беҳаракат ва беҷон аст. Бо вуҷуди ин, ҷисм бо воситаи рӯҳ метавонад корҳои фавқулода ва ғайритабииро анҷом диҳад; масофаи ҳазорҳо милро метавонад дар чанд лаҳза тай кунад; чизҳоро, ки ҳазорҳо мил дур ҳастанд, метавонад бинад; ҳолатҳои ҳазорҳо солро метавонад таҳқиқ намояд; метавонад ба осмонҳо боло равад; метавонад тамоми коинотро дар як нуқтаи назар фишурда созад.

Хулоса, ҷисм ҳамаи он аҷоиб ва ғароиберо метавонад иҷро кунад, ки мо онҳоро мебинем ва мешунавем. Агар ҷисм, ки ҷойгоҳаш ҷуз як мушт хок чизе нест, ба ёрии рӯҳ чунин камолот ва аҷоиби бузургро анҷом дода метавонад, андоза кунед, ки рӯҳ ба худи худ то чӣ ҳад пуриқтидор ва тавоно бошад. Бо ин қиёс андозаи «нафси кулл» (рӯҳи кулл) — ро кунед, ки агар як ҷузъи он то ба чунин дараҷа қодир ва тавоно бошад, чӣ гуна мумкин аст, ки мо қудрати куллии онро андоза кунем ё тасаввури неруҳои номаҳдуди онро дошта бошем.

Дар пардаи симини синамо ба шумо он ҳама тасвирҳои ҳаракаткунанда намоён мешаванд, ва мебинед, ки ба ҳар ҷиҳати зиндагии инсонӣ танқид мекунанд. Байни ин тасвирҳо ва соҳибони тасвирҳо, яъне ҳунармандон (Actors), аслан ҳеҷ гуна камбудӣ дар вуҷуди онҳо рух надодааст. Тасвири шахсе, ки ҳазорон сол қабл вафот кардааст, дар пардаи синамо мисли як инсони зинда метавонад барои тамошобинон мояи фароғат гардад. Агар дар соҳиби тасвир ё ҳунарманд чунин ҳикмате мебуд, ки ба ҷойи аксакешӣ ё аксбардорӣ, худи тасвир (зинда) мешуд, он шахс аз қайди ҷисм озод шуда, ба як тасвири латиф мубаддал мегардид ва зиндагии ӯ аз ҷисми касиф раҳо шуда, ба ҷисми латиф (руҳонӣ) табдил меёфт.

Аз ин мисоли ҷисмонӣ чунин “кул”-ро метавон тасаввур кард, ки такмили он аз ҷузъҳо сурат гирифтааст ва баъдан он аз ҷузъҳо бениёз шудааст. Аммо агар бо кӯмаки ин мисоли ҳиссӣ як мисоли тахайюлии дигарро тасаввур кунем, ки он тамоман ба “кул”-и рӯҳонӣ наздик бошад — яъне тасаввур кунед, ки ҷаҳони филм як “кул”-и рӯҳонист ва тибқи тасвирҳо, соҳибони тасвирҳо аз худи тасвирҳо пайдо шудаанд, на ин ки аз онҳо тасвир гирифта шудааст. Яъне, қабл аз тасвирҳо соҳибони тасвир вуҷуд доштанд — маҳз ҳамин аст ҳақиқати рӯҳ. Чунончи дар ҳадис омадааст: «خَلَقَ اللَّهُ تَعَالَىٰ آدَمَ عَلَىٰ صُورَتِهِ الرَّحمٰن» яъне: “Худои Таоло Одамро ба сурати Раҳмонияти Худ офарида аст.” Мавлонои Рум, ки кашфкунандаи асрори илоҳӣ буд, дар бораи ин мавзӯъ чунин мефармояд:

**تن چو سایه بر زمین و جانِ پاکِ عاشقان**
**در بهشتِ عدن تجری تحتها الانهار مست**

Тан монанди сояест бар замин, аммо ҷони поки ошиқон
Дар биҳишти Адн масрур аст, ки зери он наҳрҳо ҷорӣанд.

**Тарҷумаи порча:**

Яъне, ҷисмҳои ошиқони илоҳӣ мисли соя бар рӯи заминанд, вале рӯҳҳои поки онҳо дар **Ҷаннати Адн** масрур ва маст ҳастанд. Он ҷо — боғи ҷовидона аст, ки **дар он нахрҳое аз асал, шароб, шир ва оби равон** ҷорӣ аст.

Ин ҳақиқат дар ин ояти Қуръони маҷид низ равшан аст:

**Сураи 15, ояти 21:**
وَإِن مِّن شَيْءٍ إِلَّا عِندَنَا خَزَائِنُهُ وَمَا نُنَزِّلُهُ إِلَّا بِقَدَرٍ مَّعْلُومٍ

«Ва нест ҳеҷ чизе, магар он ки ганҷинаҳои он назди Мо аст. Ва Мо онро намефиристем магар бо андозаи муайяне.»

Яъне, «нест чизе, ки ганҷинаи он назди Мо набошад; ва Мо он чизро ба андозаи қобилияти (ҷаҳон) нозил мекунем.»
«Маълум» номи ҳамин олами поён аст (олами моддӣ), ва мақсад аз «إِلَّا بِقَدَرٍ مَّعْلُومٍ» — гунҷоиши ҳамин ҷаҳон мебошад.

Аз ин маълум мешавад, ки **ҳар чизи хурдтарин** низ дар шакли **руҳонӣ** дар назди Худованд вуҷуд дорад. Маънои сухан ин аст, ки **мисол дар дохили мисол** меояд, яъне маъна ба таври маротиб ва таъвилӣ такрор мешавад. Бинобар ин, лозим аст бори дигар ба **ҷузъ ва кулли рӯҳонӣ** ва **ҳақиқати биҳишт** таваҷҷуҳ кунем.

**Яқини мо ин аст**, ки дар Қуръони шариф ҳар ҷое ки калимаи «Кул» (яъне "ҳама" ё "тамом") омадааст, дар он ҷо ҳатман маълумоти муталиқ ба кулл мавҷуд аст. Аз ҳамин сабаб, бо чашми басират (яъне фаҳми ботинӣ ва рӯшании дил) ба ин ояти пурҳикмат назар мекунем:

**Сураи 2, ояти 31:**
**«وَعَلَّمَ آدَمَ الْأَسْمَاءَ كُلَّهَا»**

Яъне*:* Худованд ба ҳазрати Одам (а) ба беҳтарин тарз ҳамаи номҳоро омӯхт ва **ягон номе намонд**, ки онро ба ӯ наомӯхта бошад — хоҳ он номҳо номҳои Холиқ (яъне номҳои Худо) бошанд, хоҳ номҳои махлуқот.

**Беҳтарин тарз (احسن الطریق)** дар он буд, ки Худованд тамоми маъноҳои пушти номҳоро ба ӯ дар биҳишт ба шакли нуронӣ ва рӯҳонӣ тадриҷан нишон дод. Ғайр аз худи номҳо, маънии номҳо, шакл ва суратҳои он чизҳое ки номҳо ба онҳо ишора доранд, ва тамоми ҳикматҳои пушти офариниш ва ҳатто нестшавии онҳо низ ба Одам омӯхта шуд. **Хулоса:** чизе намонд, ки дар илми "ал-асмо" (илми номҳо) зикр наёфта бошад. **Уламои бузурги дин** таҳқиқ кардаанд, ки илм дар асоси **алфоз (суханҳо)** ҳаст, ва **алфоз — ҳамон "асмо" (номҳо)** мебошанд. Ва ҳамаи ин **номҳо ва номбурдаҳо (мусамо)** дар ҳамин олам (мавҷудоти ҷаҳон) гунҷонида шудаанд.

**Одами ҳақиқӣ**, яъне **Ақли кулл**, тамоми ин оламро ба шакли нуронӣ ва маънавӣ тасвир мекунад — оламе ки аз он ҳеҷ ном ё номбурдае берун нест.

Ба як далел, ҳамаи лаззатҳо ва нозу неъматҳои рӯҳонӣ ва маънавӣ (ки ба Одам нишон дода шуда буданд), тибқи як ҳисоб, дар муддати **нӯҳсад ҳазор сол (900,000)** як маротиба ба поён мерасанд. Дар ин ҳолат эҳтиёҷ ба як амали нав пайдо мешавад. Аз ин рӯ, **Ақли кулл** мехост, ки **мазҳари даврии** худро ба дунё фиристад — дар ҳоле ки **ҳама неъматҳои рӯҳонӣ ва ақлонӣ** ба ҳолати худ ҳозир ва мавҷуд буданд. Ақли кулл дар зоти худ аз неъматҳо **беҳоҷат** аст, вале **аз ҷониби мазҳари худ** ҳоҷатманд аст. **Ин мазоҳир (ё сояҳои)** Ақли кул ва Нафси кул дар дунё ба сурати **Одам ва Ҳавво** пайдо шуданд, **ба ҳамон шевае** ки дигар инсонҳо пайдо мешаванд.

Аз баён кардани ин ҳақиқат, бовар кунед, ки биҳишт низ дар «КУЛ» мавҷуд аст ва агар ба ин назар бо дақиқи назар кунед, он шакли нуронӣ ва аломати ҷисмонии олам биҳишт аст ва ҳамон КУЛ руҳонӣ аст ва ҳамон худи охират ва олами латофат аст. Ҳамин матлабро метавон бо дигар калимот баён кард, ки агар бо чашми басират бинед, олами латофат ҳамин китоби Худо аст, ки барои хондани он дигар шубҳае намемонад.

**Қуръон** мегӯяд:

**«Сура 10, Ояи 37 - وَتَفْصِيلَ الْكِتَابِ لَا رَيْبَ فِيهِ»**

яъне: «Дар Қуръон тафсили он китоби ист, ки дар он шубҳае нест» — яъне боварии қатъӣ ва яқинии мукаммал аст ва ин яқинияти дуруст танҳо бо чашмҳои басират ё фаҳмидани сӯҳбат дарк карда мешавад. Агар олами латофат аз назар талаби лаззати роҳони дида шавад, он биҳишт аст.

**Қуръон** мегӯяд:

**«Сура 57, Ояи 21 - سَابِقُوا إِلَىٰ مَغْفِرَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ وَجَنَّةٍ عَرْضُهَا كَعَرْضِ السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ»**

Тарҷума: «Ба сӯи омурзиш аз Парвардигори худ ва биҳишт равед, ки паҳнои он ба андозаи осмон ва замин аст» — агар онро аз нигоҳи руҳонӣ бубинем, он ҳамон Нафси КУЛ аст.

**Қуръон** мегӯяд:

**«Сура 2, Ояи 255 - وَسِعَ كُرْسِيُّهُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ»**

Тарҷума: «Курсӣ ва арши Ӯ осмонҳо ва заминро фаро мегирад» —Ва агар ба назарияи илм ва ҳикмат нигариста шавад, ҳамон Ақл Кул аст.

Қавли Худо Таъоло: **«Сура 6, Аяи 80 - وَسِعَ رَبِّي كُلَّ شَيْءٍ عِلْمًا ۗ أَفَلَا تَتَذَكَّرُونَ»** тарҷума: «Парвардигори ман ҳар чизро дар илм (Ақл Кул) ҷой додааст. Пас, оё намеандешед?»

Иншааллоҳ таъоло, ҳамин мавзӯъ бояд бештар равшан шуда бошад, ки аз «КУЛ» руҳонӣ чизе берун нест ва ҳатто «КУЛ» ҷисмонӣ низ дар «КУЛ» руҳонӣ мавҷуд аст ва ин ду аз ҳамдигар ҷудо нестанд. Ҳоло дар бораи «КУЛ» руҳонӣ ҳамин қадар гуфтанист, ки «КУЛ» руҳонӣ дар асл тақсимнашаванда аст, яъне ин тақсим намешавад. Ба алфози дигар, руҳ чунин чизе нест, ки агар аз як ду гардад, дар он камӣ воқеъ шавад, чун камӣ ва зиёдӣ хусусияти ҷисм аст. Масалан, олами ҷисмонӣ яке аст ва шакли нуронии он, яъне олами руҳонӣ низ яке аст. Аммо аз ин як олами руҳонӣ, Худо таъоло метавонад на танҳо ҳазорҳо, балки олами бебозгаштро дар нуроният мавҷуд созад, то ба ҳар як аз бандагони худаш дар як олами ҷудо, шоҳаншоҳии абадӣ ато фармояд ва ин ҳам барои қудрати Ӯ шоҳидии мо аст, ки танҳо як руҳ дар он олами бешумор як вақт ба ҳар шакл ва сурат метавонад мавҷуд бошад ва ин ҳама тавассути «КУЛ» имконпазир аст.

# Чаҳор асл дар Имоми Замон (а)

Ҳазрати Паёмбар (с) фармуданд: «Аллоҳ аввалин чизе, ки офарид, ақл буд». Дар ҳадиси дигар фармудаанд: «Аллоҳ аввалин чизе, ки офарид, қалам буд». Ва дар ҳадиси дигар гуфтаанд: «Аллоҳ аввалин чизе, ки офарид, нури маро офарид». Ин се ҳадис дар миёни мусалмонон машҳуранд. Вале доноён медонанд, ки дар тартиби чизҳо се чиз наметавонад дар як замон аввал бошад, хоҳ он бартарии шарафӣ бошад ё авлавияти замонӣ. Ҳакимони дин ва бузургони аҳли тасаввуф гуфтаанд, ки хулосаи ин се ҳадис як чиз аст, яъне **ақл, қалам ва нури Муҳаммадӣ** як ҳақиқатанд.

Ҳамин тавр, мувофиқи фармони Расул ва Алӣ (а), онҳо нури воҳиданд, ва он **нури воҳид** Имом Замон аст. Ва ҳамин Имом Замон (а) аст, ки **Ақли Кулл**, **Нафси Кулл**, **Нотиқ** ва **Асос** мебошад.

Сабаби аввалини ин ҳақиқат, ки панҷ ном дар ҳамин як мусаммо вуҷуд дорад, чунин аст: **Ақли Кулл** касеро мегӯянд, ки бар тамоми ашё иҳота дошта бошад ва чизе берун аз доираи илми ӯ набошад. Зеро агар ҳатто як чиз аз иҳотаи Ақли Кулл хориҷ мебуд, номидани он ба "Кулл" (яъне куллӣ ва ҳамаро фарогир) имконнопазир мешуд. Чунонки дар фасли қаблӣ бо далели мустаҳкам зикр шуд, ки номи «Кулл» танҳо вақте сазовор аст, ки ягон ҷузъе кам набошад.

**Нафси Кулл** касеро мегӯянд, ки аз ҷиҳати ҳаёт ва ҷонибахшӣ ба тамоми ашё иҳота дошта бошад. Зеро агар ба фарз ба сурати маҳол, чизе аз доираи Нафси Кулл берун мебуд, он чиз ҳатман дар яке аз се ҳолат мебуд: ё аз Нафси Кулл комилтар мебуд, ё баробари ӯ мебуд, ё аз ӯ камтар мебуд — ва ҳолати чоруми дигар вуҷуд надорад. Аммо дар ҳар се ҳолат, воҳид будани он ду чиз лозим меояд, зеро ки **комил** нокисро бо худ **комил** мекунад. Агар ду чиз — ки ҳарду латиф ва бидуни ҳиҷоб бошанд — дар тамоми сифатҳо бо ҳам баробар бошанд, пас онҳо **фавран** бо ҳам меомезанд (яъне як мешаванд), зеро дар **олами амр**, барои ҳеҷ амале **вақт** лозим намешавад. Пас, маълум мешавад, ки миёни **Ақли Кулл** ва **Нафси Кулл** дар ҳақиқат **дуӣ нест**, балки **ду ном барои як зот** аст.

Ҳамин тавр, **Ҳазрати Муҳаммад (с)** аст, ки мувофиқи фармудаи Худо барои тамоми оламиён раҳмати Худованд мебошад.

**Қавли Таоло**:
«Сураи 21, ояти 107 — وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلَّا رَحْمَةً لِّلْعَالَمِينَ»
**Тарҷума**: «Мо туро нафиристодем магар раҳмате барои тамоми оламиён.»

**Оламиён** — ҷамъи «олам» аст, яъне: олами ҷисмонӣ, олами рӯҳонӣ, ва олами ақл (ақлони). Ба ибораи дигар, тамоми мавҷудотест, ки ба амри Худо ба вуҷуд омадаанд.

Пас, **он ҳазрат раҳмати кулл** шуд ва **нури раҳмати Ӯ** бар тамоми ашё фаро гирифтааст. Зеро **раҳмати Худовандӣ** тамоми ҷаҳониёнро иҳота кардааст. Ва ақл гувоҳӣ намедиҳад, ки болотар аз **раҳмати Худо** чизе бошад. Пас, **аҳли дониш** ҳаргиз қабул карда наметавонанд, ки дар **Ақли Кулл** ва **Нафси Кулл** раҳмат вуҷуд надошта бошад, ё дар **раҳмат** ақл ва ҳаёт набошад. Пас Асли воқеӣ ҳамин аст, ки: **худ ақл ва ҳаёт — раҳмати илоҳӣ мебошанд**, ва **раҳмати илоҳӣ — худ ақл ва ҳаёт** аст. Пас, бо ин далел равшан мешавад, ки: **Ҳазрати Муҳаммад (с)** дар замони худ **Ақли Кулл** ва **Нафси Кулл** буд.

Акнун **(тавзеҳи)** шинохти **Асос** боқӣ мондааст. **Асос** яъне **Бунёд**, ва ӯ дар ҳақиқат нахустин пояи тамоми коинот ва мавҷудот аст, ки ғайр аз ӯ ҳеҷ чиз қодир ба бақо нест. Ӯ оғози ҳамаи чизҳост. Номи мубораки ӯ – **Алӣ буд.** Ва ин номро **Худо** худаш гузоштааст. Чунон ки **гуфтори Худованд** дар **сидқ ва адл** комил аст, пас чизеро ки Ӯ «баланд» номад, воқеан **баланд мешавад**, ва ҳеҷ чизе аз он болотар нахоҳад буд. Тавре ки номи мубораки **Алӣ (а)** ба ҳукми **Худо** гузошта шудааст, маънии **«баландӣ»** дорад.

Баландӣ ё бартарӣ ду гуна аст**:** Бартарии шарифӣ ва бартарии макони, яъне баландии izzat (иззат) ва баландии ҷо**.** Дар ҳар ду маънӣ, **Мавлоно Али (а)** аз ҷумлаи ашёи болотар аст**,**
зеро нури ӯ ба номҳои **Ақл Кул**, **Нафс Кул** ва **Раҳмат Кул** бар **Кул** оламу маълумот ҳоким аст.
Ба ҳамин тартиб, **Мавлоно Али (а)** аз ҷумлаи махлуқот баландтар аст ва гуфтан, ки ӯ **баландтар аз «Кул»** аст, комилан дуруст аст.

Ин гуна бартарӣ танҳо ба номи ӯ маҳдуд намешавад**,** балки дар ӯ он ҳама сифатҳо мавҷуд аст, ки ба воситаи он **бартарӣ** дуруст ва аслӣ мешавад,
яъне дар ин бартарӣ ҳамон ҳама чизҳо ва сифатҳо таҳти дарки **Ақл**, **Рӯҳ** ва **Раҳмат** қарор доранд. **Ҳамон тавр ки** Мавлоно Али (а) **Ақл Кул**, **Нафс Кул** ва **Раҳмат Кул** мебошад.

Ҳамингуна **Имоми Замон (а)** аст, ки дар ӯ ҳамон нур аст, ки дар **Муҳаммад (с)** ва **Али (а)** буд, ва тамоми **сифатҳои зикршударо** ӯ ҳамеша дорост.
Калимаи **Имом** аз **масдар «умм»** мутақ аст, ки маънои **Имоми қавм** ва **Умм-ил қавм** яксон аст, яъне **сарвари қавм** ё **имом-и қавм**. Баъзе вақтҳо ҳамин калимаи "ум" ки маънои имомро дорад, ба "умма" (имом) табдил мешавад.
Ҳамин тавр, ки халиф ба халифа**,** малаик **ба** малаика **ва ғайра, чунончӣ дар** Қуръони ҳаким **омадааст:**
**«Сураи 16, Ояти 120 - إِنَّ إِبْرَاهِيمَ كَانَ أُمَّةً قَانِتًا لِّلَّهِ حَنِيفًا وَلَمْ يَكُ مِنَ الْمُشْرِكِينَ»**
**Тарҷума:**
**«(**Албатта) Ҳазрати Иброҳим (а) имом буд ва инчунин бо андеша ва имон ба тавҳиди Худо ва сарвари муваҳҳидон буд.»

Баъд аз ин тасвир ва шарҳ, мо бояд ба аслияти калимаи "умм" ва имом назар кунем. Маънои калимаи "умм" ё имом асли ҳар чиз аст; яъне чизе, ки он аз ҳама аввал аст ва аз он чизҳои бисёр пайдо шудаанд. Мисолан (маънои) "уммул-китоб" — асли ҳамаи китобҳо; эҷодкунандаи китобҳои осмонӣ ҳар замон ва ҳар давр он асл ва эҷодкунандаи нури имоми замон аст. яқин доред, ки имом ва замони (а) асл ва оғози ҳар китоб осмонӣ ва ҳар чиз аст. Ва ҳамин асл аст, ки пеш аз ӯ чизе нест. Пас, "уммул-китоб" яъни имоми замони (а) аст, ки

худ ақл, рӯҳ ва раҳмат аст ва аз ҳама болотар аст; яъне нури якта ақл кул, нафс кул ва натиқ ва асоси нури имоми замони (а) аст.

**Қул: "Сураи 15, ояти 79 - وَإِنَّـهُمَا لَبِإِمَامٍ مُّبِينٍ"**
**Тарҷума:**
«Яъне, ақл кул ва нафс кул ҳарду тавассути имоми мубин кор мекунанд.»

**عقل کُلّ و نفس کُلّ مرد خداست**
**عرش و کرسی را مدان کزوی جداست**

**Ақли кул ва нафси кул — марди Худост,**
**Арш ва курсиро мадон, ки аз ӯ ҷудо аст.**

# Татобуқи даври Маҳин, даври Каҳин ва рӯзҳои ҳафта

**Қавлуи Таоло:**

**Сураи 70, ояти 4**:

**تَعْرُجُ الْمَلَائِكَةُ وَالرُّوحُ إِلَيْهِ فِي يَوْمٍ كَانَ مِقْدَارُهُ خَمْسِينَ أَلْفَ سَنَةٍ**

Молоика ва Рӯҳ ба сӯи Ӯ (Худо) боло мераванд дар рӯзе, ки андозаи он панҷоҳ ҳазор сол аст.

**Сураи 22, ояти 47**:

**وَإِنَّ يَوْمًا عِندَ رَبِّكَ كَأَلْفِ سَنَةٍ مِّمَّا تَعُدُّونَ**

Албатта, як рӯз назди Парвардигори ту чун ҳазор сол аз он чизе аст, ки шумо мешуморед.

**Сураи 15, ояти 87**:

**وَلَقَدْ آتَيْنَاكَ سَبْعًا مِّنَ الْمَثَانِي وَالْقُرْآنَ الْعَظِيمَ**

Ва албатта, Мо ба ту ҳафт (оят) аз такроршавандаҳо ва Қуръони Азим додем.

**Сураи 14, ояти 5**:

**وَذَكِّرْهُم بِأَيَّامِ اللَّهِ ۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَآيَاتٍ لِّكُلِّ صَبَّارٍ شَكُورٍ**

Онҳоро ба рӯзҳои Худо ёдрас кун, зеро дар он аломатҳоест барои ҳар сабркунанда ва шукргузор.

**49 + Қуръони Азим (Муҳтаҷаб مُحْتَجَب) = 50 × 1000 = 50000**

**7 + 7 = 14**
Яъне ҳафт Имом ва ҳафт Ҳуҷҷат аз фарзандони онҳо – бо тариқи ваҳдат ҳафт-ҳафт шахсият.

**Имомат: 7 × 7 = 49 нафар**
Яъне 49 шахсият (Имом) пас аз Паёмбари акрам (с) дар силсилаи Имомат ҳастанд.

# Ваҳдати ҳарҳафтагӣ аз ашхоси имомат чун, ҳафтами дин ва дуня

| Якшанбе | Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Одам | Нӯҳ | Иброҳим | Мӯсо | Исо | Муҳаммад | Қоим |



# Дусти Мустафо (с)

## Хироҷи ақида аз исмоилиёни Чин

Анбиё ларғаи Шоҳаншоҳи Мустафо нинг ёри ким?
Аввал Алии Муртазоем, Мустафо нинг ёри дур.

Ҳар ҷиҳод нинг лашкарӣга номдор сардори ким?
Зуълфиқор нинг эгаси Мавлоно Алии сардори дур.

Қайсӣ неъмат дур ки ту гумос лаззати ҳама роҳатӣ?
Ваҳиди Векта — Али нинг ранг-ба-ранг дидорӣ дур.

Сӯзла гӯчӣ Қуръон Али дур, ҳар либосӣ да ошкор,
Ҳар замон да, ҳар макон да, соҳиби асрорӣ дур.

Ҳам макон да, ла макон да, аршӣ да, ҳам фаршӣ да,
Муртазо дур, Муртазо нинг бӯ-ул-аъҷоиб корӣ дур.

Ёр нинг ҷилва аҷаб дур, ҳар замон мӯнга шаклӣ да,
Ошиқон лар нинг аҷаб бурд лабар айёрӣ дур.

Ман гул у гулзори дунёға фақат муҳтоҷ амас
Ҳар замон ҷону дилам да ишқи нинг гулзорӣ дур.

Шоҳ нинг дидор — ӯ чун бас биқарор дур шӯл Насир
Биқарор лар нинг қарорӣ Шоҳ нинг дидорӣ дур.

---

# Дӯсти Мустафо (с)
# (Тарҷума ба тоҷикӣ)

1. Шоҳаншоҳи анбиё — дӯсти ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) кист?
   Он ҳазрати Алии Муртазо аст, ки дӯсти Мустафо аст.
2. Сарвару амири номдори лашкари ҳар ҷиҳод кист?
   Соҳиби Зуълфиқор — Мавлоно Алии карромаллоҳу важҳаҳу — сардори он лашкар аст.
3. Он кадом неъмат аст, ки лаззат ва роҳаташ ҳаргиз поён намеёбад?
   Он дидори гулгунранги дилафрӯз — дидори зебои Алии муртазо аст.
4. Қуръони нотиқ — Алии карим аст, ки дар ҳар либос (яъне ҳар Имом) зоҳир аст;
   Соҳиби асрор дар ҳар замон ва ҳар макон мавҷуд аст.
5. Ҳам дар макон ва ҳам дар ла макон, ҳам бар арш ва ҳам бар фарш —
   Муртазост, зеро Муртазо соҳиби аҷоиб ва ғароиб аст.
6. Ҷилваи ёр аҷаб аст, ки ҳар лаҳза дар ҳазорон шакл падидор мешавад;
   Ӯ маъшуқи аҷибу айёри ошиқон аст.
7. Ман ҳаргиз муҳтоҷи гул ва гулзори дунё нестам,
   Зеро дар ҷони ман ҳамеша гулзори ишқи ҳақиқӣ ҳаст.
8. Ин «Насир» барои дидори шоҳи дин сахт биқарор аст,
   Қарори ошиқони биқарор — дар дидори он Шоҳ аст.

---

# Ғулом Алий (а)

## Ҷазбаи рӯҳияи исмоилиёни Шарқи Туркистон

**Ман Алиига банда дур, ман Шоҳи Султониям — Алии**
**Тоатиям, Ҳаҷҷиям, Намозиям, дин ва имониям — Алии**

**Кунту канзан махфиййан ингилап Худоям эйста сом**
**Бошқа бар кӣши топмадим, ул ганҷи пинҳониям — Алии**

**Дарду ғами дин чиғламаиман, чиғласам дидор у чун**
**Роҳатам, нӯриям, шифоям, ҳирзу дармониям — Алии**

**Кунда юзманг мақсадиям, топатиям Алии нинг фазли дин**
**Ҷонпаноҳиям, меҳрубониям, мушкили осониям — Алии**

**Шӯл замон Султон Муҳаммадшоҳ Алии дур — ул Алии**
**Нури Яздониям Алии дур, мағзи таран қурониям — Алии**

**Ҳайдари Сафдар Алии дур, Фотеҳи Хайбар — Алии**
**Шоҳи даврониям Алии дур, Шоҳи мардониям — Алии**

**Ло фатоҳи илло, ло сайфи илло Зу-л-Фиқор**
**Ҳар балодан соқла гӯчӣ сан, эй нигаҳбониям — Алии**

**Рамзи ҲаблуЛлоҳ Алии дур, Урватул-вусқо — Алии**
**Молики ҳуру қасру хулду Ризвониям — Алии**

**Якакаи олам дасахи Султон Муҳаммадшоҳ Алии,**
**Ҳашрда қозӣ Алии дур, шоҳи шоҳониям — Алии**

---

# Ғулом Алий (а)
**(Тарҷума)**

1. Ман ғуломи Алӣ (а) ҳастам, (ҳазрати мавлона имом) Султон Муҳаммад Шоҳи ман ҷаноби Алӣ (а) аст. Тоъат, ҳаҷ, намоз, дину имонам ҳамааш Алӣ (а) аст.

2. Чун шунидам ҳадиси қудсӣ "Кунту канзан махфийян", гӯё он ганҷро ҷустуҷӯ кардам — ҷуз Алӣ (а) дигареро наёфтам; ӯ ганҷи пинҳонии ман аст.

3. Ман аз дард ва ғам намегирем, ва агар ашк мерезам, ин барои дидори ӯст — чунки роҳати ман, нури ман, шифо ва паноҳи ва даво ман Алӣ (а) аст.

4. Аз меҳрубонии Мавло Алӣ (а) ҳар рӯз барои ман садҳо мақсад осил мегардад; паноҳи ҷони ман, меҳрубони ман ва ҳалкунандаи мушкили ман Алӣ (а) аст.

5. Дар ин замон, Алӣ (а) ҳамон Султон Муҳаммад Шоҳ аст — ӯ барои ман нури Яздон аст, мағзи Қуръон низ Алӣ (а) аст.

6. Ҳайдари Саффдор Алӣ (а) аст, фатеҳ (ғолиб)-и Хайбар Алӣ (а) аст, шоҳи даврон ва сарвари мардон низ Алӣ (а) аст.

7. Ҷавонмардӣ чун Алӣ (а) нест, шамшере чун Зулфиқор нест — маро аз ҳар бало нигоҳ дор, эй нигаҳбони ман, Алӣ (а)!

8. Алӣ (а) рамзи "ҳаблу-ллоҳ" аст, "урвату-л-вусқо" аст; соҳиби ҳурон, қасрҳо, ҷаннат ва ризвон Алӣ (а) аст.

9. Саховатманди ду олам — Мавлои мо Султон Муҳаммад Шоҳ Алӣ (а) аст ки Али замон аст; дар рӯзи қиёмат низ қозӣ ва шоҳи шоҳон Алӣ (а) аст.

# Мукримона ҳдияи ночизро чизе шумор

Эй шаҳе даври қиёмат нур Мавлона Карим
Моҳи гардун имомат нур Мавлона Карим

Бар замин ва осмон нур Худоии Зулҷалол
Баъиси фазлу каромат нур Мавлона Карим

Дидаи ботин чу бидҳӣ, шоҳи мулки дил шаванд
Мамлакатҳо зери гомат нур Мавлона Карим

Эй хушо! Диви ҷоҳилат аз ҷаҳон хоҳад гурехт
Аз наҳиби даври тамомат нур Мавлона Карим

Ҷон ман бо туст, ин тан сояи он ҷон хуш
Олам амн ва саломат нур Мавлона Карим

Бо ҳазорон ном як нурӣ ба ҳар даврӣ аён
Дар ҷаҳон бошад давомат нур Мавлона Карим

Ҷомеи-ул-асмост номат, акрам ва мукаррам туӣ
Ҷон фидо созам баномат нур Мавлона Карим

Ёфта ошиқ зи ту ганҷи муроди ду ҷаҳон!
Аз гуҳарҳоии каломат нур Мавлона Карим

Ҷуз васоли ту нахоҳад ин ҷаҳон ва онҷаҳон
Он ки шуд махмур ҷомат нур Мавлона Карим

Эй сипеҳри ақл ва ҷон, фаиз бахши ва нурбор
Кам набошад фазли оммат нур Мавлона Карим
Маркази илм ва ҳақоиқ, руҳе мобсоти ду кавн
Дини қоим дар низомат нур Мавлона Карим

Чашми ҷон ошиқонро нур ту, нури назар
Гӯш-и ҳушшишон пайомат нур Мавлона Карим

Ишқ дида сад қиёмат аз қиёмат пештар
Аз ту ҳар дам сад қиёмат нур Мавлона Карим

Ром нашавад тусани даврон ба шоҳон ва муҳон
Хуш Турон андар лаҷомат нур Мавлона Карим

Ҷилвоҳии ранг-бар-ранг бинанд дар дунёи дил
Аз рухи моҳ тамомат нур Мавлона Карим

Макрамона ҳадяи ночизро чизе шумор
Аз Насируддин ғуломат нур Мавлона Карим